ГУЛНАЗАР

# ДАР ЧОДАРИ САФЕДИ МАҲТОБӢ

1

Душанбе
«Адиб»
2015

ББК 84 Тоҷик 7-5
Г-76

Муҳаррир *Сайидалӣ Маъмур*

Г-76 **Гулназар. Дар чодари сафеди маҳтобӣ** (*гулчини ашъор*). Ҷилди 1. – Душанбе, «Адиб», 2015, 320 саҳ.

Гулчини Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар солҳост, ки дар бӯстони табъи ӯ шодоб гардидааст. Умедворем, ки писанди ошиқони гули сухан хоҳад гашт.

ISBN 978-99947-2-414-7

© Гулназар, 2015

# БО ЗАБОНИ НОЗҲО

* * *

Ҷудоиро миёни мо маяндоз,
Ки пулро бишканад, раҳро кунад кӯр.
Биё,
    аз сӯзиши лабҳо бипурсем,
Ки донад ташнагии ҷони маҳҷур.

Биё,
    пурсем аз чашмони ошиқ:
Чӣ дорад дар бағал рӯзи ҷудоӣ?
Ба ҷойи мижжа рӯяд буттаи хор,
Шавад садпора ҷилди рӯшноӣ.

Бигӯяд панҷаҳои меҳрубонӣ,
Ки аз шохи хушида нафраташ ҳаст.
Варо то баргу бори иштиёқест,
Мақому эътибору шавкаташ ҳаст.

Биё,
    пурсем аз гармии оғӯш,
Ки бимаш аз зимистони ҷудоист.
Бувад танҳоӣ аз баҳри Худованд,
Ки танҳоӣ барои одамӣ нест.

Биё,
    пурсем боре аз «Ҷудоӣ»,
Ки аз тақдири худ розист ё на?
Баномэзид, бинолад ҳарф дар ҳарф,
Ки аз «ҷабр»-у «ҷафо» дорад нишона.

Ҷудоиро ҷудо андозу пеш ой,
Ки анҷом аст фарҷоми ҷудоӣ.
Чу моро баҳри мо зоданд, бояст
Намонад баъди мо номи ҷудоӣ.

* * *

Ба ҳар мулке,
ба ҳар шаҳре (агар ҳаст),
Кушоям сафҳаи роёнаҳоро,
Нависам бо забони гарми эҳсос:
«Азизам, дӯст медорам шуморо!»

Даме ки абр мегиряд ба ҳасрат,
Бигӯям ғуссаи дил қатраҳоро,
Ки ноланд аз паси тирезаи ту:
«Азизам, дӯст медорам шуморо!»

Агарчи саркашанду масту мағрур,
Бирезам пеши ту ҳарфу ҳиҷоро,
Ба ҷои ман туро ҳар лаҳза гӯянд:
«Азизам, дӯст медорам шуморо!»

* * *

Кӯ ба кӯ меравад хаёли ман,
Мурғи белонаро чӣ озорӣ?
Дар гулӯяш таронаи ишқ аст,
К-аз сафо гӯяду вафодорӣ.

Гӯши ту аз наво, ки саршор аст,
Нолаи ҷонгудоз нашносӣ.
Дар раҳи умр Рахши ту маст аст,
Оҳ, шебу фароз нашносӣ!

Гарчи дар дил ҳазор дардам ҳаст,
Гарчи бегонаӣ зи ҳамдардӣ,
Кош, роҳи ту бехалал бошад,
Ҳамрават сарбаландиву мардӣ.

Кош, рӯи лабони нозуки ту
Гармии бӯса бошаду ханда.
Кош, бинам ғами ду оламро
Пеши хушрӯзии ту шарманда.

Ҳамчунон меҳрубонии хуршед
Мекунам ҳис туро зи дуриҳо,
Менишонам даруни синаи хеш
Шӯру исёни носабуриҳо.

Хоҳамат майлу хоҳиши равшан,
Хоҳамат лонаи пур аз парвоз.
Мурғи белонае агар дидӣ,
Бо нигоҳе даме варо бинвоз…

* * *

Хоби ман аз дида бигрехт,
Бо забони нозҳои хеш хобамро садо кун,
Ҷони бетоби маро имшаб даво кун.

Шаб ба ҳоли ман бихандад, ки
                    чаро рӯзат наояд –
Ёри дилхоҳу дилафрӯзат наояд?
Дар маро гӯяд, ки ангуште нигорин ку,
То маро берун кашад аз хомушии
                    сарди ноҳинҷор?
Ман, ки ҳастам оҷиз аз гуфтор,
Ту биёву
    лаб кушою
        баҳри ман
            «мушкилкушо кун».

Ту забондонию чашмат сад забони
                    дигаре донад,
Лек розамро намефаҳмад,
Лек дардамро намедонад.

Мактабе ҳаст,
То биёмӯзад рамузи розҳоро?
Ҷони ман!
Андешаи савдои пурсавдои мо кун!

Бахти хоболуди худро
Гуфтам: «Эй пурхоби дар хоб!
Хоби худро деҳ марову андаке
бехобиамро гир».
Бо тамасхур гуфт: «Эй бехоби бетоб,
Оғуши ёри ту ТАНҲО дарди
моро мекунад дармон».

Ман чӣ гӯям?
Ҳарфи бахти хоб-олуди маро ту
раҳнамо кун,
Дарди дарҷонрешаи моро даво кун,
Мекунӣ? Баҳри Худо, кун!

* * *

Гила аз гармии лабҳои ту ҳаст,
Шиква аз қиссаи шабҳои ту ҳаст.
Чӣ кунам? Бо кӣ бигӯям ғами хеш?
«Гул начидему баҳор охир шуд».[1]

Роҳи ту донаду чашми ҳавасам,
Қаҳри ту донаду дуди нафасам.
Дасти кӯтоҳ ба додам нарасид,
«Гул начидему баҳор охир шуд».

Ту гузаштӣ, ба танат ҷомаи ноз,
Аз пасат маҳшару ҳангомаи ноз.
Масти ман, эй адаби ҳушёрӣ!
«Гул начидему баҳор охир шуд».

[1] Моли халқ аст.

Дигарон дил ба муроданд, нигар,
Қафаси сина кушоданд, нигар.
Мо дар ин пуштаи рангини ҷавон
«Гул начидему баҳор охир шуд».

Ҳайфи субҳе, ки варо содиқ нест,
Ҳайфи шоме, ки варо ошиқ нест.
Дар такопӯи хаёле, ки тиҳист,
«Гул начидему баҳор охир шуд».

Сад баҳор ояду бе мо гузарад,
Ошиқу сархушу шайдо гузарад.
Хоки ман нола кунад аз таҳи хок:
«Гул начидему баҳор охир шуд!»

* * *

Ассалом, эй ту ошёни баланд,
Парваришгоҳи ормони баланд!
Навҷавонии хуррами ту ҳанӯз
Нашуда зеби достони баланд.
Нигаҳи ту ба сӯи пастӣ нест,
Хӯрдаӣ нон зи файзи хони баланд.
Он маҳу ахтаре, ки ту дорӣ,
Нест дар силки осмони баланд.
Ҳар кӣ бинад ғурури мижгонат,
Накунад фикри остони баланд.
Рӯзу шабҳо кабӯтари ишқам
Лона хоҳад аз он макони биланд.
Мисрае гуфтамат, аҷаб равшан,
Ҳампару боли Каҳкашони баланд.
Ту агар ҳаммақоми худ ҷӯӣ,
Ин манам тифли хокдони баланд
Эй саропои ту баланду баланд,
Ошиқам ман бар ошёни баланд.
То баландӣ баланд хоҳад буд,
Ишқи мо бегазанд хоҳад буд.

* * *

Умри ман – аз ғусса то ғусса,
Умри ту аз – бӯса то бӯса.[1]
Бӯсаро бо ғусса якҷо кун,
Ғуссаро бо бӯса ҳалво кун,
Ишқ ҳасту рӯҳи девона,
Ишқи аз андоза бегона.
Ҳафт иқлим армуғонат бод,
Ҷони таслим аҷри ҷонат бод.
Чордарди оламе аз ман,
Ҳар чӣ андӯҳу ғаме, аз ман,
Бӯсаро танҳо вафо омӯз,
То бувад лабташнаро дилсӯз.
Ту фақат лабро ба лаб бигзор,
Пеши ошиқ сад талаб бигзор.
Ишқбозӣ – кори Ҳаллоҷ аст,
Тахти ошиқ – дори Ҳаллоҷ аст.
Он ки моро зеби дунё кард,
Қисмате ин гуна иншо кард:
Умри ту – аз бӯса то бӯса,
Умри ман – аз ғусса то ғусса.

* * *

Вақти пиронасари коҳили ман,
Гӯӣ мӯрест, хазад оҳиста.
Гуфтам: « Эй бор Худо,
Вақт хоҳам зи ту ман боиста!»
Омад аз олами қудсӣ овоз:
«Ишқ, гӯ, ишқ, ки вақти ту
ба парвоз шавад!
Мӯри помоли ту шаҳбоз шавад!»
Ҳамзамон
Аз забону дили покизаи ман
Ҳамчу фаввора дамид овозам:

[1] Ман аз ин қофия безорам,
Лек бо ҳарду гирифторам.

– Ишқ!
– Ишқ!

Ҷони ман!
То ба гӯши ту расид овозам?

* * *

Агарчи хаткашоне нест,
Агарчи номаҳоро ройгонат мерасонад сайти роёна,
Диламро номабар кардам –
Туро ман нома хоҳам кард.
Бигирам, Рустамӣ н-ояд зи дасти ман,
Туро Таҳминаи «Шаҳнома» хоҳам кард.

Чӣ гӯям ман, ки фасли навҷавониат
(Ду оламро агар ҷӯянд),
Дар иқболи табиат нест,
Чунон, чун дар саропои ту маҷмӯи латофат нест,
Агар фардои гетӣ равшану зебост,
Ба ҷуз дар бомдоди чеҳраи ту ин башорат нест
Ва чун оғӯши ту дар оғуши дунё маро ҷои ибодат нест.
Чу вақти сӯзиши дилхост,
Чу ҳангоми вафодорист,
Суруди ҳусни ту дар лаб –
кунун ҳангома хоҳам кард.

Туро аз байтҳои Рӯдакӣ тоҷи тилоӣ мекунам тақдим,
Туро овезаи гардан зи гавҳардонаи эҳсоси Бедил
мекунам эҳдо,
Туро аз симкӯби бебаҳои табъи Ҷомӣ ҷома хоҳам кард.

Муҳаббатро шиору худнамоӣ мекунад дилгир,
Муҳаббат мешавад аз ваъдаву лофу хиёнат пир.
Ба номи ту
Ҳар он чӣ кардаму фардо бихоҳам кард,
Ба рағми ошиқони худсару худкома хоҳам кард.

Туро ман нома хоҳам кард
Ва ишқамро барои ту суруду ҷома хоҳам кард.

* * *

Имрӯз дилам намекунад эҳсос,
Имрӯз ба ту намешавам ошиқ.
То чанд зи «ишқ» оварам ошиқ?
То чанд зи «сидқ» офарам содиқ?

Аз бӯсаи ҷуфти кафтарони бом
Гармии лабони ту наомад ёд.
Бо кокули бед бод меомехт,
Мӯи афшони ту наомад ёд.

Дар кӯча садои ишқ мепечид
Бо хандаи ошиқони маҳтобӣ.
Ошуфта нагашт хотири хобам
Бо ёди шабони дури бехобӣ.

Ё ҷазба набуд, ё ҳаросам буд,
То чашм ба чашми ахтарон дӯзам.
Гӯё ки пайи маломатам буданд,
То аз ғами ишқи рафтаат сӯзам.

Афсонаи мо чӣ хубу ширин буд,
Анҷоми варо ба талхӣ овардем.
Гулбоғи илоҳии муҳаббатро
Дар чиллаи бевафоӣ афсурдем.

Имрӯз дилам зи сӯз бегона-ст,
Имрӯз наям ба оташе ошиқ.
Дардо, ки маро накардаӣ тақдир,
Ҳайфо, ки туро набудаам лоиқ.

# СЕ БАЛЛАДА

## 1. БЕВАФОӢ

Рӯйи ҷогаҳ бенафас афтода буд,
Бетаманно, беҳавас афтода буд.
Пар намезад нози мижгони дароз,
Хуфта буд дар чашмҳо дунёи роз.
Дар лабаш шамъи табассум мурда буд,
Сабзаи ҳусни тараш афсурда буд.
Дар баёзи гарданаш нақши таноб
Бесухан мегуфт ҳар касро ҷавоб:
«Ёри ӯ то ёр овард аз сафар,
Марги безинҳор овард аз сафар.
Бевафоӣ духтаракро кушт, кушт,
Дар сиришташ гулпаракро кушт, кушт».

Навҳаҳои модари хунинҷигар
Ларза меафканд бар девору дар.
Мӯй меканду гиребон медарид,
Пираҳан дар пайкари ҷон медарид.
Аз фалак меҷуст посух бар ғамаш,
Бар хазони навбаҳори хуррамаш.
Дар гулӯи духтараш нақши таноб
Бесухан мегуфт ҳар касро ҷавоб:
«Ёри ӯ то ёр овард аз сафар,
Марги безинҳор овард аз сафар.
Бевафоӣ духтаракро кушт, кушт,
Дар сиришташ гулпаракро кушт, кушт».

Духтарони ҳамқадаш ҳайратзада
Нола мекарданд дар он ғамкада.
Дар ҳузур асту дигар ҳамроҳ нест,
Аз табу аз тобашон огоҳ нест.
Хоҳари хушсӯзашон хомуш чарост?
Анҷуманафрӯзашон хомуш чарост?
Дар баёзи гарданаш нақши таноб
Бесухан мегуфт ҳар касро ҷавоб:
«Ёри ӯ то ёр овард аз сафар,
Марги безинҳор овард аз сафар.
Бевафоӣ духтаракро кушт, кушт,
Дар сиришташ гулпаракро кушт, кушт.

Бод мебӯйид мӯйи анбараш,
Меҳр мебӯсид рӯйи дилбараш,
Осмон буд хираи пеши бараш,
Сад чаман побӯси нахли навбараш.
Навҷавонӣ бар хазонаш мегирист,
Ошиқӣ бар достонаш мегирист.
Доғи печони баёзи гарданаш
Роз мегуфт аз шабохуни танаш:
«Ёри ӯ то ёр овард аз сафар,
Марги безинҳор овард аз сафар.
Бевафоӣ духтаракро кушт, кушт,
Дар сиришташ гулпаркро кушт, кушт».

Эй сафар! Ту ғуссаи ҷонӣ маёр,
Интизориро пушаймонӣ маёр.
Мафкан аз бун бораи дилдодагон,
Машкан уммеди дили озодагон.
Ҳарфи ман бар дор худро мезанад,
Дар гулӯяш лек афғон нашканад:
«Ёри ӯ то ёр овард аз сафар,
Марги безинҳор овард аз сафар.
Бевафоӣ духтаракро кушт, кушт,
Дар сиришташ гулпаракро кушт, кушт!»

## 2. «ҲЕЧ»

Бечароғӣ буду шаҳри ёри шаб,
Шаб сияҳ буду ҳама пиндори шаб.
Бод меғурриду аз худ мегусист,
Абр мепечиду бар худ мегирист.

Гуфтам: «Ин дунё, ки ҳастам бандааш,
Дорад оё қимате арзандааш?»
Чак-чаки борон зи сақфи хонаам
Буд ҳамоҳанги дили девонаам:
«Ҳеҷ! Ҳеҷ! Ҳеҷ!»

Чашм бар чашми тари танҳоиям,
Сар ниҳодам бар сари танҳоиям.
Ҳарфи «холӣ» ҳамчу ман холӣ набуд,
Холие монанди ман олӣ набуд.
Гуфтам: «Эй! Ёрону ёрӣ мондааст?
Ғамшарику ғамгусорӣ мондааст?
Чак-чаки борон зи сақфи хонаам
Буд ҳамоҳанги дили девонаам:
«Ҳеҷ! Ҳеҷ! Ҳеҷ!»

Навҷавонӣ чун ҳавас аз дил гузашт,
Ахтари паррон буду оҷил гузашт.
Ишқ рафту равшанӣ бар ҷо намонд,
Ҳастии ман чун деҳи вайрона монд.
Қисмати пардозгар! Пардоз ҳаст?
Эзиди эъҷозгар! Эъҷоз ҳаст?
Чак-чаки борон зи сақфи хонаам
Буд ҳамоҳанги дили девонаам:
«Ҳеҷ! Ҳеҷ! Ҳеҷ!»

Мӯсафедӣ мушт бар дар мезанад,
Ин зимистон барф бар сар мезанад.
Ёди мозиро дар оғуш мекунам,
Балки дар бар рахти оташ мекунам.

Оҳ, аз ин хуршед гармӣ ҳаст, нест?
Аз хаёли ид гармӣ ҳаст, нест?
Чак-чаки борон зи сақфи хонаам
Буд ҳамоҳанги дили девонаам:
«Ҳеч! Ҳеч! Ҳеч!»

Лаб кушодам. Дарди ман овоз кард,
Шеъри ғам аз синаам парвоз кард.
Боди нолон орамиду ром шуд,
Абри гирён ҳамчу тифл ором шуд.
Гуфтам: «Эй шаҳр! Эй шаби ободи ман,
То ба гӯшат мерасад фарёди ман?»
Чак-чаки борон зи сақфи хонаам
Буд ҳамоҳанги дили девонаам:
«Ҳеч! Ҳеч! Ҳеч!»

## 3. ХӮСА

Хӯсае буд,
Чашмҳояш хӯсаӣ,
Дастҳояш хӯсаӣ,
Ақлу идроку тамизаш хӯсаӣ.
Дар дилаш нури таманное набуд,
Дар забонаш ҳарфи шевое набуд,
Дар гулӯяш нолае,
                    оҳе набуд,
Дар сиришташ ҷони огоҳе набуд.
Лек давлат дошт ӯ,
Кибру савлат дошт ӯ,
Дар нигоҳи холиаш дунёи ҳайбат дошт ӯ.
Сар набудаш,
            лек будаш шаҳкулоҳ,
По набудаш,
            лек будаш ҳар тараф
                                густурда роҳ.

Субҳу шомашро зи ҳам фарқе набуд,
Офтоби ҳотаашро,
Моҳи бомашро зи ҳам фарқе набуд.
Хорро аз гул намедонист чист,
Қар-қари зоғонаро аз чаҳ-чаҳи
булбул намедонист чист.

Лек дар оғӯши бӯстон тахти
роҳат дошт ӯ,
Салтанат,
ҳашмат,
каромат дошт ӯ.
Ҳайбати ӯ дар гулӯи мурғакон савту
наворо мешикаст,
Дар пари парвозашон авҷи
ҳаворо мешикаст,
Шавқи обу донаро дар лаҳзаҳошон
бемуросо мешикаст.

Гуфтамаш:
«Ҳар чӣ ту мехоҳӣ, бикун,
Лек раҳме кун ба ҷони мурғакон,
Бар навою бар фиғони мурғакон,
Бар муроди парфишони мурғакон».
Хандааш буд хӯсаӣ,
Ҳарфҳояш хӯсаӣ:
«Ту намедонӣ нишоти давлатам,
Салтанат,
ҳашмат,
каромат,
ҳайбатам.
Лаҳзае ман бошу шаҳматро бубин,
Хуш асолат,
хуш расолат,
хуш ҷалолатро
бубин».
Ман шудам мафтуни ҳарфи хӯсаӣ,

Дар дилам омад ба туғён хуни
ҳарфи хӯсаӣ.
Барнишастам ҷойи ӯ бо чашмҳои
хӯсаиву дастҳои хӯсаӣ,
Бо таккабур,
бо ҳавои хӯсаӣ.
Салтанат омад,
ҷалолат омадам дар
як замон,
Давлат омад,
ҳашмат омад,
савлат омад
ройгон.
Меҳрубониҳои бӯстон тахти роҳат
шуд маро,
Бехудиву бехудоӣ расму одат шуд маро.
Ҳайбати ман дар гулӯи мурғакон
савту наворо мешикаст,
Дар пари парвозашон авҷи ҳаворо
мешикаст,
Шавқи обу донаро дар лаҳзаҳошон
бемуросо мешикаст…

*

Гоҳ-гоҳам дар сари рухсораҳои хӯсаӣ
Медурахшад қатраи шабнам, ки
набвад хӯсаӣ.
Шояд ин ашки ман аст?
Шояд ин дардест, к-аз ҳар зарраи ман
метаровад ҳар саҳар?

*

Рӯйи ту бодо сиёҳ,
эй Хӯсаи устоди ман,
Хӯсаи дарди ману фарёди ман!

* * *

Биё, шеърат бихонам бехгӯшӣ,
Чу наҷвои насими субҳгоҳӣ.
Басо бигзашт аз ман рӯзу шабҳо,
Ки бо ёре нахондам шеъри худро.

Нишин наздиктар, то лаҳзае чанд
Ба ҳам печад нафасҳои таболуд,
Бигирад рангу бӯи бомдодон
Маро ҳарфу ҳиҷоҳои шаболуд.

Чу бар рӯям расад як тора мӯят,
Маро сад мӯяраг афтад дар оташ.
Биҳил, то гулхане бошам канорат
Пур аз нуру ҳарорат, поку беғаш.

Нишин наздиктар, то чашмҳоям
Зи абрӯят бихонад байти гулчин.
Ба дил гӯям: «Бикун, боиста мекун
Ғазалҳои нигоҳашро ту тазмин!»

Дилат гӯё тапад дар синаи ман,
Дилам гӯё тапад дар синаи ту.
Биёбӣ ҷазбаи деринаи ман,
Шиносам хоҳиши деринаи ту.

Нишин дар рӯ ба рӯи ман ту хомӯш,
Нишинам рӯ ба рӯи ту хамуштар.
Худоят офарида шеъри олӣ
Зи нози субҳу аз бӯи гули тар.

Туро хоҳам, ки ҳарфоҳарф хонам,
Нишинӣ дар дилу дар хотири ман.
Агар хоҳӣ, ки бошам шоири ту,
Ту ҳам бош аз муҳаббат шоири ман.

* * *

Дар лаби обаки шӯхе, ки чу ман танҳо буд
Ва саропош ҳама нағмаи ҷонпиро буд,
Биншастам.
Гуфтам: «Эй тораки пурсавту навои дили кӯҳ,
Сози ту аз тараб аст
Ё андӯҳ?»
Гуфт: «Танҳоӣ агарчи сифати хоси Худост,
Ҳар чӣ зояд,
Ҳама дард асту фиғон асту дареғи дили мост!

* * *

Нақши поятро ба раҳ бинам, дилам гум мезанад,
Чеҳраатро як нигаҳ бинам, дилам гум мезанад.
Рез-рези кокулони мушкбедии туро
Рӯ ба рӯю таҳ ба таҳ бинам, дилам гум мезанад.
Хирмани гул мебарӣ дар домани пироҳанат,
Бегаҳӣ бинам, пагаҳ бинам, дилам гум мезанад.
Ту панаҳ аз чашми мардум мекунӣ сӯям назар,
Ҳар нигоҳатро панаҳ бинам, дилам гум мезанад.
Рӯдбори беғубориву пур аз шӯру шааф,
Ҷилваатро раҳ ба раҳ бинам, дилам гум мезанад.
Бӯсаро кори гунаҳ гӯянд лабҳои тарат,
Дар дилам майли гунаҳ бинам, дилам гум мезанад.
Ҳамчу абрӯят раҳи мо то ба ҳам пайвастанист,
Ҳар куҷо торе гираҳ бинам, дилам гум мезанад.

* * *

Умре, ки чу оби зандагӣ буд,
Бингар, ки чи гунаам хазон кард,
Хуршед, ки зарнигори ман буд,
Зар дода марову заъфарон кард,
Боде, ки навозиши сарам буд,
Аз тахт фиканду ломакон кард,
Ман барги дарахти тирамоҳам,
Помоли ғубору хоки роҳам.

Эй сабзи баҳори бетакаллуф,
Дар ҷони хазони ман наоӣ,
Эй созу таронаи шафақзо,
Довуди забони ман наоӣ,
Эй ҳастии пурҷилои бедоғ,
Луқмони равони ман наоӣ,
　　　　Ман барги дарахти тирамоҳам,
　　　　Помоли ғубору хоки роҳам.

Сад раҳгузар асту сад такаббур,
Бар ибрати ҳоли ман назар нест,
Сад муждаи васл ҳасту ҳиҷрон,
Аз рафтани умри дил хабар нест,
Сад нолаву ханда мезанад пар,
Дар ҷони гарони ту асар нест,
　　　　Ман барги дарахти тирамоҳам,
　　　　Помоли ғубору хоки роҳам.

Оҳиста гузар бикун, ки будам,
Оҳиста қадам бинеҳ, ки ҳастам,
Дар пастии ман ғурури болост,
Андеша макун, ки даршикастам,
Сарсабзии ту бувад дуоям,
З-ин рӯ сари роҳи ту нишастам,
　　　　Ман барги дарахти тирамоҳам,
　　　　Помоли ғубору хоки роҳам.

* * *

Имшаб, ки рӯ ба чеҳраи зебо нишастаам,
Ҳаққо, ки дар баробари дунё нишастаам.
Ҷони ман аз таронаву афсона лаб ба лаб,
То лаб ба лаб ба соҳили дарё нишастаам,
Он гуна бо ҳамем, ки бо чашми заррабин
Маҳтобро хаёл, ки танҳо нишастаам.
Ман ошиқи баландии мижгонам, ай Худо,
Пастам мабин, ки аз ҳама боло нишастаам.

Пинҳон намекунам зи касе оташи дилам,
Пайдо забона додаву пайдо нишастаам.
Эй он ки дасту пои ту дар зиндагӣ расост,
То ишқ ҳаст, бесару бепо нишастаам.
Ҳам мӯсафед аз онаму ҳам навҷавон, ки ман
Бо осиёи шеъри Сайидо нишастаам.

* * *

Ман нагуфтам, ки ту сароби манӣ,
Ту зулоливу чашмаоби манӣ.
Мастиву мастаба зи ёдам рафт,
Мон, ки софитарин шароби манӣ.
Ту чаро дер-дер меоӣ?
Ба Худо, ба Худо, ки хоби манӣ!
Ҳар кӣ пурсад зи сӯзи банди дилам,
Ман чӣ гӯям, ки ту ҷавоби манӣ.
Ҷамъ н-оям, ки ту парешонӣ,
Носабурам, ки изтироби манӣ.
Ман зи дастури Парлумони ишқ
Чун бинолам, ки интихоби манӣ?!
Ҳама дарду умеди ман дар туст,
Ту китоби манӣ, китоби манӣ!
Кар шуда гӯши оламе зи шиор,
Ту беҳин, ту беҳин хитоби манӣ.

* * *

Дареғо, гуфтамат шеъри шикаста,
Туро дар байтҳои худ шикастам.
Ало ойинаи садпораи ман,
Сари ҳар пораат дилхун нишастам.

Замоне қаднамо будиву акнун
Маро ту пора-пора менамоӣ,
Гуноҳи ман бувад, ки қисматамро
Чунин аз ҳар канора менамоӣ.

Надонам чун ба ҳам орам туро боз,
Ҷудоӣ байни мо равшан ҳувайдост.
Ману ту давлате будем дирӯз,
Кунун хатти шикаста сарҳади мост.

Кунун хатти шикаста чун танобест,
Ки ҳалқа мезанад дар гардани ман,
Кунун хатти шикаста теғи турк аст,
Ки месӯзад Хуросони тани ман.

Бихоҳам аз ҳама фарҳангу қомус
Биандозам бурун ҳарфи «шикастан»,
Нахоҳад гӯши ман аз он шунуфтан,
Нахоҳад ёди ман бо ӯ нишастан.

Дареғо, гуфтамат шеъри шикаста,
Туро бишкастаму худ пора гаштам,
Миёни пораҳои ормонӣ
Чунин саргаштаву овора гаштам.

* * *

Киро ёди ман омад ёд?
Қалам аз дасти ман афтод,
Зи нолаш нола шуд озод:
«Чӣ суд аз ин ҳама савдо?
Ту танҳоиву ман танҳо!»

Чароғи хона равшан буд,
Ки тобаш аз таби ман буд,
Намоди оҳу шеван буд,
Ки «дар ин зулмати шабҳо
Ту танҳоиву ман танҳо!»

Сухан дар дафтарам бигрист,
Чунон чашми тарам бигрист,
Ба ман чун хоҳарам бигрист,
Ки «зери чархи ҷонфарсо
Ту танҳоиву ман танҳо!»

Намедонам кӣ ёдам кард,
Ки оташ дар ниҳодам кард,
Хомуш будам, ба додам кард,
Ки «эй пайдои нопайдо,
Ту танҳоиву ман танҳо!»

* * *

Туро аз навбаҳорон хостгорӣ карда
будам ман,
Ки поизам кунад аз худ фаромӯш,
Ки гулгашти хазонафсурдаи ман
Занад гулҳои рангин дар баногӯш.

Туро аз навбаҳорон хостгорӣ карда будам ман,
Ки дӯзанд аз паранди лолазорон ҳаҷлаи моро,
Кунад моро никоҳ овози булбул,
Ба табрик ояд оҳанги тари рӯд,
Дами боди сабо бошад дуогӯ,
Ниҳад дасти навозиш бӯи ҳулбӯ.

Туро аз навбаҳорон хостгорӣ карда будам ман,
Кадомин навбаҳорон буд?
Баҳори интизорон буд?
Баҳори дилфигорон буд?
Маро аз дар хазон омад –
Хазонамро хазонтар кард,
Пару боли гаронамро гаронтар кард.

Магар фарсангҳо буд аз баҳорон то хазони ман?
Магар раҳгум задӣ то ошёни ман?
Ва ё қисмат хато дода ба дасти ту нишони ман?

Туро аз навбаҳорон хостгорӣ карда будам ман,
Аҷаб фасле дурӯғин буд,
Ки мисли тирамоҳаш расму ойина буд.

* * *

Аз бари ман бигзарӣ,
боғу чаман бигзарӣ.
Аз бари ту бигзарам,
дашту даман бигзарам.
Абри гуҳарзо шавӣ,
паҳлуи ман ҷо шавӣ,
Субҳ бубинӣ, ки ман
боғу чаман бигзарам.
Ишқ чӣ бошад ғариб,
беҳавасу бенасиб?
Аз бағали ишқи ту
бӯи ватан бигзарам.
Ошиқи сози киӣ?
Бастаи рози киӣ?
Аз дили ту ҳамчунон
шавқи сухан бигзарам.
Мурғи ҳавои туам,
савту навои туам,
Кош, нахоҳӣ, ки ман
зоғу заған бигзарам!
Симу зарам чун хас аст,
гарчи муроди кас аст,
Ман зари лаб хоҳаму
сими бадан, бигзарам.
Тавба мадеҳ, ҷони ман,
тавбаи армони ман,
Мон, ки зи роҳи дилат
тавбашикан бигзарам!

* * *

Дурӣ зи ману ғами ту пайванди ман аст,
Тобу таби ҳар дами ту пайванди ман аст.
Чун абр агарчи аз баландӣ гузарӣ,
Ман даштаму нам-нами ту пайванди ман аст.

Ҷуз номи ту нашнавад маро пардаи гӯш,
Ҷуз ёди туам наёбад ангезаи ҳуш.
Бе оғуши пурбаҳори ту пур нашавад
Холигаҳи оғуши ман аз ҷӯшу хурӯш.

Ту ҳастиву комил аст обу гили ман,
Ту ҳастиву шӯъла медамад аз дили ман.
Дорад ба сараш хаёли помонии ту
Роҳе, ки ба сар давида то манзили ман.

Ҳарчанд наям дар бари ту шому саҳар,
Ҳарчанд наӣ ҳар нафасам пеши назар,
Дунёи ҷудоист ҷудо аз ману ту,
Афтода вуҷуди бевафоӣ ба хатар.

Дар пайкари ҳам зиндагии мост ба ҳам,
Сарсабзию болантагии мост ба ҳам.
Дар шоми сияҳ ба раҳгумӣ раҳ набарем,
Чун субҳ, ки тобандагии мост ба ҳам.

Аз дур паём мефиристам, бипазир,
Бо нур салом мефиристам, бипазир.
Баҳри дили ту – дилу вафои ту – вафо
Ман ном ба ном мефиристам, бипазир.

* * *

Ман дар ин ҷо орзу гум кардаам,эй дил,
Хешро дар ҷустуҷӯ гум кардаам, эй дил,

Ҳамчу мӯре – донаи гандум,
Ҳамчу шабкӯре-раҳи мардум.

Аз қатори кӯҳҳое, к-аз хаёлам меравад хомӯш,
Ман суроғаш мекунам: «Дидӣ?!»
Аз савори бодпои умр мепурсам:
«Муждае оё шунидӣ?»

Лолаҳое, к-аз ҳадиси доғҳои ман шукуфтанд,
Аз дами боди хазон пар-пар шуданду бо шафақҳо
ноаён гаштанд.
Дардҳои ҷовидони ман
Вожа-вожа рехтанду бо варақҳо бенишон гаштанд.

Аз «Ман»-е, к-аз паҳлуи ман бигзарад чун
ношиносе, мекунам пурсиш:
«Орзуямро надидӣ?
Он сароби ҷустуҷӯямро надидӣ?»

Сабзаҳо хас гаштаасту пои шавқамро
кунад хуншор,
Рангҳо ранги ғубор асту нигоҳи ошиқиамро
кунад бемор.
Ман сиёҳӣ гаштаам акнун,
Бо сиёҳӣ ҳамтану ҳамхун.
Роҳҳо аз ман гурезонанд,
Васлҳо дар ҷони ман ҳамдарди ҳиҷронанд.

Ту маро дигар куҷо мекобӣ, эй дил?
Ту маро дар ман магар меёбӣ, эй дил?

Орзу гум кардаам бо худ,
Сад биҳишти рангу бӯ гум кардаам бо худ.

## БА ДӮСТИ ШОИРАМ ӮЛМАС ҶАМОЛ

Падарат баски марди нонво буд,
Бӯи нон дар сиришти ту ҷо буд.
З-ин сабаб бӯи нон диҳад суханат,
Лаззати нон ба ҷон диҳад суханат…

* * *

Шукр гӯям, ки дар ҷаҳони кушод
Кӯчаву хонае барои ту ҳаст,
Аз миёни ҳазор доду ситод
Як дили содда ошнои ту ҳаст.

Мешавад гум чу кӯдаки нодон
Бе нишонии манзилат дили ман.
Субҳи ман бе тулӯъ хоҳад мурд,
Гар чароғат намешавад равшан.

На зи подоши чарх метарсам,
На ба макри замона корам ҳаст.
Шукр гӯям, ки аз ҳазору ҳазор
Як касам ҳасту ғамгусорам ҳаст.

Он ҳасудон, ки ғарқ дар хешанд,
Он бадон, ки ба бад гирифторанд,
Нури бахти маро намебинанд,
Роҳи субҳи маро намедоранд.

Ай Худо, бирасон ба кӯи мурод
Он ҳама бенасиби аъморо,
То ки донанд: шеъри мо ишқ аст,
Ишқ хонад таронаи моро!

Бо кажӣ роҳи ишқ натвон рафт,
Бо кажӣ шеър ҳам натонӣ гуфт…
Шукр гӯям, ки дар ҷаҳони кушод
Гули рӯят барои ман бишкуфт!

* * *

Ману офтоб ҳамқаламем –
Тамоми рӯз
Ба хомаи заррини хеш бинвисад:
«Рӯшаноӣ!»
Тамоми умр
Ба килки эҳсоси худ кунам иншо:
«Рӯшаноӣ!»
Ғуруб бувад ҳаққи заҳмати худфурӯзияш,
Баҳои меҳнати худфарсоиям бувад пирӣ…

* * *

Чашмаш ба чашмам,
Рӯяш ба рӯям,
Меҳраш ба меҳрам,
Бӯяш ба бӯям.
Дастон ба дастон,
Лабҳо ба лабҳо,
Оташ ба оташ,
Табҳо ба табҳо,
Ларзиш ба ларзиш,
Хоҳиш ба хоҳиш,
Шӯру шаафро
Рӯзи ҳамоиш!
Дил моили дил,
«Мо»ошиқи мо,
Дарё ба дарё,
Дунё ба дунё.
Вақт аст хушвақт,
Бахт аст хушбахт,
Нолон гузар кун,
Эй дарди сарсахт!

* * *

Дар кишвари мо чӣ корҳои сара шуд,
Чандин маҳали «Девдара» «Гулдара» шуд.
Аммо зи балои девнафсони Ватан
Як лаҳза раҳо нашуд диёри туву ман.

* * *

Номи ту чун оя дар хомӯшиам ҷорист,
Номи ту дил мезанад дар байтҳои хастаам
беист.
Аз ҷамолу аз ҷалолу аз камоли навҷавониат
Пирии бедасту поям мегурезад.

Дарди пирӣ пирӣ асту бо
чавонӣ метавониаш даво бахшид,
Тифли шахдор асту ӯро метавон
танҳо ба қанди бӯса аз ҳирмон раҳо бахшид.
Ман аз ин боғи хазони бегулу бесабза безорам,
Ман аз ин шоми сиёҳи сарди боронӣ чӣ дилгирам.
Ту ниҳоли пуршукуфа,
Ту сабоҳи пуртабассум,
Бо ту рӯҳам мешавад пур аз тарона,
Бо ту ҷонам мешавад пур аз ҷавона.

Аз ҳама фазлу даҳою ҳикмати пирӣ
Бесариву лоуболии ҷавонии ту болотар.
Аз ҳама ному мақому шаҳмати пирӣ
Ҳарзагардиҳои бебоки ҷавонии ту авлотар.

Дар қиёси қатраи ту баҳри ман қимат надорад,
Кӯҳи ман бо барги коҳи ту намеояд баробар.

Бо ҷавониат ҷавониам биёмӯз,
Дар ҷавонӣ зиндагониам биёмӯз.
Пири бепирам ҳанӯз, устоди ман бош,
Кулбаи вайронаам, ободи ман бош!

Номи ту чун оя дар хомӯшиам ҷорист…

* * *

Умри яке чун
маърӯза бигзашт
Маҷлис ба маҷлис,
минбар ба минбар,
Умри дигар чун
киштӣ гузар кард
Дарё ба дарё,
бандар ба бандар,

Умри ману дил
чун оҳ тай шуд
«Паҳно» ба «Паҳно»,
«Лангар» ба «Лангар»…[1]

* * *

Эй Он ки ҳастӣ
Моро нигаҳдор,
Обу гиламро
Аз кин панаҳ дор,
Ҳарфи лабамро
Аз бад нигаҳ дор
Юсуф наям, лек
Эмин зи чаҳ дор,
То дар кушоям,
Поям ба раҳ дор,
Байте ки гуфтам,
Равшан чу маҳ дор,
Дил «Ишқ!» гӯяд,
Ғарқи гунаҳ дор,
Ман бе кулоҳам,
Дур аз кулаҳ дор.
Гӯяд ғурурам:
«Манро сипаҳ дор,
Шоҳаншаҳӣ рафт,
Манро ту шаҳ дор!»

* * *

Баччагии пуртакопӯро чу пешин
Чашм бо чашми фусунангези ахтарҳо набинам.
Дидаи ҷӯяндаи ӯро шаборӯз
Мубталои чашмаки роёна бинам.

Ҳайф аз шеър!
Хайф аз шоир!

[1] Номи китобҳои гӯянда.

## БО ШАВКАТИ БУХОРОӢ

Туро нози хиромон дидаму гардидам аз гум пур,
Чунон чун кӯчаҳои холӣ аз пиндори мардум пур.
Зи ҳар як зарраам ҷӯшид гӯӣ чашмае равшан,
Саропоям бишуд чун обшорон аз тараннум пур.
Зи ман бигзашт фасли гунгии розу ниёзи ман,
Худоро, хомушиамро бикун ту аз такаллум пур.
Зи холигоҳи худ ваҳмиданам то чанд? Ҷонамро
Зи худ пур кун, чунон ки мешавад хирман зи гандум пур.
Бимон, то боми ман бо боли кафтарҳо кунад парвоз,
Бимон, то хонаву айвони ман гардад зи қум-қум пур.
Ҷаҳонамро чаҳон сад раҳ шикаста, боз пайвандад,
Хушо, гар рӯзу шаб бо ишқ бошам аз тасадум пур.
Дилам бо хуррамӣ гӯяд, ки бикшо чашми хешу бин:
«Ду олам чун ду лаб гардидааст аз як табассум пур!»

* * *

Ту монанди рубоиҳои Масчоҳ
Ҳама ширину зебоӣ, гули ман.
Дар иқлими биҳиштии дилам ҳаст
Туро фасли шукуфоӣ, гули ман.

Намехоҳам, ки ҷориат бубинам
Паёпай чун тарона дар забонҳо,
Намехоҳам, ки атри гесувонат
Биёяд аз ҳавои бӯстонҳо.

Туро ман офаридам аз талабҳо,
Туро ман парваридам дар ҳавасҳо.
Ту ҳастӣ аз ману ман ҳастам аз ту,
Ки печида ба ҳам моро нафасҳо.

Агарчанде наям худхоҳу худком,
Туро хоҳам, ки дар ман бошӣ, эй гул.
Ба ҳар маҳфил, ба ҳар манзил, ки бошем,
Зи чашми бад ту эмин бошӣ, эй гул.

Дигар дар зиндагонӣ фурсатам нест
Хаёле парваридан, офаридан,
Пас аз ин баҳри ту бояст сад бор
Маро афсурдану аз нав дамидан.

Дигар дарё натонам буд пурҷӯш,
Баҳоре ҳам натонам буд гулбез,
Ту дарёву баҳорони ман астӣ,
Ту бо ман бошу дар ҷонам даромез.

Куҷое сабзае хоҳад расидан,
Куҷое ғунчае хоҳад шукуфтан…
Ҳама рози ману ту тавъамон аст,
Чӣ ҷои гуфтану ҷои шукуфтан!

* * *

Роҳҳои пулакӣ
Дорад имрӯз аҷаб нашъунамои пулакӣ.
Ҳамчу пулмасти пур аз кибру ғурур
Биниаш бо сару пои пулакӣ,
Бо тафаккур, ба даҳои пулакӣ,
Бо муҳаббат, ба ҳавои пулакӣ.
Ӯ баҳое нашиносад ба ҷаҳон, ғайри баҳои пулакӣ,
Нашнавад гӯши караш ғайри садои «пулакӣ!».
Ҳар нишонаш, ки бувад дар чапу рост,
Бо ту гӯяд сухан аз меҳру вафои пулакӣ.
Бӯсаву оғушу наззора дар ин ҷо пулакӣ,
Ромиши чашмаву хомӯшии хора пулакӣ,
Сабзаву лолаи бора пулакӣ,
Синаро пур кунӣ аз боду ҳавои пулакӣ.
Васлро мебарад осон ба лиқои пулакӣ,
Ба нигоҳи пулакӣ,
Хандаҳои пулакӣ,
Мекунад руст ба монанди арӯс
Дар саропардаи бенуру сафои пулакӣ.
Ҳаҷрро бо дили сарду ҳаваси афсурда
Менишонад ба сари маснади эҳсону сахои пулакӣ.

Чини пешонии ҳиҷрон ба ту гӯяд:
«Бинигар
Барфу борони худои пулакӣ,
Ин сазои пулакӣ!»
Роҳҳои пулакӣ!
Роҳҳои пулакӣ!
Кош, бошад раҳи нафсу раҳи ҳамён пулакӣ,
Кош, бошад раҳи бадхоҳии инсон пулакӣ,
Раҳи дарду ғаму ҳирмон пулакӣ,
Раҳи бемеҳрии даврон пулакӣ!
Эй мусофир, ки туро тӯшаи раҳ меҳри дил аст,

Бе пул аст ин даму ҳар дам раҳи меҳри дили ман,
Раҳи абрешимии маҳфили ман!

* * *

Шом асту моҳ нест, дилам дард мекунад,
Пое ба роҳ нест, дилам дард мекунад.
3-он ахтаре, ки «Чашми ту» номаш ниҳодаам,
Бар ман нигоҳ нест, дилам дард мекунад.
Гуфтам, ки дар қадамгаҳи ту сар кашам зи нав,
Умрам гиёҳ нест... Дилам дард мекунад...
Дар ин муҳити гунг ба гунгӣ расидаам,
Дар лаб, ки «Оҳ!» нест, дилам дард мекунад.
Чун кулбае, ки дар раҳи селоб метапад,
Дилро паноҳ нест, дилам дард мекунад.
Ғам кушту боз мекушад, аммо ба рӯзи дод
Ӯро гуноҳ нест, дилам дард мекунад.
Ин қавмро, ки тоҷи каёнаш насиб буд,
Дар сар кулоҳ нест, дилам дард мекунад.
Эй лофи хирмани тиҳӣ! Хомуш, ки дар кафат
Як барги коҳ нест, дилам дард мекунад.
Хоҳам, ки лаб бубандаму осуда дам занам,
Дармони оҳ нест...
Дилам дард мекунад...

* * *

Кӣ гуфт, ки ҳаммилати манӣ, эй бандаи нафс,
Ки агар илоҷат буд,
Хешро фурӯ низ мебурдӣ?

Кӣ гуфт, ки ҳаммилати манӣ, эй маккор,
Ки макр аз ту метарсад,
Фиреб дар мактаби ту мехонад?

Ту кӣ гуфт, ки ҳаммилати манӣ, эй беномус,
Ки дар фарҳанги ту нест вожаи «номус»,
Ки туро ин ганҷ бомби атомист?

Ту бо ҳама хайли бандаи нафс,
Ту бо ҳама зумраи маккор,
Ту бо ҳама қабилаи беномус
Решапайвандӣ.

Диёри ту мулки бандаи нафс аст,
Қаламрави ту хокдони маккорон,
Замини ту билоди авлоди беномус,
Ватани нанги ман зодгоҳи ту нест.

Сарам барафроштаасту мегӯям,
Ки ҳамхуну ҳамтабори ман аст
Зулоли чашмаҳои ҷӯшанда,
Ғурури беғубори куллаҳои нозанда,
Навозиши бедареғи офтоби рахшанда…

Маро бегонатарӣ аз ҳама бегона!

* * *

Ба Худо, бе ту вожаи «ёрӣ»
Баҳри ман чун ниҳоли бебор аст.
Ҳусни ту ҳасту зиндагӣ зебост,
Ишқи ту ҳасту ғусса ғамхор аст.

Мисли соҳил даме ки хомӯшам,
Чашми ту мекунад маро дарё.
Гар зи худ бигзарам чу «порина»,
Ёди ту мекунад моро «фардо».

Бувадам то баҳори оғуши ту,
Тирамоҳам намекунад тира.
Ишқи ту то ки обрӯи ман аст,
Оби ҷӯям намешавад хира.

Умр агарчи давонадам чу нафас,
Мекунад ҳамдамиат осуда,
Ҳастиам аз ғубор озод аст,
Бо ту ҳастам чу шири полуда.

Хушксолӣ намекунад хушкам,
Тундбодам намедиҳад барбод,
Сари сабзи ту дорадам шодоб,
Меҳри гарми ту дорадам обод.

Даме таккон намехӯрам, ҳарчанд
Ба сарам зилзила ба ҳар ранг аст.
Байни бадрӯзиву мани ошиқ,
То ту ҳастӣ, ҳазор фарсанг аст.

Зинда бошӣ чу вожаи «ёрӣ»,
Ҳамчунон равшану сафопарвар.
Вожаҳои бадӣ зи ғам миранд
Баҳри мо чун алови ҳезуми тар…

* * *

Қасам ба номи Офаридгор,
Ки дар китобу дар баёзҳо
Мисоли чашми масти ту
Ду ҳарфи майгусор нест,
Ба дафтаре, рисолае
Ба гунаи лаби ту байти шаҳдбор нест.

Чӣ нуктаҳо,
қасидаҳо,
Сурудаҳо,
нашидаҳо
Ки бенафас фитодаанд.
Ту он нафас, ки мекашӣ чу навбаҳор,
Ба қудрати каломи ҳеҷ сеҳркор нест.
Бигӯ, ки, эй ту аз ҳама бадеътар,
Чи гуна дард мекашӣ?
Қалам ба рӯи сафҳаҳои сард мекашӣ?
Чи гуна хешро зи нав
Ту шеър мекунӣ?
Ки чун ту шеър дар ҷаҳони ҳолу пор нест!
Ту муждаи хуҷастаи манӣ,
Ту шеъри дилнишастаи манӣ,
Барои ҷони хастаи манӣ.
Биё, ки хонамат тамоми умр,
Ки баҳри шоирии ман
Китоби дигаре ба кор нест!

* * *

Эй шиноси ношиноси ман!
То ҳанӯзам мекунам эҳсос
Мӯяргҳои кафи дастат бувад.
бо дасти ман пайванд,
Мардуми чашмат бувад бо мардуми
чашми манат хурсанд,
Мехӯрад гармии лабҳои ману ту
ширaи гулқанд,
Ту фақат ноошноӣ мекунӣ бо ман.

Нақши поям дар раҳи кошонаи ту
носутурда,
Дар нафасҳоят табу тоби нафасҳои
ҷавонам нофусурда,
Рози оғӯшам ҳанӯз аз ёди оғӯшат нарафта,

Савти сӯзони тапишҳои дилам як лаҳза
аз гӯшат нарафта,
Ту фақат ноошноӣ мекунӣ бо ман.

Ҷои ҳарфи меҳри ман бишнидаӣ ту
ҳарфи ғаммозон,
Ошиқиро дидаӣ дар ишқбозии ҳавас бозон.
Ҳайфи шабҳои пур аз субҳи саодат,
Ҳайфи гулгашту хиёбонҳои саршори
муҳаббат!
Метавон ҳар кӯчаву паскӯчаи сайёраро пай зад,
Метавон дар як нафас сад ҳамнафас дарёфт.
Лек дигар по намемонӣ ба роҳи ишқи мо бетоб,
Лек дигар аз нафасҳои таболудам
намеафтад сари зулфат ба печутоб.

Аз ҳама ҳуҷҷат, ки касро мешиносонад ба инсонҳо,
Аз муҳаббат нест болотар.
Аз ҳама ноодамие, к-одамӣ дорад,
Аз ҷафои бевафоӣ нест зишту
мардумикуштар.

Дар сари роҳе, ки ҳоло меравӣ,
раҳме куну бинвис:
«Эҳтиёт! Ин роҳи сарди бевафоист!»
Ман ҳам аз сӯзи дилам дар
тахтапушти хеш бинвисам:
«Ин, ки мебинӣ фаросӯят,
Ҳайкали андӯҳу армону ҷудоист!»

Эй ҷафоомӯзтар аз чархи каҷрафтор!
Беҳ, ки бошад чашмам аз чашми
ту бегона,
Беҳ, ки бошад ишқи покам
мурғи белона,
Қиссаҳое, ки ба ҳам гуфтему бишнуфтем,
Беҳ, ки дар ёде намонад мисли афсона…

* * *

Эй шаби бераҳм,
                    эй турки сияҳпӯш,
Субҳро озод кун.
Бо сапеда ҷони ман ёбад сафедӣ,
Интизори рӯшаниро шод кун.

Шаб ҳама шаб вожаи «шаб»-ро бишустам
Бо сиришки хомаи ҳамқисмати хеш.
Шири модарро нахӯрдастӣ, вагарна
Мешудӣ охир раҳо аз зулмати хеш.

Эй шаби мисли аҷал бадрӯз!
Медамад аз зарраҳои пайкарам субҳи ҳаётомӯз.
Бомдоде, ки ливояш офтоб аст,
Дар дили шӯридаам дар инқилоб аст.

Мегурезӣ оқибат то синаи Заҳҳок,
Мепаноҳӣ андаруни турбати Чингиз.
Ман ҳамон Темурмаликам,
                                ман ҳамон Кова,
Пеши роҳам вожгун ҳастиву ночиз.
Субҳро озод кун!

* * *

Модари ҷон!
Панҷаҳоят кардаанд
Ордҳои ними дунёро хамиру дар танӯри
                                пастамон нон бастаанд.
Дастҳот овардаанд
Сад Зарафшонро ба пеши мову моро
                                ташнагӣ бишкастаанд.
Чашмҳои хастаат
Нури худро – бо умеди раҳсафедиҳои
          мо – бар тирароҳи зиндагӣ афшондаанд.
Шонаҳои нозукат

Бори армонҳои моро бурдаву моро
зи ғам бирҳондаанд.
Он қадар ту хаставу бишкастаӣ,
к-аз Сури Исрофил (метарсам)
наметонӣ, ки бархезӣ зи ҷо.
Ман зи нав Он рӯз тифли нозгардон мешавам,
Мекунам исёну гирён мешавам!
Гиряи зори маро чун бишнавӣ,
Хастагӣ,
Бишкастагӣ,
Афтодагиатро фаромуш мекунӣ,
Мисли тӯфон аз вуҷуди хеш боло мешавӣ,
Дар бари фарзанд пайдо мешавӣ.

* * *

Биё, бӯсам зи чашмони хуморӣ,
Ки аз ту бишканад як дам хуморам.
Маяндеш аз хаёли раҳгузорон,
Ки умрам меравад, фурсат надорам.

Ту шояд мисли ман ошиқ наёбӣ,
Ки дар рагҳои ӯ ҷӯшад Зарафшон.
Биёву сар ба рӯйи синаам мон,
Шунав шеъри баланди обшорон!

Нигоҳат аз нигоҳам мегурезад –
Фидои шарми нарми духтарона!
Табассум мекунӣ дуздона бар ман
Ва дарё мешавам ман бекарона.

Насими ҳарза бо дасти дарозаш
Ба мӯят мекунад бо ҳарза бозӣ.
Дилам хоҳад, ки мисли ӯ маро ҳам
Сари зулфат бубахшад сарфарозӣ.

Намехоҳам дар ин айёми гулбез
Чу барги гул яке гардӣ ҳавоӣ,
Ду чашмам канда гардад аз қафоят,
Саропоям бинолад: «Дар куҷоӣ?!»

Надонам раҳгузорон дар чӣ фикранд
Аз ин сӯзи ману аз ин тапидан.
Фақат донам, ки фардо мешавам пир,
Дигар чизе намехоҳам шунидан!

* * *

Печад гули печак ба шох,
Ҷӯе биомезад ба ҷӯ,
Дар ҷилва бошад то хазон
Барге ба барге рӯ ба рӯ,
Хоҳам, ки бошад, ҷони ман,
Дасти ту дар дастони ман.

Ҳарфе ба ҳарфе гап занад,
То мисрае пайдо шавад,
Мавҷе ба мавҷе дил диҳад,
То ҷӯшаду дарё шавад,
Хоҳам, ки бошад, ҷони ман,
Дасти ту дар дастони ман.

Пайроҳаро бинам, ки даст
Бар гардани кӯҳ бурдааст,
Бинам, ки дашти тафтаро
Борон намоз овардааст,
Хоҳам, ки бошад, ҷони ман,
Дасти ту дар дастони ман.

Дар хилват афрӯзад ду лаб
Сад шамъи бӯса ошкор,
Ду дил сабурӣ бишканад,
То зиндагӣ ёбад қарор,

Хоҳам, ки бошад, ҷони ман,
Дасти ту дар дастони ман.

Рӯзе, ки аз Яздони ман
Ояд ба ман фармони ман,
Хоҳам, ки чун Қуръони ман,
Ё чун Нишони шони ман
Бошад муқаррар, ҷони ман,
Дасти ту дар дастони ман!

* * *

Зи ман рафтӣ.
Бигӯ, ҳоли ту чун аст?
Тазарви ман!
Пару боли ту чун аст?
Маро гуфтанд, ёри нав гирифтӣ,
Туро анбози навболи ту чун аст?
Навиштӣ сарнавиштатро дигар бор?
Каҳу донат ба ғирболи ту чун аст?
Ҷудо аз бӯсаҳои оташинам
Лабу рухсораву холи ту чун аст?
Маро аз субҳи андомат хабар нест,
Баҳори ёс дар ёли[1] ту чун аст?
Ҳазар кун аз фиребу макри ҷӯгӣ,
Манат донам фақат фоли ту чун аст.
Ҳама ҳарфу ҳиҷоям зодаи туст,
Биё, бин, ҳоли атфоли ту чун аст…

Зи ман рафтӣ.
Бигӯ, ҳоли ту чун аст?
Тазарви ман!
Пару боли ту чун аст?!

---

[1] Ёл – шона, гардан, бозу.

* * *

Шеъри ман бӯсаро, ки пазмон шуд,
Гӯядам: «Рав, ки ҷойи тоқат нест!»
Ноумедам агар кунӣ, мекун,
Лек охир гуноҳи шеърам чист?!

Ҳарфи ман метапад чу дони анор,
Ки нишинад ба коми ту ширин.
Дам ба дам мекунад туро фарёд,
То шавад ҳамчу номи ту ширин.

Байтҳоям чу нардбони баланд
Мебарандат ба Каҳкашони баланд,
Ту ба ин нози абрувони баланд
Лоиқ астӣ бар ошёни баланд.

Хомаи ман чу кирми абрешим
Метанад тор аз хаёли ман,
То вуҷуди туро биорояд
Атласи ишқи бемисоли ман.

Шеър мегӯяду бигӯям ман,
Шеър мехоҳаду бихоҳам ман.
Дар ҳамин умри пур зи розу ниёз
Раҳнамо ӯст, марди роҳам ман.

Ҳамчу занбӯру ҷазбаи гули тар,
Ҷуз ба сӯйи ту роҳи шеърам нест.
Ноумедам агар кунӣ, мекун,
Лек, эй ҷон, гуноҳи шеърам нест!

* * *

Туро баъд аз дусад соли ҷудоӣ дӯст медорам,
Туро чун шеъри ҳиҷрони Саноӣ дӯстмедорам.
Дилам чун мурғи озоде зи мулки «Нокуҷо» омад,
Надонам аз куҷое то куҷое дӯст медорам.

Аз он рӯзе, ки месӯзад гуворо банд-банди ман,
Туро чун сӯзи дарди бедавое дӯст медорам.
Нигоҳи шармзоди ту чӣ розе дар ниҳон дорад?
Туро мисли суханҳои баҷоӣ дӯст медорам.
Табассумҳои чашми ту ба сурма мекунад лолам,
Навозишҳои дасти ту ҳиноӣ – дӯст медорам.
Ҳавои ғайбати мардум, ки байни мо бувад ҳоил,
Туро чун бӯсаи дури ҳавоӣ дӯст медорам.
Ба ҳангоми арӯсӣ ҳар кӣ ҷӯяд рахти дилхоҳе,
Туро зебанда мебинам қабои «Дӯст медорам!»
Забон бикшову ҷон афзо ба ҷони хастаи ошиқ,
Ки ман ҳар лаҳза мемирам барои «Дӯст медорам!»

* * *

Эй сарв! Зи боғи шеъри Ҳофиз
Хуш омадаӣ ба растаи ман.
Озод хирому мекун озод
Аз дард дили шикастаи ман.

Қумрӣ! Ту зи шохи сарви Ҳофиз,
Афсӯс, суроғи ман наойӣ.
Сарве, ки нишондаам, ҳазин аст,
Ту ҷониби боғи ман наойӣ.

Наргис! Зи ту боғи шеъри Ҳофиз
Чун боғи биҳишт бехазон аст.
Афсӯс, ки роҳи ман наҷӯйӣ,
Дар сояи сарви ман нарӯйӣ.

Эй сарви ҷавони киштаи ман,
Бе қумриву наргисат чӣ ҳол аст?
Хоҳам, ки ба боғи шеъри Ҳофиз
Аз нав бинишонамат – маҳол аст.

Дар пойи ту ман нишаста хонам
Ҳар субҳ таронаҳои Ҳофиз.
Қумрӣ расад аз ҳавои Шероз,
Наргис дамад аз ҳиҷои Ҳофиз.

* * *

Қалами шоирони даври қадим,
Аз пари мурғ бодҷавлон буд.
З-ин сабаб буд ҳарфашон озод,
Шеършон ҳампари уқобон буд.

Қалами рози шоири имрӯз
Баски аз оҳан асту аз фӯлод,
Нест ҳарфи варо чунин эъҷоз,
Нест шеъри варо чунин парвоз…

**ОЯ**

Туро, эй Бухорои Сомонӣ,
Саломи Душанбе!
Туро, эй Самарқанди Деваштич,
Паёми Душанбе!

Туро, эй Хуросон,
ки то рӯзи маҳшар бузургӣ,
Дуруди Душанбе!
Туро, эй ғами «Шоҳнома»,
Туро, эй фиғони дили хуни Айнӣ,
Суҷуди Душанбе!

* * *

Ситора мекунад сӯям ишора:
«Шабат хуш бод, ман рафтам!»[1]
Диламро мекунад аз ғусса пора –
«Шабат хуш бод, ман рафтам!»
Надонам аз кадомин аср омад,
Мисоли хун ба шарёнам даромад,
Занад дар чаккаам акнун нақора –
«Шабат хуш бод, ман рафтам!»

[1] Моли Фахриддини Ироқист.

Канам тагрешаҳои ёди дерин,
Бисӯзам киштаи хотир, валекин
Ба ранги сабза мерӯяд дубора –
«Шабат хуш бод, ман рафтам!»
Ду чашмамро бубандам чун дари хеш,
Ки то худро набинам дар бари хеш,
Бисозад гулханам лек ин шарора –
«Шабат хуш бод, ман рафтам!»
Аҷаб дарё, ки бар ҷонам бирезад,
Гаҳе бинвозаду гоҳе ситезад,
Маро хонад ниҳону ошкора:
«Шабат хуш бод, ман рафтам!»
Ба рағми нокасон умре нуҳуфтам,
Ғами дилро фақат бо шеър гуфтам –
Бинолад рӯйи сафҳа пора-пора:
«Шабат хуш бод, ман рафтам!»

Ҷавонӣ буду рафтӣ бо ҷавонӣ,
Раҳи ҳиҷрон гирифтӣ бо ҷавонӣ.
Ба гӯшам мерасад аз ҳар канора:
«Шабат хуш бод, ман рафтам!»

* * *

Боз ою кӯчаҳои интизории маро саршори худ кун,
Қатраи танҳоиямро маҳви дарёбори худ кун.

Мурғаконро нағма овар,
Хандаро бо ғунчаҳо омез,
Осмонҳоро баландиву шукӯҳмандӣ биёмӯз,
Асри ҳиҷрону ҷудоиро фидои лаҳзаи дидори худ кун.

Бӯса ҳам чун сабза месӯзад,
Ҳамчу оғӯши биёбон оғуши мо низ мехушкад,
Фурсате дону чу найсонам ғариқи раҳмати
рагбори худ кун.

Бӯи дил ояд зи девоне, ки мехонам,
Оҳи маҳҷурон бихезад аз баму зери арӯз, эй вой!
Ин ҷаҳон то кай ҷаҳони ҳасрату андӯҳу ҳирмон аст?
Васли худро шаҳпари сабзи хаёли шоири
бемори худ кун.

Андак-андак «ғусса»-ро бо накди «шодӣ»
метавон бифрӯхт,
Андак-андак дар замири тирамаҳ шамъи баҳори
лолазорон метавон афрӯхт,
Андак-андак метавон оташ шуду бунёди сармо сӯхт,
Ту саропо сеҳру ҷодуӣ, зи нав такрори худ кун!

Ман «ман»-и маснӯии худро чу болопӯш пушти
дар кашидам,
Ман «ман»-и минӯии худро даруни хона чун
гавҳар кашидам,
Бо тарозуи нигоҳат хубу зиштамро якояк баркашидам,
Пеш ою ин дили ёронаамро ёри худ кун.
Бе ту дар лабҳои ман шеъри табам афсурда
хоҳад мурд,
Шӯълаамро ҳамдами бедори худ кун,
Гулназарро шоири дарбори худ кун!

* * *

Сояи қомати ту беҳ зи ҳама қомати кас,
Ғурбати туст муқаддам зи ҳама ҳасрати кас.
То хаёли ту бувад, холӣ нест
Оғуши ошиқии волаи ман,
Ҳар куҷое биравӣ,
Биравӣ моҳсифат дар панаҳи ҳолаи ман.

Гули хайрии табассум, ки туроcт,
Хайр кун, хайр, ки дунё гузарад.
Ин аташ,
ин тапиш,
ин шӯру қиём

Ҳама аз мост,
      валекин зи сари мо гузарад.

Донаи холи ниҳони ту, ки ман медонам,
Фақат аз бӯсаи ман сабз шавад.
Написандӣ, ки дар ин фасли нумӯю сабзиш
Майсаи ғуссаи ман сабз шавад.

Сад нигаҳ мезанад аз раҳ нигаҳи масти туро,
Сад садо мебарад аз раҳ дили шайдои туро.
Дон, ки дар шаҳр дуогӯе ҳаст
Сафари бехатари ҳусни саропои туро.

Эй ҳама маҳзи ҷавонӣ!
То ту ҳастӣ, ба ҷаҳон пирӣ нест.
Мурдани ҳасрату андӯҳе ҳаст,
Ишқмириву ҷавонмирӣ нест.

* * *

Кокули мушкбед мегӯяд:
«Кокулашро раҳо макун аз даст!»
Ту биёву маро ба ҳам овар,
Ки ҷудоӣ дили маро бишкаст.

Сар-сари пушта мезанад ҷавлон
Хотири шоду ҷони болида,
Нағма дар лонаҳо намегунҷад,
Обаке хуш ба сабза печида.

Бӯса мерӯяд аз лаби ғунча,
Меҳрубонӣ – зи чомаи чашма.
Фасли ишқ асту ман натонам буд
Бо лаби хушку бо дили ташна.

Дасти худро диҳам ба дасти насим,
То бибофад ҳамосаи мӯят,
Лаби худро диҳам ба боронҳо,
То бибӯсад алангаи рӯят.

Ман ҷудо нестам зи номи худ,
Назари ман ба гул бувад ошиқ.
То ба кай чуну чанд мегӯем?
Ман турову туӣ маро лоиқ.

Ҳар кучое кунун назора кунам,
Ошиқӣ равшан асту манзур аст.
Ту биёву дар оғушам бишкуф,
Ки баҳор асту то хазон дур аст!

* * *

Гуфта будам, ки вафоят бикунам,
Чӣ кунам? Умр вафоям накунад,
Лутфи боиста худоям накунам,
Гуфта будам, ки вафоят бикунам.

Роҳи ман гарчи пароканд маро,
Дар канори ту фароҳам будам,
Заррае будаму олам будам,
Роҳи ман гарчи пароканд маро.

Рӯйи ҳарфи дили ман сӯйи ту буд,
Гарчи бо ҳар кӣ сурудам ғазале,
Гарчи бо ҳар кӣ бигуфтам масале,
Рӯйи ҳарфи дили ман сӯйи ту буд.

Ман ҳамон Омуи ту будаму бас,
Гар дусад ҷӯйи дигар хост маро,
Ташнаи кӯйи дигар хост маро,
Ман ҳамон Омуи ту будаму бас.

Осмон дар назарам холӣ буд,
Ахтари чашми ту буд матлаби ман,
Ошиқи моҳи ту буд ҳар шаби ман,
Осмон дар назарам холӣ буд.

Бо кӣ гӯям ғами деринаи дил?
Безабонам, ки забонам будӣ,
Ҳар чӣ мехостам, онам будӣ,
Бо кӣ гӯям ғами деринаи дил?

Ин манам бо кафи хокистари хеш,
Оташам нест, ки афрӯхта буд,
Шӯъла дар ҳастиам андӯхта буд,
Ин манам бо кафи хокистари хеш.

Гуфта будам, ки вафоят бикунам,
Чӣ кунам? Умр вафоям накунад,
Лутфи боиста худоям накунам,
Варна гуфтам ки вафоят бикунам.

## ШАБИ СОЛИ НАВ

Рафтиву тобу табат монд,
Ҳасрати рӯзу шабат монд,
Қарзи бӯса дар лабат монд –
Сол нав, ғамҳош кӯҳна.

Барнагардад оби ҷӯбор,
Набвадам уммеди дидор,
Метапам чун набзи бемор –
Сол нав, ғамҳош кӯҳна.

Гуфта будӣ: «Ишқ бозист!»
Бо чунин савдо кӣ розист?
Ошиқӣ ин сарфарозист –
Сол нав, ғамҳош кӯҳна.

Роҳи дунё бекарон аст,
Ҳар нафас сад имтиҳон аст,
«Ҳайф, ҳайф»-и мо ҳамон аст –
Сол нав, ғамҳош кӯҳна.

Ёд кардам, ёди ман кун,
Ёди дардободи ман кун,
Бо алам фарёди ман кун –
Сол нав, ғамҳош кӯҳна.

Гуфта будам нав кунам рӯз,
То шавам бар ғусса фирӯз,
Чун кунам бо ишқи ҷонсӯз?
Сол нав, ғамҳош кӯҳна.

* * *

Худоро ҳар чӣ зебоӣ ба каф буд,
Туро диду туро гуфту туро дод.
Сафедиро ба ду рӯи сабоҳӣ,
Сиёҳиро ба ду чашми сиё дод.
Муҷассам кард адову ишваю ноз,
Пайи сӯзи расо қадди расо дод.
Шаробу шаҳдаш аз ҷаннат пазируфт,
Ба лабҳои ту аз баҳри даво дод.
Малоикро агар ҳусни сухан буд,
Гирифту бо забони ҷонфазо дод.
Ғурур омӯхт шоми мижжаҳоро,
Маро бесабрии боди садо дод.
Бигуфтам бо дилат: «Раҳми дилам кун!»
Бигуфто: «Ошиқӣ дарси ҷафо дод!»
Нигоҳатро бигуфтам: «Ин чӣ роз аст?»
Бигуфто: «Ин ҳама бо ман Худо дод!»
Ҳама нозу ҳама нозиш туро дод,
Ҳама дарду ҳама нолиш маро дод.

* * *

Дарахтон навбаҳоронро сари китфони худ
алвонҷ медоданд…
Ба худ гуфтам, ки ғунча буданам беҳ буд,
Ки рӯи ҳотаи ту мешукуфтам
Ва бо ту қиссаи кӯтоҳи умри хеш мегуфтам.

Ба вақтам рас,
Аё парвози ҳиҷронафкани турна!
Ду чашму гӯшу ҳуши ошиқиамро ғанимат дор.
Диле ҳасту нахонад ояҳои интизориро,
Саре ҳасту натобад инқилоби беқарориро,
Дили гарму сари сабзи фидокори маро
чанде саломат дор.

Ба ҷои набзи ман дар пайкари ман рӯшноӣ
метапад ҳоло
Ва чун барги забонам дар даҳонам ишқ меҷунбад.
Саропо навбаҳорам ман,
Саропо беғуборам ман,
Магар байни ману ту офтобе нест?
Қасам бар номи Яздонат, ки дар роҳи тамузи ишқ
Мане ҳасту Туе ҳасту саробе нест!
Дарахтон навбаҳоронро сари китфони худ
алвонҷ медоданд…

* * *

Дастафшонии барг аз паси бод
Интизории ману рафтани бедарди туро орад ёд.
Гар ҷаҳон сӯи ба сӯ ҷода бувад,
Корам нест,
Ғамам он аст, ки ту меравӣ аз манзари ман.
Гар ҳаёт омадану рафтани ишқ асту умед,
Корам нест,
Бимам он аст, ки боре чу насим
Ту наойӣ ба суроғи кафи хокистари ман.
Гар зи фарҳанги ҷаҳон пок кунам
вожаи паймоншикани «рафтан»-ро,
Суде нест.
Гар дусад бор «биё!» гӯяму афғон фиканам,
Оғуши орзуи ман холист.
Бигудозам ҳама ҳиҷрону ҷудоӣ, ба масал,
Васли як лаҳза нагардад ҳосил.

Ҷамъ орам ғаму андӯҳи замонро яксар,
Нашавад ҳеҷ баробар ба дами шодии дил.
Беҳ, ки аз васли ту афсона кунам,
Ҳаҷри ҷонсахти миёни моро
Масту девона кунам,
Бевафоии вафоро ба кафи ҷодуи ишқ
Ҷинси бегона кунам.
Мешиносӣ, гули якдонаи ман,
Ғами афсонаи ман?

* * *

Суруде ҳаст дар хунам, ки номашро
намедонам,
Биё, пурсам зи лабҳоят.
Фурӯғе ҳаст дар ҷонам, ки аслашро
намебинам,
Биё, пурсам зи табҳоят.
Сабоҳе ҳаст дар ёдам, ки розашро
намефаҳмам,
Биё, пурсам зи шабҳоят.

Сурудам бенишон мирад,
Фурӯғам ноаён мирад,
Сабоҳам нозамон мирад.
Намеойӣ… намеойӣ?..

## ДАР БЕЧАРОҒӢ

Шаҳри хуршедии ман пӯшида,
Эй аҷаб, пираҳани зулмонӣ.
Хона торику нафас бесамару дил безавқ,
Ҳайфам ояд ба ҳама марду зани зулмонӣ.
Боғ бесурату сабза ҳадару ҷӯ берӯҳ,
Вой бар нилуфару ёсумани зулмонӣ!
Лаб фурӯ банд, аё мурғи шабовези азиз,

Фурсати базми ту бигзашта,
Омада навбати зоғу зағани зулмонӣ.
Осмон тиратар аз рӯи замин,
Сар ниҳода ба сари шаҳри ҳазин,
Мекунад гиря хамӯш,
Раҳмам ояд ба маҳу ахтару чашмони мани зулмонӣ.
Ай Худо, ҳиммат хоҳ,
То фурӯзон бикунам ҷойи чароғ
Рӯи авроқи парешон
Вожаи рӯшании «Рӯшан»-ро,
То зудояд сияҳии сухани «зулмонӣ»,
Ҳамчунон аскари лашкаршикани зулмонӣ.
Шаҳри дилхастаи ман!
Сабр кун, сабр, саҳар меояд,
Оқибат барфиканӣ аз тани худ пираҳани зулмонӣ!

* * *

Равам, аз ишқ пурсам манзилатро,
Тапиш гардам, фаро гирам дилатро.
Чу мастӣ хона монам тӯи чашмат,
Чу шавқ оғуш кунам обу гилатро.
Ҳама соли муҳаббат бемисол аст,
Бинозам ҳаждаҳатрову чилатро!
Касе номат барад, хобам гурезад,
Ба бехобӣ макаш ин бедилатро.
Гар аз ҳар зарраам пурсӣ, бигӯяд:
« – Ба боди ҳарза мафкан ҳосилатро!»
Ало, дарёи ман, бо ташнакомӣ
Шавам обу бибӯсам соҳилатро.
Зи худ рафтам, ки умре боз оям,
Шинос ин ношиноси ғофилатро.
Ту, ки бо як нафас дунё кунӣ пок,
Мубарро кун зи ҳиҷрон маҳфилатро.
Панаҳ дорӣ агар майли дилатро,
Равам, аз ишқ пурсам манзилатро!

* * *

Ман дар ин шаҳр аз нидои
«Дӯст медорам!»
Тарҳҳо афкандаам бар кӯчаҳои
«Дӯст медорам!»
Гӯши худро ту фаро овар ба наҷвои дарахтон,
Бин, чи мегӯяд забони сабзи барги мубталои
«Дӯст медорам!»

Мешиносӣ лафзи ҷӯбори равонро?
Мавҷ мешӯрад паёпай ҳамнавои
«Дӯст медорам!»
Рӯи роҳат киштаам ман чашмҳои интизорамро,
Бохабар! Дар зери пойи ту фитода нақши пойи
«Дӯст медорам!»
Ман дареғогӯйии хешам,
То намедонам даруни ғунчаи гӯшат
чи шабнам раҳ кушуда,
То намедонам ба ҷоми гӯшҳоят бодаи
ҳарфи кӣ меҷӯшад,
Баски ҳаргиз нашнавӣ аз ман садои
«Дӯст медорам!»
Кош, бошад заргаре қудсӣ,
К-аз барои ту бисозад гӯшворе аз тилои
«Дӯст медорам!»
Кош, бошад чеваре қудсӣ,
К-аз бароят хилъати шоҳӣ бидӯзад аз матои
«Дӯст медорам!»
Аз ҳаво гар хонаи гетӣ бувад холӣ,
Кош, бошад хонаат пур аз ҳавои «Дӯст медорам!»
Шояд он дам бишнавӣ дар худ нидои
«Дӯст медорам!»
Шояд он дам бо таҳайюр бар лаб орӣ
«Ин садои кист?»
Эй дилу ҷонам фидоят!
Ин ман астам, ман, худои «Дӯст медорам!»

## МИСРАИ ИНТИХОБӢ

Ба лутфе чу кардӣ нигоҳе ба сӯям,
Зи девони шаҳри пур аз шӯри ошиқ
Шудам мисраи интихобӣ.
Ба ҷуз рози лабҳои ту буданам нест,
Ба ҷуз вирди шабҳои ту буданам нест.
Нафасҳои гарми ту гармӣ дамад бар равонам,
Сафои ҷабинат бубахшад маро рӯшаноӣ.
Зиҳӣ, нози ширини пур бебаҳоят,
Ки ҳар зарраамро баҳое диҳад – бебаҳоӣ!
Чу ойина оғӯшам аз туст саршор,
Чу ойина тобӣ саропо ту дар ман.
Манам бо ту дунё,
Ки бешӣ зи дунё ту дар ман,
Маро ишқи «бекас» бишуд «бо кас» аз ту,
Ҳама тан сурудам, ҳама ҷонам оҳанг,
Бубин дар сириштам ту асрори Монӣ,
Шинос аз сурудам ту осори Аржанг.
Манам мисраи вижаи интихобӣ
Барои лабу чашму мижгону рӯят.
Мабодо, ки рӯзе
Зи ёди ту гардам фаромӯш,
Ки чун вожаи оташини дили шамъ
Бимирам яке пеши рӯи ту хомӯш…

## ИНТИҚОМИ ИШҚ

Кӯчаҳои шаб касиф аст,
Он сиёҳии ғализе, ки зи роҳи раставу гулгаштҳо ҷорист;
Он сиёҳии махуфе, ки ба боми хонаҳо то субҳ мерезад;
Он сиёҳии палиде, ки сари саршохаҳо
бо баргҳои бетафовут мезанад қарсак.
Аз сиёҳии дили шаб нест.

Чашми ахтарҳои қудсӣ з-ин сиёҳӣ мешавад хира,
Партави покизаи маҳ з-ин сиёҳӣ мешавад тира.

Кӯчаҳои шаб саросар тими бозор аст,
Ишқи шомолуда ин ҷо мешавад савдо.
Бӯса дар рахти сиёҳӣ меравад аз лаб ба лаб арзон,
Хандаҳо ҳамранги зангӣ мешавад тавлид,
Норасида навҷавонӣ
        дар қабои зулмати шаб мекунад ҷавлон.

Дар ҳамин савдои зулмонӣ
Дасти торике бигирад дасти торике,
Ҳарфи шабранге биёбад ҳарфи шабранге.
Ошиқиҳои сиёҳе вошиносад ошиқиҳои сиёҳе.

Ҷумла ин ҷо ошноянд аз ҳавои ошноӣ,
Ҷуз таманнои сафедӣ,
                    ҷуз паёми рӯшноӣ.

Кӯчаҳои шаб касиф аст…
Аз дари хобат бурун ой,
Офтоби субҳи покизасириштон,
Интиқоми ИШҚ-ро аз кӯчаҳои бешараф бистон!

* * *

Сабзаҳо хокистарӣ аз хок мехезанд,
Нағмаҳои мурғакон аз шоха гардолуда мерезанд,
Бори софӣ мефитад аз шонаи мавҷи равони об,
Аз варои пардаи чиркини абр
Ошуфта мебинам рухи маҳтоб –
Шаҳрро ҳаммом бояд кард.

Пойи завқе ошнои остоне нест,
Меҳрубонӣ дар суроғи меҳрубоне нест,
Чашми раҳ аз турктозии ғубори ногумон кӯр аст.
Чилчароғи рӯшани дасти фалак имрӯз бенур аст,
Шаҳрро ҳаммом бояд кард.

Чеҳраҳо якрангу берӯҳанд
Дар ҳиҷоби гард.

Кас намедонад нишони Дил,
Кас намехонад нигоҳи Дард.

Аз хиёбонҳои ин шаҳри шиносу ношиноси хеш
Меравам ноошно бо мардуми ноошнои хеш.
Баски ҳарфам гардолуд аст,
Баски рӯзам гардолуд аст.
Ман набишносам сари худро зи пойи хеш.
Такя созам хаставу пурдард
Бар тани беди ғарибы растаи пургард.
Гӯямаш: – Эй шоҳиди фасли ҷавони беғубори ман,
Шаҳрро ҳаммом бояд кард!

* * *

Ин барг, ки соябони ман буд,
Чун соя ба зери по фитода,
Аз сӯҳбати ахтарон бурида,
Сар бар сари хоки раҳ ниҳода.
Хоҳам, ки ба шоха бозгардад,
Чун тӯтии маст пар кушода,
Афсӯс, наям баҳор, афсӯс,
Ин ғусса чӣ ногувор, афсӯс!

Ин селаи мурғакони кӯчӣ,
Бо ҳасрату ормони кӯчӣ,
Доранд гузар зи дидаи ман
Чун ашки ғами равони кӯчӣ,
Хоҳам, ки ба лона боз оянд
Аз ғурбати осмони кӯчӣ.
Афсӯс, наям баҳор, афсӯс,
Ин ғусса чӣ ногувор, афсӯс!

Дар синаи ман, ки тирамоҳ аст,
Ҳарфам зи хазони ман гувоҳ аст.
Эй боғи ғунуда, ханда омӯз,
На фасли фиғон, на гоҳи оҳ аст.

Хоҳам, ки зи хор гул бичинам,
К-аз обила пойи дил табоҳ аст.
Афсӯс, наям баҳор, афсӯс,
Ин ғусса чӣ ногувор, афсӯс!

## ШЕЪРИ САФЕД

Ҳама умрам ба гоҳи ту наарзад,
Савобам бар гуноҳи ту наарзад.
Агар сад дафтарам шеъри сафед аст,
Ба як холи сиёҳи ту наарзад.
Канор аз чашми ту набвад умеде
Ва дур аз нози ширини ту иде.
Нахондам бар баёзи шеъри дунё
Ба сони пайкарат шеъри сафеде.

* * *

Аз чеҳраҳо то ғунчаҳо
Фасли шукуфтанҳо расид,
Маҳмил бубанд, эй барфу бод,
Ҳангоми рафтанҳо расид!
Розе канори рози худ,
Нозе хумори нози худ,
Базми ба ҳам печидани
Меъроҷи гарданҳо расид.
Дар дил нагунҷад ишқи ман,
Чун нола дар исёни рӯд,
Хомӯш натвонам нишаст –
Даврони гуфтанҳо расид,
Айни шукуфтанҳо расид.
Аз лаб нагӯям ман сухан,
Аз таб наҷӯям пираҳан,
Аммо бигӯям бӯсаро:
– Эй қарзи беохир! Бинеҳ,
Вақти гирифтанҳо расид.

Бо турнаҳои абрҳо
Пар мекашам рӯи ҳаво.
Бӯйи гулу борон диҳад
Сар то ба поям.
Ай Худо!
Поёни танҳоӣ расид,
Бар ошиқи танҳо расид.
Чак-чак бирезам бар сараш,
Афтам зи тори кокулаш,
Чоки гиребонаш маро
Хонад ба боғи пургулаш.
Эй сабр, аз ҷурмам гузар,
Вақти шукуфтанҳо расид!

* * *

Барф чун мӯйи сафеду навниҳоли хамзада
Ёд меовард бар ман қомати пиронаро.
Боғбони меҳрубон чӯбе ба даст
Барф меафшонд аз саршохаҳо.
Худ ба худ гуфтам, ки: «Эй кош, ин замон
Ғамгусоре буд дар паҳлӯи ман,
То ба лутфе мефишонд аз ҷони ман
Ғуссаву армони ман».

## СЕ РУБОӢ

Эй душмани рӯз, ёри шаб хоҳӣ мурд,
Бе ному нишону бенасаб хоҳӣ мурд.
То об зи рӯи худ фурӯ рехтаӣ,
Бо Вахши пуроб ташналаб хоҳӣ мурд.

Дар фасли баҳорам ғами афсурдан нест,
Доғи ду ҷаҳон ба сина парвардан нест.
Эй ишқ, ки оғози ҳама оғозӣ,
Дар оғуши ту мурдани ман мурдан нест!

Пайғоми баҳор медиҳад номи шумо,
Инъоми баҳор медиҳад номи шумо.
Бишкуфтани ғунчаҳои шеърам нигаред,
Илҳоми баҳор медиҳад номи шумо.

* * *

Бе раводид меравад дарё
Аз диёре суи диёри дигар.
Бе иҷоза паранд мурғон ҳам
Аз баҳоре ба навбаҳори дигар.

Медамад офтоб берухсат,
Меравад ҳамчунон ба шаҳри ғуруб.
Изни касро намекунад хоҳиш
Хандаи ахтарони дил-ошӯб.

Раҳмам ояд ба ҳолат, эй Инсон,
Ки туро нест аз худи ту гурез.
Гарчи дунё таҳи нигини туст,
Бе раводид хориву ночиз…

* * *

Фасли ишқам хазон-хазон бигзашт,
Аз куҷо омадӣ баҳор-баҳор?
Ба Худо, баъд аз ин намегунҷад
Дар дилам дарди ошиқӣ, зинҳор.

Аз шарори нигоҳи ту нашавад
Кафи хокистарам зи нав гулхан.
Ту маёвар ба шӯришу исён
Хуни дар хештан ғунудаи ман.

Обилаҳои пойи уммедам
То ҳанӯз аз ҷавониам ноланд.
Он ҳавасҳо, ки дар дилам хуфта,
Мурғакони ғариби бебоexternal.

Субҳ донад сафедии мӯям,
Шом донад сиёҳии роҳам.
Боварат гар зи ман намеояд,
Дар барам шину пурс аз оҳам.

Чашми ту хотирам барошӯбад,
Нози ту ёди ман барангезад,
Ҷилваи қомати ҷавони ту
Бо ману ҷони хаста бистезад.

Лек гӯям: «Хазони ман! Ҳуш дор,
Рӯ ба рӯят баҳори гулрез аст.
Рӯзи ӯ пуртаронаву равшан,
Шаби ту лолу ҳузн-ангез аст».

Оҳ, сахт аст бо ту пайвастан,
Аз ту бигсастанам чӣ мушкилтар!
Кӯр бодо ду чашми ошиқи ман,
Ки ба фармони ман наорад сар!

На! Дигар бас! Равам ба роҳи хеш,
Бо ҳамон баргу бори ғампарвард.
Фақат аз умри ту сипос кунам,
Ки ҷавон омаду ҷавонам кард.

* * *

«Дил дили Зайнаб»-агарчи гуфтаанд,
Дил ба мо бахш, эй хаёли дилнишин.
Ғуссаро бо ғамзаҳоят ғусса деҳ,
Анҷуман кун бо ману бош ангубин,
Ҳамчунон холи сиёҳат як нафас
Дар канори чашми ошиқ ҷо гузин.
Ҳарфи масти «нозанин» дар умри хеш
Мисли ту ҳаргиз надида нозанин.
Ҳамчу кони Фон дарун андар дарун
Ман забона мезанам, сӯзам бубин.

Хирмане дориву ҳастӣ бениёз,
Ман ба домонат ғариби хӯшачин.
Оғӯшатро ёд карда, то саҳар
Ман Худоятро фиристам офарин.

* * *

Ҳар гаҳе ояд садоят аз лаби тилфони ҳамроҳам,
Аз ҳама гумгаштагиҳо мешавам пайдо,
Аз ҳама холибуданҳо мешавам саршор,
Аз ҳама танҳобуданҳо мешавам бисёр.

Ман садоятро мисоли оғуши ту мекунам оғӯш,
Ман садоятро чу табҳои лабонат мекашам бар лаб.
Аз садоят мегурезад аз дилам ғамҳои таҳхӯрда,
Аз садоят мешукуфад дар нигоҳам ғунчаи
уммеди пажмурда.

Аз садоят ҳарфи гунгам мешавад гӯё,
Пойи хоби ёдҳоям мешавад пӯё.
Аз садоят ҳастии ман мешавад ҳастӣ,
Мераҳад роҳи муҳаббатҳои ман аз шоми бунбастӣ.

Дӯст медорам садоятро,
Вале бисёр мехоҳам,
К-он биёяд аз лаби хандони ҳамроҳам,
Н-аз лаби тилфони ҳамроҳам…

* * *

Ҷавонӣ дар либоси атласи «шому саҳар» дар
оғуши ман буд.
Лабаш гелосу
Рӯяш себи хубониву
Ҳар ду чашми ӯ – шаҳтут
Ва оғӯшаш чу боғи пурсамар дар оғуши ман буд.
Танам дар оташи тобу табаш месӯхт,

Гули бишкуфтаи оҳам зи гармои лабаш месӯхт,
Дили шогирди ман дар имтиҳони мактабаш месӯхт,
Тасаллои ҳазорон пурсиши «Оё?»,
«Магар?» дар оғуши ман буд.
Ба тори кокулони майдабофи ӯ
Бубастам дасту пои ғуссаҳои ҷони ноосудаи худро,
Ба парвоз оваридам лаҳзаҳои изтироболудаи худро,
Ба эъҷози нигоҳи меҳрубони ӯ
Кушудам дар сириштам олами накшудаи худро,
Шукӯҳу эътибори сад ЗАФАР дар оғуши ман буд.
Табассум дар рухаш гулрез гардиш дошт,
Такаллум дар лабаш гулбез гардиш дошт.
Ҳама гул буд,
Тароват буд,
            тараннум буд,
                        тағаззул буд,
Ба шодобӣ баҳори гулбасар дар оғуши ман буд,
Саропо оташу тӯфон,
Пур аз шӯру қиёми навҷавонӣ буд,
Китоби Гулназар дар оғуши ман буд!

* * *

Аз кӯчаҳои ғуссаи ман
Ту бехабар зи сӯзи дили ман гузар кунӣ…
Хоҳам, ки дасти холии бебори хешро
Корам ба роҳи ту,
То сад ҳазор даст бароял пур аз ҳавас
Муштоқи доманат.
Хоҳам, ки чашми хастаи бехоби хешро
Корам ба роҳи ту,
То сад ҳазор дида бароял ба диданат.
Хоҳам забони лоли гирифтори хешро
Корам ба роҳи ту,
То сад ҳазор барги забон рӯяд аз замин
Бо ояи малоҳату шодобии танат.

Хоҳам лабони ташнаи табдори хешро
Корам ба роҳи ту,
То сад ҳазор лаб бидамад по ба пои ту
Аз баҳри бӯсаҳои гурезону пурфанат…
Эй гул, зи роҳи ғуссаи ман бехабар марав,
Дар номи ман шукуфтаӣ, аз Гулназар марав!

* * *

Агар байте ба гоҳе менависам,
Ба мастии нигоҳе менависам.
Сафедии ду рӯяшро мапурсед,
Нависам, бе сиёҳӣ менависам.
Лабаш хуни маро шӯридатар кард,
Бигӯ, эй дил! Гувоҳӣ менависам.
Рабуд аз ман сабуриву сафар кард,
Гуноҳаш «Бегуноҳӣ» менависам.
Фироқашро, ки «Бегоҳӣ» бихонам,
Висолашро «Пагоҳӣ» менависам.
Паёми ишқи ӯро ҳамчу шабнам
Ба барги ҳар гиёҳе менависам.
Ҳама сӯзу гудозашро ба ҷонам
Паноҳеву паноҳе менависам.
Агар оғӯши мо ба ҳам наояд,
Як оғӯш «Оҳ!», «Оҳ!»-е менависам.

* * *

Ман ҳасад мебарам аз пираҳанат,
Ки бувад маст зи атри баданат.
Аз ҷаҳон чун гузарам, ки монда
Қарзи як бӯсаи ман дар даҳанат?!
Ҳарфи ту мисли ғазал ширин аст,
Нест Ҳофиз, ки шиносад суханат.
Ту макун фикри раводиди сафар,
Набувад ҷуз дили зорам ватанат.
Эй ту иқлими мусоид ҳама умр,
Сабз кун, сабз маро дар чаманат!
Ту биёмӯз ба шеъри ҳавасам
Шӯълаи ҳусн барафрӯхтанат.

Сӯи бахтам набарад озода
Раҳбаре, ҷуз нигаҳи роҳзанат.
Дар фаросӯи ҷаҳон пайдо нест,
Ба худо, ошиқи ҳамтои манат.
Ман ҳасад мебарам аз пираҳанат!..

* * *

Эй шастсолагӣ,
Эй қуллае, ки баъди ту шеб асту шебу шеб…
Баъди ту дил кананд зи ҷодуи «сарфароз»,
Баъди ту раҳ кашанд зи дунболи «сарнишеб».
Акнун, ки мисли кӯдаки маҳви таҳайюр
Бар иртифои шонаи хешам нишондаӣ,
Бигзор, аз ин баландии қисмат садо кунам
Он тифлие, ки рафт пайи боли сӯзанак,
То сӯзане шавад ба кафи пои пириам.
Шояд, ки бе кашокашу ғавғои кӯдакӣ
Осудагӣ набуд ба дунёи пириам.
Дардову ҳасрато!
Ҳарчанд илтиҷо кунаму орамаш намоз,
Тифлӣ намекунад назаре сӯи пириам,
(Бодо сиёҳ рӯи ману рӯи пириам!)

Эй шастсолагӣ!
Аз иртифои шонаи ту
Бигзор, ман назар фиканам, сад садо кунам
Субҳи ҷавонии саҳаромӯзи хешро,
Дар растаҳои шаҳр зи нав ҷустуҷӯ кунам
Ишқи бароҳмондаи ҷонсӯзи хешро,
Шабҳо, ки моҳ бар сари мо сим мефишонд,
Ҳарфи вафову бӯсаи мо таъми сим дошт.
Акнун ки он фасонаи умрам фасонаест,
Мӯйи сафеди ман зи маҳи шаб нишонаест.

Пирии ман шиноси ҷавонии ман, ки нест,
Дар лаб варо нишаста суоли ғарибӣ «Кист?»

Эй шастсолагӣ!
Тифливу навҷавонии ман поядори туст,
Ҳар он чиам рабудаӣ, инак,
Сармоядори туст.
Ман пеши ту фитодаву бечора нестам,
Ту бурдаӣ зи даст зари шоҳвори ман,
Чун боди тирамоҳ ҳама баргу бори ман.
Ман мушти дод бар дари ҳафт осмон занам,
Пеши Худо зи ту талаби ҳаққи худ кунам:
Ҳар субҳ тифлии маро дар кӯчаҳои бачагӣ
бедор мекунӣ,
Ҳар шаб ҷавонии маро дар ҷодаҳои ошиқӣ
такрор мекунӣ.
Дар ман мани шикастароЭъмор мекунӣ!

* * *

То саҳар хоби шабам бехобист,
Қиссаи тобу табам бехобист,
Балки ному насабам бехобист.

Бахти пурхоби ман аз баски ҳама пурхоб аст,
Бо ғами кӯҳнаи бехобии ман кораш нест,
Гӯиё дар ду ҷаҳон
Ҳамчу ман ёри вафодораш нест.

Бахти пурхоби ман, эй маҳрами ман!
Раҳм кун, раҳм ба бетобии ман.
Аз ҳамон хоби мудомат бифирист
Лаҳзае бар шаби бехобии ман.

* * *

Шарфаи поят ба ҳузни ман тараб овард,
Ҳарфҳоят хомушиамро ба гап овард,
Хандаҳоят хандаҳоямро ба лаб овард,
Мушти хокистар будам ман,
Тоби оғӯшат вуҷудамро ба таб овард.

Навбаҳори ту хазонамро баҳор омӯхт,
Навҷавонии ту умрамро барор омӯхт,
Мустамандии диламро нози мижгонат виқор омӯхт,
Барканор афтода будам ман,
Ҷазби ҳусни ту маро шавқи канор омӯхт.

Гуфта будам: ошиқӣ ҷуз хастаҷонӣ нест,
Достон меофарад, аммо азизи достонӣ нест.
Гуфта будам: шеър ҷуз девонагии дуҷаҳонӣ нест,
Ҳосили меҳраш ба ҷуз номеҳрубонӣ нест.
Лек мактабхонаи чашмат сабақ додам,
ки бе шеъру ҷунуни ишқ
Лаззате дар зиндагонӣ нест.
Инқилоби шарфаи пои туро гӯям:
Муборак бод!
Мӯъҷизи ҳарфи таманнои туро гӯям:
Муборак бод!
Субҳи гулханди мусаффои туро гӯям:
Муборак бод!

Эй дили ман,
Эй гули дар лобалои сад хазон бишкуфтаи ман,
Рӯзи эҳёи туро гӯям: Муборак бод!

* * *

Шафақ дар осмон гул кард,
Шафақ дар синаам гул кард,
Ғуруби по ба пои офтобу ман фаро омад.
Ало, эй меҳрубон чашме, ки шамъи интизориҳо
барафрӯзӣ ба роҳи ман,
Макан уммеди худро аз тулӯи субҳгоҳи ман.
Агар ин шоми зулматро сари поён расидан нест
В-агар хуршедро сад сол пиндори дамидан нест,
Ман аз баҳри ту меоям,
Ду оламро ба оташ мекашам, шаҳри ту меоям…

* * *

Мижа обастани хоб аст, ту бедорам кун,
Маҳви бозии сароб аст, ту бедорам кун.
Нестам ҷуғду масири мани овора валек
Аз хароба ба хароба-ст, ту бедорам кун.
Дар ҳама кашмакаши давр сари бодакашам
Масти мастии шароб аст, ту бедорам кун.
Беҳисобии замон гарчи фиребост маро,
Ҷони ман, рӯзи ҳисоб аст, ту бедорам кун.
Аз тағофул биравад чашмаи ман аз дили ман,
Ватанам ташнаи об аст, ту бедорам кун.
Сар ниҳодам ба сари кӯҳу таҳаммул кардам,
Зиндагӣ айни шитоб аст, ту бедорам кун.
Сояпарвар бувад он кас, ки бувад сояи кас,
Шамси ман пушти саҳоб аст, ту бедорам кун,
Субҳ бо қатраи шабнам бинавишт ояи хеш,
Гулназарро чи китоб аст? Ту бедорам кун!

## ДАР ТАСАЛЛИИ ТӮЛҚИН ХОҶАИ ШОИР

Рӯи тори сатрҳои барқии ту то ба рӯзи ҳашр
Баччагии барқбози баччаҳоят мекунад бозӣ.
Гарчи мегӯянду мегӯӣ: «Ризои Ҳақ»,
Нестам ман (тавба кардам!) аз Худои меҳрубон розӣ.

* * *

Бар сари ман мечакад борон зи абри пора-пора –
Як ду-се-чор.
Лаҳзаҳои умр аз ман меравад ҳамвору ҳамвора –
Як ду-се-чор.
Лаҳзаҳо , эй лаҳзаҳо, эй лаҳзаҳои камшумора –
Як-ду-се-чор.
Аз канорам меравед оҳиста-оҳиста канора –
Як ду-се-чор.

На шумо аз ман ризову на ризоманди шумоям,
Бевафоӣ мекунеду бевафоям,
Норасо афтодаеду норасоям.
Мешавад бас чак-чаки борон зи абри пора-пора –
Як-ду-се-чор.
Меравед аммо шумо ҳамвору ҳамвора –
Як ду-се-чор.
Мераведу ноаён борони ашкам мекунад чак-чак,
Мешавад ҷорӣ миёни ҷӯяҳои шеъри ман як-як.
Мераведу мебаред охир маро бо лаҳзаи охир,
Ҳайфи шоир,
　　　　ҳайфи шоир,
　　　　　　　　ҳайфи шоир…

* * *

Бӯсаи ту дар лаби ту
Мавҷ пушти мавҷ ҷавлон мезанад,
Хоҳиши ман дар лаби ман
Мушти ҳасрат бар сари ҷон мезанад.
Чашми ту донад, ки имрӯз
Роҳи дилро саҳлу осон мезанад,
Сӯзи ман донад, ки имрӯз
Хешро бар дашти сӯзон мезанад.

Духтари оҳорӣ, эй ёри бадахшӣ,
Ҳаҷри ту сар бар сари санги Бадахшон мезанад,
Васли бесомони ман
Синаро бар синаи оби Зарафшон мезанад.

Инқилоби ишқро осон магир,
Асрро бар асру
　　　　давронро ба даврон мезанад,
Дардро бар дарду
　　　　ҳиҷронро ба ҳиҷрон мезанад,
ИН Зарафшонро ба лозури Бадахшон мезанад,
ОН Бадахшонро ба армони Зарафшон мезанад!

* * *

Ҳавоҳо,
садоҳо баланд,
назарҳо чӣ паст,
Ба даъво-ҷаҳонгир,
Ба савдо-фалаксайр,
ҳунарҳо чӣ паст,
Суханҳо чӣ алмос,
Забонҳо чӣ ханҷар,
самарҳо чӣ паст,
Чӣ кӯҳе, ки берӯҳ,
Чӣ рӯде, ки бесуд,
гуҳарҳо чӣ паст,
Сафаршон ба зиллат,
Назаршон ба пастӣ,
сафарҳо чӣ ланг,
назарҳо чӣ паст!

## АНАЛҲАҚ

1

Эй Фаластин, эй ту Ҳаллоҷи Аналҳақ!
Бар сари ту монда Ҳақ тоҷи Аналҳақ,
Як туӣ ёри вафодори Аналҳақ,
Мекунӣ ҷавлон сари дори Аналҳақ,
Аз гулӯят мечакад хуни Аналҳақ,
Дар танат карбоси гулгуни Аналҳақ.
Эй дареғо, эй дареғо,
Интиқоматро кӣ мехоҳад гирифт
аз душмани дуни Аналҳақ?!

2

Зиндагӣ,
Эй дори Ҳаллоҷ!
Аз Аналҳақ то Аналҳақ имтиҳонам мекунӣ,

Бе сару
бе даступою
бе забонам мекунӣ,
Бо ҳамин бечорагӣ
Сӯйи Ҷовидон равонам мекунӣ…

## НОДИРПУР

Ҳарфе, ки вароcт, дидаи гирён аст,
Шеъре, ки вароcт, навҳаи ҳиҷрон аст.
Гар мурдаи ӯ дар бағали Эрон нест,
Дар турбати ӯ зиндаи сад Эрон аст.

## ШЕЪРЕ ДАР ЯК МИСРАЪ

Тиҳигоҳи кафи
дасти гадо
аз гушнагӣ
пур буд!

* * *

Замини барфпӯш аз тобиши маҳ
Мунаввар гашта чун Маҳтоб имшаб.
Чу беморони маҳгардам, ки гардам
Миёни растаҳо бетоб имшаб.

Шамими кокулат н-ояд, ки хушк аст
Лаби ҷӯ кокулони беди Маҷнун.
Нахонам нақши поятро раҳораҳ,
Ки пинҳон аст зери барф акнун.

Раҳини гӯши хешам, ки гарон аст,
Наояд меҳри пешин аз садоят.
Варои сад зимистон нопадид аст
Нафасҳои баҳори ҷонфазоят.

Зимистон бигзарад бо барфу бодаш,
Зи доми ях раҳо гардад раҳи ман.
Зимистоне, ки номаш бевафоист,
Бимонад дар пагоҳу бегаҳи ман.

Зи барфи ӯст барфистони мӯям,
Зи барфи ӯст сутхони сафедам.
Сиёҳӣ мекунад то субҳи маҳшар
Баёзи қисматам,
                    рӯйи умедам.

Бубинӣ ҳоламу шояд бигӯӣ:
«Ту оқил мешавӣ оё замоне?
Муҳаббат қиссаи зебост, аммо
Бубояд бишнавияш дар ҷавонӣ».

Худоё! Дар хиёбонҳои барфӣ
Саропоям фурӯзон асту вола.
Намедонам, ки марди хастаҷонам
Ва ё ки навҷавони ҳаждасола…

* * *

Аз сиришки талхи ҳасрат
Чашми бодомии ӯ бодоми талх аст.
Бӯсаи ширини ман,
Ҳангома бигзор –
Ҳангом талх аст!

## ВОҚЕА

Вақте ки хун зи боли ҳазини кабӯтар
Бар боли сабзи сабзаи навхоста чакид,
Парвоз мурд.
Боде, ки мегузашт зи боғи ҷавонаҳо,
Нолид аз алам:
«Овоз мурд!»

Дар ҷӯйи пуртаронаи сармаст
Оҳанги тор мурд.
Гулғунча ханда аз лаби шодаш фурӯ гузошт,
Гуфто: «Баҳор мурд!»

* * *

Шишаҳо ях задаанд…
Пушти ин пардаи симин
Ман натонам, ки ба айвони ту наззора кунам,
Субҳи рухсори туро бинаму дилро
зи ғами фурқати ту чора кунам.

Гуфтам оҳе бикашам таболуд,
То яхи шишаи ман об шавад,
Лек бимам з-он аст,
Ки ба пиндори ту гирён бошам
Ва дилат дар сари андешаи ман об шавад.

Сухан аз об бас аст,
Ки дили хастаи дунё об аст,
Сару савдо об аст,
Об дар мижжаи дард,
Об дар чашми тари дармон аст.

Хандаи чашми сиёҳат кофист,
То фаротар зи дами яхшикани меҳри саҳар
Яхи ҳирмон,
яхи ҳиҷрон,
яхи армон шиканад,
Сардии фосилаву ҳавсала осон шиканад.
Шишаҳо ях задаанд,
Боядо шишаи дилҳо зи ях эмин бошад,
Варна аз омадани субҳи баҳор
Бехабар хоҳӣ монд,
Варна ҳангоми пару бол кушудан
ба саропардаи нур
Мушти пар хоҳӣ монд…

* * *

Марди танҳои Худоям, бо Худо танҳо наям,
Эй табори бевафоён! Бо вафо танҳо наям.
Зулматам монанди чодар гар фурӯ ояд ба сар,
Аз дили ҳар зарраам хезад сафо, танҳо наям.
Эй паризоди хаёлам, то хаёлат бо ман аст,
Бо худам ё бе худам, дар ҳар куҷо танҳо наям.
Лаҳза-лаҳза меравам бепову бесар сӯи ту,
Мекушоӣ дар ба рӯям ту ва ё…танҳо наям.
Лобалои мардуми аз ваҳми дунё безабон,
То лабат пурсад зи ман: «Оё чаро?!», танҳо наям.
Мижжаи тӯфоният бигрифта аз дасти дилам,
Эй балогардони ман! Ман дар бало танҳо наям.
Пештар аз ман «барои ман ба дунё омадӣ»,
То ту ҳастӣ, аз Сурайё то Саро танҳо наям.
Ман, ки қурбон кардаам ҷамъияти дилро ба ту,
Эй ягона шеър! Бо ҳарфу ҳиҷо танҳо наям.

* * *

Эй зани танҳо, биё, танҳоии худро ба ҳам бинем,
Ҳасрату армони индунёии худро ба ҳам бинем.
Фасли ишқ охир шуду субҳи ҷавонӣ рахти худ барбаст,
Бош, то шоми ғами раҳпоии худро ба ҳам бинем.
Оҳ аз он афсонаи ширин, ки акнун бо «дареғоҳо!»
Қиссаи талхи дили савдоии худро ба ҳам бинем.
Гармии хуршедии эҳсос бо хуршед пинҳон шуд,
Ин шаби афсурдаи сармоии худро ба ҳам бинем.
«Ту»-и ту аз ман буриду бо «ман»-и ман кинаҳо варзид,
Сабр кун, то лаҳзаи «бемоӣ»-и худро ба ҳам бинем.
Ваҳ, чӣ нозе доштӣ дар хилвати ҳусни худододат,
Рӯ ба рӯ биншин, ки он «зебоӣ»-и худро ба ҳам бинем.
Дигарон шаҳри муҳаббат сохтанду баҳраҳо бурданд,
Ту биё, Ҳулбуки худфарсоии худро ба ҳам бинем.
Ноумедӣ кори шайтонаст, мегӯӣ, намедонам,
Фикри фардо кун, ки бефардоии худро ба ҳам бинем…

* * *

Нигоҳатро нигоҳам ҷустуҷӯ дорад,
Каноратро канорам орзӯ дорад,
Хаёлам бо хаёлат гуфтугӯ дорад,
Дареғо аз шаби танҳо, маҳи танҳо, мани танҳо,
Мани бо ғуссаҳои дил тани танҳо.

Рухонат косаи шир асту аз ман нест,
Лабонат шаҳди анҷир асту аз ман нест.
Баҳори ту фарогир асту аз ман нест,
Дареғо аз шаби танҳо, маҳи танҳо, мани танҳо,
Мани бо ғуссаҳои дил тани танҳо.

Ба ҳар сӯ дида дӯзам, нӯш дар нӯш аст,
Ҷавонӣ бо ҷавонӣ масти оғӯш аст,
Ҷудоӣ дар ҳама олам фаромӯш аст,
Дареғо аз шаби танҳо, маҳи танҳо, мани танҳо,
Мани бо ғуссаҳои дил тани танҳо.

Наям боде, ки бо мӯят сухан гӯям,
Наям роҳе, ки бо кӯят сухан гӯям,
Наям обе, ки бо ҷӯят сухан гӯям,
Дареғо аз шаби танҳо, маҳи танҳо, мани танҳо,
Мани бо ғуссаҳои дил тани танҳо!

Дар ин дунё вафо бошад нигаҳбонат,
Ҷавоби ҳар «Чаро?» бошад нигаҳбонат,
Зи танҳоӣ Худо бошад нигаҳбонат,
Дареғо аз шаби танҳо, маҳи танҳо, мани танҳо,
Мани бо ғуссаҳои дил тани танҳо!

* * *

Ту маро ёд макун,
Қиссаи ишқи фурӯмондаи моро зи нав эҷод макун.
Ҳаҷри мо баски гарон буд,
Гӯши эҳсоси маро низ гарон кард,
Ба забон номи маро н-овару фарёд макун.

Мурғаке гарди ҷудоӣ зи пари хеш фишонд,
Лонаи пур зи ҳавою зи наво меболад.
Мурғаки ишқи ману туст, ки н-ояд зи сафар,
Дар баҳорони муҳаббат насарояд дигар,
Шиква аз бахт маёр, ин ҳама бунёд макун.
Буд субҳе, ки ба рӯйи раҳи мо хирмани гул меанбошт,
Буд шоме, ки ба ҳангомаи мо сиккаи ахтар мерехт,
Қадри он лаҳзаи қудсӣ ту надонистӣ, ҳайф,
Субҳу шоми ману ту кӯҳ шуду ҷодаи уммед бубаст,
Дигар аз ман талаби шеваи Фарҳод макун.
Бевафоӣ ҳама ҳастии маро
Ҳаҷми зиндони фиғон карду гузашт.
Нолаи дарди маро аз дилам озод макун,
Хоки барбоди маро яксара барбод макун,
Ёдам аз дасти ту мурд,
Ту маро ёд макун,
Ту маро, баҳри Худо, ёд макун!

* * *

Ман замоне ба ҷаҳон омадаам,
Ки шабу рӯз баробар мешуд.
Яъне, аз фазли Худо
Зулмату рӯшании умр ба ҳам ёру бародар мешуд.

Ту магар аз пайи ислоҳи хати қисмати ман омадаӣ?
Ё ки аз Додор аст?
Бовафоии ту бо ман чӣ қадар камшумар аст,
Бевафоии ту бо ман чӣ қадар бисёр аст!..

* * *

Аз тараб ҷону дили ман холист
Чун тарабхона ба моҳи рамазон.
Эй ки аз қаҳ-қаҳаат қул-қули мино ҷорист,
Бо ман омезу маро аз ситами ғам бираҳон.

Гуфта будам, ки дигар ёди ҷавонӣ накунам,
Чун дарахтони куҳансол дами боди баҳор.
Чӣ кунам? Умр басо ширин аст,
Бо ҳама васвасаю дору мадор.

Боз хоҳам, ки маро оғуши таболудат
Зинда дорад ба мисоли саҳари тобистон,
Боз хоҳам, ки бигӯяд лаби ман бо лаби ту
Қиссаи ташнагии хеш миёни ҳаяҷон.

Бингарам рӯи туву рӯи ҷавонӣ бинам,
Хати тақдир бихонам зи хати абрӯят.
Гӯямат мастона:
«Ман фақат мева чашам аз боғат,
Ман фақат об хӯрам аз ҷӯят!»

Пур шавад гӯши ман аз овозат,
Пур кунад нози ту дунёи маро.
Боз мижгони баланди ту муқаррар созад
Бар мани бесарупо ҷои таманнои маро.

Биравам ҳамраҳи ту раста ба раста то субҳ,
Бо дили раста зи ғамҳои ҷаҳон.
На туро бим зи ғаммозон аст,
На маро умри гузашта нигарон.

Шаҳри ман донаду ман донаму ту,
Ки дигар нест чу мо ҷону ҷаҳони ошиқ.
Бизанад пар ба фалак овозам:
– Хайр, эй пирии истода ба роҳ!

Марҳабо, умри ҷавони ошиқ!
…Ногаҳ оям ба худу дарёбам,
К-аз тараб ҷону дили ман холист
Чун тарабхона ба моҳи рамазон.

## СИННИ ПАЙҒАМБАР

Орзуям буд расам бар гарди домонаш,
Шукр, бар синнаш расидам.

## ДАР РӮЗИ ДАВИ МИЛЛӢ

Аз ҷавонӣ медавӣ сӯи ҷавонӣ,
Аз ту пас монда шитоби зиндагонӣ.
Ғусса натвонад ба гарди ту расидан,
Пирӣ аз домони умри ту кашидан.
Эй хушо дунболи армонҳо давидан,
Пештар аз офтоб аз худ дамидан.
Эй хушо биштофтан аз пушти иқбол,
Гавҳари худ ёфтан аз мушти иқбол.
Эй хушо бо рӯҳи ишқ анбоз будан,
Дар замин пайваста дар парвоз будан,
Эй хушо бигрехтан аз нафси айёр,
Аз ҳама ошу кабобу нони тайёр.
Эй хушо дурӣ зи кӯрӣ то қиёмат,
Аз хушунат, аз хусумат, аз хиёнат.
Зинда бодо тохтан сӯи баландӣ,
Сӯи номи нек, сӯи арҷмандӣ.
Зинда бодо тохтан то рӯзи фардо,
Ҳамчу нури зиндагиафрӯзи фардо.
Зинда бодо лобалои довариҳо
Тохтан то одаму одамгариҳо!

* * *

Чашми худро ту ба чашмам дӯз,
То шавад чашмони ман равшан,
Аз тарии бӯсаҳоят ҷон ато кун
бар лаби хушкам,
То намирад решаи нахли ғуруре,
ки бувад баргу навояш «МАН».

Ман киям?
Марди раҳи истода дар поёни роҳи хеш,
Ибтидо кун ишқи морову бубар бар сӯи
оғозам.
Дар гили афсурдаи ман сад баҳорон сабзу
гулрез аст,
Дар сукути хуни ман бинҳуфта сад ҳангома
парвозам.

Эй хушо анбози ту будан,
Ҳамдилу ҳамрозу ҳамовози ту будан.
Гарди пириро ба домонам расидан нест,
Тирамаҳро то баҳори синаам
зӯъми хазидан нест.

По ба поят меравам сӯи ҷавонӣ боз,
По ба поят мегурезам аз худу аз зиндагонӣ боз,
Аз ҳамоне, ки ба сар барфам фурӯ андохт,
Оби дарёи диламро ҷӯ ба ҷӯ андохт.

Ҳар киро дар осиёбе навбате буда,
Навбати ман лек дар Саросиё[1]
гум мешавад бо ту.
Субҳи ту шоми маро бахшад сафедӣ боз,
Маншаи умедҳои ман бигардад ноумедӣ боз.

Сад қасам номи Худоро, ки Худоям ҳаст,
Варна дар ин зулмати ман ҳамчу нурат
кӣ раҳо мекард?
Варна «фарёд ибни фарёд»-ам насаб будӣ,
Варна танҳо нолаам нуқли тараб будӣ.
Аз ду дастам гир,
Ҳамчунон ки навбаҳорон дасти
шохи хаста мегирад,

[1] Саросиё – оромгоҳест дар Душанбе.

Роҳи ман бикшой,
Ҳамчунон ки рӯд оби ҷӯйро ҳамроҳи худ
дил баста мегирад.
Баъд аз ин
Ҳар суруди пуртаманнои дилам
номи ту хоҳад буд,
Вирди субҳу зикри шабҳои дилам номи ту
хоҳад буд.

* * *

Аз зимистон ҳазаре ҳаст маро,
К-аз ҷудоӣ хабаре ҳаст маро.
Ман зи васлу зи фироқам ба гудоз,
Рӯзҳо кӯтаҳу шабҳо чӣ дароз.

Зулматамро назарам рахна назад,
Сардиямро шарарам рахна назад.
Оҳ, бар шӯълаву гармист ниёз,
Рӯзҳо кӯтаҳу шабҳо чӣ дароз.

Аз вафо гуфтаму гӯше нашунуфт,
Боғи ман ғунча намуду нашукуфт.
Дар куҷо Қибла? Ку меҳроби намоз?
Рӯзҳо кӯтаҳу шабҳо чӣ дароз.

Шавқи раҳ будаму дамгир шудам,
Дар ҷавонии ҳавас пир шудам.
Зиндагонист ҳама шебу фароз,
Рӯзҳо кӯтаҳу шабҳо чӣ дароз.

Соям бо дари ҳамсоя насохт,
Нафасам ҳамнафасеро нашинохт.
Мекунам аз худу Эзид гила боз,
Рӯзҳо кӯтаҳу шабҳо чӣ дароз.

Барфу борони ман! Аз Гулназаред,
Боду бӯрони ман! Аз ман гузаред.

Мурғи дил дида ба хобаш парвоз,
Мекунад орзуи субҳи фароз,
Рӯзҳо кӯтаҳу шабҳо чӣ дароз!

* * *

«Сабр кун!»-гуфтаму субҳам нашунид,
Пардаи шаб бидарид.
«Сабр кун!»-гуфтаму хуршед нахост,
Аз паси кӯҳ дамид.

«Сабр кун!»-гуфтаму бо шӯру шааф
Оби дарё ҷорист.
«Сабр кун!»-гуфтаму абри саҳарӣ
Дар сари ёла гирист.

«Сабр кун!»-гуфтаму танҳо дили ман
Сухани ман бишунуфт.
Ҳар чӣ мехост бигӯяд ҲАҚИ худ,
Накушоду бинуҳуфт.

Эй дили хастаи вайронаи ман!
Дар дили хастаи вайронаи ту
Ин қадар сабру таҳаммул зи куҷост?

* * *

Дӯстон рафтанду рафтан боз дар пеш аст,
Шаҳр холӣ мешавад аз дӯст.
Ман ҳам аз худ мешавам холӣ,
«Дӯстӣ» аз «дӯст» холӣ мешавад, афсӯс.

Ошиқон рафтанду рафтан боз дар пеш аст,
Шаҳр холӣ мешавад аз ишқ,
Ман ҳам аз худ мешавам холӣ,
«Ошиқӣ аз «ишқ» холӣ мешавад, афсӯс.

Ман дар ин паҳнои холӣ,
Бо «мани» холӣ

Метавонам як суруди холие андохт,
Метавонам як чароғи мурдае афрӯхт.
Ҳатто –
Агар гӯши каре бар ҷо нест,
Ҳатто –
Агар парвонае пайдо нест!

* * *

Ранги ғусса зарди зард аст –
Тирамоҳ аст.
Чун бубинам баргҳои заъфаронӣ
Мепаранд аз шохаҳои заъфаронӣ,
Рашкам ояд аз дарахтон,
К-аз хазони ғуссаҳошон мешаванд озод.

Эй ту боди тирамоҳӣ!
Ман ниҳоли тирамоҳонам.
Баргҳои ғуссаҳои заъфаронии маро афшону
бо худ бар,
То баҳорон ояду бинад, ки ман ҳам дар
сари раҳ интизорам,
Бо ҳама урёнии худ барги сабзи
шодие уммедворам…

* * *

То ба кай бо хазон қарор кунам?
Ту биё, ҷони ман, баҳор кунам,
Дашти маҳзунии хаёламро
Сабзазору шукуфабор кунам.
Ғуссаат хуш ва бӯсааат хуштар,
З-ин миёна чӣ ихтиёр кунам?
Нозиши ман зи нози дунё нест,
Як назар кун, ки ифтихор кунам.
Номи худро чу гул кунам парпар,
Дар қадамҳои ту нисор кунам.
Сарзамини муҳаббатам бинамо,
То зи мулки ғамат фирор кунам.

«Зинда бодо!»-гизофи марду зан аст,
Баъд аз ин номи ту шиор кунам.
Ишқи ту ҷӯяму сафо ёбам,
Васли ту хоҳаму барор кунам.
Оғуши ту гарам муяссар нест,
Оғуши умрро чӣ кор кунам?
Гарчи бар сар маро хазонрез аст,
Ту биё, ҷони ман, баҳор кунам!

* * *

Аҷоиб пурсафо борон!
Бишуст аз барг-барги шохсорон
Ҳама гарду ғуборон.
Мане, ки будаам аз интизорон,
Чу кӯдак медавам дар раҳгузорон,
Зери борон.
Зи ҳар як тораи мӯям
Бишорад оби борон,
Чунон к-аз гесувони сабзазорон.
Фаромуш мекунам худро,
Намедонам, ки шастам шастсола-ст
Ва ё шашсолаам дар зери борон.

Аҷоиб пурсафо борон!
Бишӯяд заррахои пайкарамро аз ғуборон,
Ғубори субҳу шоми бешуморон,
Ғубори ҳасрату дарди ҳазорон,
Биомезад суруди шоди ман бо
нағмаҳои новадону
ҷӯйборон:
«Оби борон!»
«Оби борон!»
Баномэзид,
Ба олам мисли ман покизае нест,
Дилу дасту ҳавои тозае нест –
Дар зери борон!

* * *

Ғунчаҳо ҷома дариданд…
Ман ҳам имрӯз канам аз тани худ пираҳани
ғуссаи худро.
Баҳри ман сода набуд
Зистан то дами ҷон кандани сардии зимистон.
Чӣ қадар мехоҳам,
Ки ҳамин сон ба дилу дидаи ман ҳам мирад
Нафаси сарди зимистон.
Чӣ қадар мехоҳам,
Ки раҳи набзи маро гум накунад нози баҳорон.
Меравад умру надонам, ки чӣ миқдор
насибам монда,
Ман фақат медонам,
Ки аз он силсилаи фасли баҳорон, ки гузашт
аз сари ман,
На дили ман бикшод,
На гилам шуд шодоб.
Ман фақат медонам,
Ки маро мӯй чӣ осон бишукуфт,
Ҳамчунон барфи зимистон бишукуфт,
Дар кавири ғаму ҳирмон бишукуфт.
Ғунчаҳо ҷома дариданд,
Ғуссаҳои дили ман «ҷома даридан нагузоранд»![1]

* * *

«Дӯст медорам туро!» – гуфтам,
Туам гуфтӣ, ки: «Не!»
«Ишқ эъҷози Худо», гуфтам,
Туам гуфтӣ, ки «Не!»
«Дар ҷаҳоне, ки балеяш сад бало дорад зи пас,
Оғӯши ту бебало», гуфтам,
Туам гуфтӣ, ки: «Не!»
«Қоматат чун мисраи Ҳофиз диламро бурду ман

[1] Аз Хусрави Деҳлавист

Хондамаш шеъри расо», гуфтам,
Туам гуфтӣ, ки «Не!»
«Бо назора қиссаҳои кокулонат хондаам,
Пурс аз боди сабо», гуфтам,
Туам гуфтӣ, ки «Не!»
«Аз муаммои нигоҳат дил наменолад, ки ҳаст
Бӯсаи мушкилкушо», гуфтам,
Туам гуфтӣ, ки: «Не!»
«Чашми ғаммозон фиребу худ фиребу бе фиреб
Як ишорат кун ба мо», гуфтам,
Туам гуфтӣ, ки: «Не!»
«Корвони навҷавонӣ бетаваққуф бигзарад,
Ҳар нафас бонги диро», гуфтам.
Туам гуфтӣ, ки: «Не!»
«Дар бубанду раҳ бубанду лек сӯи ман фақат
Рӯ кушову дил кушо», гуфтам.
Туам гуфтӣ, ки: «Не!»
«Дӯст медорам туро бо ин ҳама «Не»-ҳои ту,
Ман магар кардам хато?», гуфтам,
Туам гуфтӣ, ки: «Не!»

* * *

Боз мерезад парешону ҳазин
Аз шохаҳои намзада
Баргҳои ғамзада,
Боз аз чашми сиёҳи хомаам
Метаровад мисраи шабнамзада.

Ман намедонам чаро ҳар тирамоҳ
Ёди ту меоядам ногаҳ ба сар.
З-он ки дурам чун баҳор афтодаӣ?
Дар паси борону барфи бешумор афтодаӣ?
Оҳ аз ман,
Оҳ аз он наврӯзии барҳамзада!
Мекунам ҷаҳде, ки дар ойинаи хотир яке
Чун сабоҳи навбаҳорон
Сабзу хуррам бинамат.

Метапам,
месӯзаму мехоҳам аз дурии дур
Шодкому масту беғам бинамат.
Чун кунам?
Шохаи пиндори ман аз бори сангини ҷудоӣ хам зада.
Дил маро гӯяд: «Фурӯ каш ғуссаро!»
Ҷон маро гӯяд: «Хамуш кун қиссаро!»
Ман, ки ҳушёрам зи дард,
Ҳарфе аз ҳиҷрон чӣ гӯям бо дилу бо
ҷони Ҷоми Ҷамзада?
Ин манам –
Бо шохаҳои намзада,
Бо баргҳои ғамзада,
Бо мисраи шабнамзада!

* * *

Қаламам ба гӯши коғаз сухане бигуфту бигзашт,
Дилам аз баҳор пур шуд,
Магарам дар ин хазонрез чамане бигуфту бигзашт?
Ғами ишқи бесари ман ба ғазои кӯчаҳо рафт,
Ба дари ту чун биомад,
Чу ғариби паршикаста ватане бигуфту бигзашт.
Чӣ кунад забони лолам?
Чӣ кунад каломи гунгам?
Ки насими субҳгоҳӣ
Сари зулфи ту кашида, шикане бигуфту бигзашт.
Ба садои ишқ дигар нашавад дили ту моил,
Ки ҳазор лаҳҷаи роз
Ба раҳи муҳаббати ту чу мане бигуфту бигзашт.
Шабу рӯзи умр талх аст,
Ки ҳама гувори олам накунад ба ман гуворо.
Ба фиғон бигуфтам: «Эй дил!..»
«Даҳане!» бигуфту бигзашт.
Сухан, эй сухан, ба дод ой!
Қалам, эй қалам, фиғон кун,
Ки варо ҳар он чӣ гуфтам, куҳане бигуфту
бигзашт!

* * *

Гардиш баромад моҳи нав,
бо ҳам, биё, гардиш кунем,
Лабҳо ба ҳам созиш кунанд,
мо бӯсае хоҳиш кунем.
Дунёи зебо рӯи туст,
савдои раъно қадди туст,
минои гиро чашми туст,
Мастии дилҳоро ба ҳам
бахшему омурзиш кунем.
Пои ба по рафтан чӣ хуш,
ногуфтаҳо гуфтан чӣ хуш,
чун ғунча бишкуфтан чӣ хуш,
Дар шоми зарди тирамоҳ
болидаву сабзиш кунем.
Ин лаҳза инъоми Худост,
ин шӯъла пайғоми Худост,
ин кӯча аз номи Худост,
Ташвишҳо як сӯ ниҳем,
оромишу ромиш кунем.
Гардун табассум мекунад,
чашмат такаллум мекунад,
ҷонам тараннум мекунам,
Фарёди дил хомуш кунем,
аз коми дил хониш кунем.
Бо ишқи худ гардиш кунем,
бо бӯсаҳо созиш кунем,
дар тобу таб сӯзиш кунем,
Як байти равшан мисли маҳ
аз Гулназар хоҳиш кунем.

* * *

Эй Зарафшон,
Рӯҳи бедории ман!
Он ки бехобаму бедор,
ту омӯхтаӣ,

Зари ҷорӣ, ки бувад дар хунам,
Туам андӯхтаӣ.
Ману дар хоб будан?
Ваҳ! Ваҳ! Ваҳ!
Ману муфлис ба даре афтодан?
Баҳ! Баҳ! Баҳ!

* * *

Зимистон омаду пазмони барф омад,
Чунон чун ман, ки пазмони ду ҳарфам
Аз лаби ту,
Аз таби ту,
Аз навозишҳои гарми як шаби ту.
Дарахтони бараҳна қад-қади раҳ бе қабои симгун
шармида меистанд,
Сари кӯҳ дард дорад аз хаёли дардманди бекулоҳӣ,
Агар зоғи сиёҳе дар канори ёла биншинад,
фиғон орад,
Ки «ман гум гаштаам дар ин сиёҳӣ!»

Сафедӣ, эй сафедӣ, эй сафедӣ,
Рамузи равшанию бегуноҳӣ!
Агар чун барф бар мо ту нарезӣ,
Ду олам ғарқ гардад дар сиёҳӣ.

Чаро бахти сафедам хост модар?
Чаро роҳи сафедам хост модар?
Чаро барфам ба сар боре наборид?
Чаро мӯям сафеду роҳи ман не,
Ки сутхонам сафеду бахти ман не?
Сапеди ман, сапеди ман, Сапеда!
Шаби торам –
саропоям сиёҳӣ.
Биё, аз зарраҳои ман бадар ой,
Раҳо кун з-ин гуноҳи бегуноҳӣ.

Зимистон омаду пазмони барф омад,
Чунон чун ман, ки пазмони ду ҳарфам
Аз лаби ту,
Аз таби ту,
Аз навозишҳои гарми як шаби ту.

* * *

Ман аз дасти баҳорон гираму сӯи чаман орам,
Туро бар шаҳри «Ман» орам.
Ду чашмам хаста шуд аз заъфарони ҳаҷр,
Ҳавои сабза орам,
нилуфар орам,
суман орам.
Надорам мисли «тоҷикони нав» қасре дар ин манзил,
Туро чун дарди ширин дар дилам
биншонаму бар кулбаи танги Сухан орам.
Ту дар ман то шукуфоӣ, ба ҳар мулке сафар созам,
Ватан бо худ барам он ҷову аз он ҷо Ватан орам.
Сиришти бепаноҳамро суруди «сӯхтан» овар,
Адову нозҳоятро дуруди «сохтан» орам.
Мабин урёнии номуси ноаҳлон,
Туро ман аз вафои ҷовидонам пираҳан орам.
Раводиди миёни мо нигоҳи меҳрубонат бас,
Ба рағми нозирони марзи ишқ аз дасти ту гирам,
Туро бар шаҳри «Ман» орам.

## ҲИҶРОНӢ

Қалами камназари қисмати ман
То ба армони китоби дили ман
«Васл»-ро хат задаву «ҳаҷр» навишт,
Соли мелодии ман ҳиҷрӣ шуд.

* * *

Ду ҳазору ҳафт борат мекунам таҳсин,
Эй ту, Соли ду ҳазору ҳафт!
Ман намегӯям чиҳо бар ҷони ман омад,
Ман намегӯям чиҳо аз синаи ман рафт.

Ҳамсафар будем дар пайроҳаи армон,
Ҳамнаво дар бенавоиҳо.
Мо висол омӯхтем оҳиста-оҳиста
Бар дили сахти ҷудоиҳо.

Номаҳои гумшуда ҳоло ки як дунёст,
Нолаҳои беасар ҳоло ки андак нест,
Чун тавон осудаҷон дам зад?
Чун тавон бедарду беғам зист?

Ду ҳазору ҳафт борам лола бишкуфт,
Ду ҳазору ҳафт доғи лолаам ҳаст.
Ҳар қадар болидаам ман,
Он қадар нолидаам ман.

Ду ҳазору ҳафт тирам дар ҷигар ҳаст,
Ду ҳазору ҳафт байтам тобнок аст.
Ду ҳазору ҳафт Балхам чеҳраафрӯз,
Ду ҳазору ҳафт Балхам зери хок аст.

Метавон хуршедро куштан?
Метавон сад оламеро сар ба сар нобуд
кардан,
Лек натвон лаҳзае уммедро куштан!

Ман намегӯям чиҳо монд,
Ман намегӯям чиҳо рафт.
Ду ҳазору ҳафт борат офарин бод,
Эй ту, Соли ду ҳазору ҳафт!

* * *

Паҳлуи танҳоии ту мениҳам танҳоии худро…
Баҳри ман танҳоии ман ҳамчу танҳоии хуршед аст,
К-аз ҳамин ҳирмон бувад сӯзу гудози ҷовидонаш.
Андӯҳи ҷории танҳоии дарёро ту гӯш андоз,
Кам-камак бишнос талхии фиғони бекаронаш.
Дар ҳаво наззора кун ту турнаи танҳои сарсонро,
Нола кун бо нолаи густурда дар нӯҳ осмонаш.
Дарк кун танҳоии кӯҳро ба зери барфу борони замонҳо,
Панд омӯз аз сафедии сари умре гаронаш…

Паҳлуи танҳоии ту мениҳам танҳоии худро,
Ганҷи индунёии худро.
Оҳ аз ин танҳоии ман, ки намегунҷад даме дар рӯҳи
«танҳой!»
Дар бари танҳоии ту чун тавонад буд?
Дар бари танҳоии ту чун тавонад зист?

Ман намедонам…
Фақат донам, ки бе танҳоии худ бенасибам ман,
Дар миёни издиҳоми мардуми дунё ғарибам ман.

## ЯК ЛАҲЗА

Барф буду боди барфолуд…
Осмон: қаҳру адоват,
Қуллаҳо: таҳдиду тардид,
Пайраҳа: кӯриву беномунишонӣ.

Мекашидам раҳ ҳаросону парешон
Бо асои қомати ларзон,
Рӯи шона ҳайбати биму хатарҳо,
Дар забон номи худои ман.

Ногаҳ – оваҳ ! –
Аз миёни буттаи анбӯҳи жӯлида,
(Мисли мӯи зангии пир)
Хониши мурғе танин андохт.
Офтоб аз лобалои абри хашмӣ рӯ намоён кард,
Зарраи номеҳрубони барф гулбарги баҳорон шуд.
Кӯҳҳо сабз,
Осмон сабз,
Буттаҳо сабз,
Шӯразори синаи ман сабзаборон шуд.
Зинда бош, эй мурғаки ноошнои дур!
Ман фидои хониши покат!
Ҳайф аз одам, ки гоҳе дар муҳити сарду ҷонкоҳаш
Мисли ту як лаҳза натвонад сурудан,
Ноумедиро ба оғӯши муҳаббат раҳ намудан…

* * *

Садқаи мӯйи сафедат, эй зимистон!
Фасли гулҳои ҷавониро ба фасли барфии
пирӣ расондӣ,
Лаҳзаҳои сабзро то лаҳзаҳои поки кофурӣ
кашондӣ,
Садқаи мӯйи сафедат, эй зимистон!

Дар диёри ман баланд аст обрӯи мӯсафедӣ,
Аз тило болост ҳар як тори мӯйи мӯсафедӣ.
Ту ба фарқи ман нишину мӯсафеди мӯсафедам кун,
Устухонҳоям сафед аст,
Ҷонсафеду
дилсафеду
рӯсафедам кун!
Ончунон, ки навбаҳорон мерасад аз мӯсафедиат,
Навҷавонам кун ту баъд аз мӯсафедӣ,
Гулфишонам кун ту баъд аз мӯсафедӣ,
Садқаи мӯйи сафедат, эй зимистон…

* * *

Чу барқе нест, шамъе мефурӯзам,
Ки бо ҳарфу ҳиҷо якҷо бисӯзам.
Сухангӯйи қадимӣ ҳам чунин буд,
Сухан мегуфту шамъаш ҳамнишин буд.
Зи торикӣ даме парво набудаш,
Ки нуре аз пари парвона будаш.
Сухан дар кулба меафрӯхт равшан,
Ки чун меҳри саҳар месӯхт равшан.
Нишинам чун шабе бо шамъи хира,
Бигӯям матлабе бо шамъи хира:
– Ту ҳам шеъри маро афрӯз равшан,
Чунон хуршеди залматсӯз-равшан!

* * *

Зарра-зарра барфи нав
Об мешуд аз таби лабҳои сӯзонат,
Гӯиё аз баргҳои лола шабнам метаровид.

Худ ба худ гуфтам, ки сад афсӯс,
Ман наям барф!
Балки ман ҳам барф будам,

Об мегаштам зи шавқи бӯсаҳои гарм,
Лек дур аз шӯълаи ширини лабҳоят,
Лек дур аз оташи ҷонсӯзи табҳоят.

Ханда мекардиву мижгони дарози ту
Зарраҳои барфро мастона мебозиду
мисли худ сияҳ мекард,
Чашми шайтони ту бо сад ноз
Боз ҳоламро табаҳ мекард.

Ту мисоли шохаи бишкуфтаи садбарг
Ҷилва мекардӣ миёни боғи пурбарфи зимистон.
Чун парастуе, ки роҳи хешро гум кардааст
аз бозии қисмат,

Байни ин наврӯзу ин сармо дили ман
буд саргардон.
Барф мебориду нақши пои моро кӯр мекард,
Дар сириштам ҳасрати фасли ҷудоиро
аҷаб пуршӯр мекард.
Ҳайф, ҳайф,
Чодари оҳории ин барф
Ҳаҷлаи рӯзи арӯсии ману ту буд натвонад.
Сарнавишти ту навишта,
Кишти уммеди ту кишта,
Ин манам дар зиндагӣ бе рӯю роҳу бесиришта!

Барф мебориду меборид,
Дар дарунам мурғаки белонае пайваста
мезориду мезорид…

## БО ДИЛ

Бори ту ман кашидаам гӯё,
Лек умре ту бори ман бурдӣ.
Ман ғаматро нахӯрдаам боре,
Ҳар нафас ту ғами маро хӯрдӣ.

Инак, инак, ки мавсими нафақа-ст,
Ман ҷавонӣ-т хоҳаму мардӣ.
Мон, ки роҳат кунам зи давлати ту,
То палиде нагӯяд: «Афсурдӣ!»

Мон, ки тафсири ҳусни равшанро
Ҳар ду хонему дар тапиш оем,
З-оташи чеҳраҳои маҳтобӣ
Ҳар ду сӯзему дар аташ оем.

Мон, ки дар кӯчаҳои сарди хазон
Аз ҷавонӣ ҷавона андозем,
Гӯши тирезаҳои маҳкамро
Во кунему тарона андозем.

Баски Мастону Лоиқу Қутбӣ
Дар сари пушта шохаи ёсанд,
Мон, ки минову ҷоми мастабаҳо
Қадри моро ҳанӯз бишносанд!

Гар бадӣ дидаму ту ҳам дидӣ
Аз ҳавои касифи «Мову ман!»,
Ҳамчу хуршед дар хушунати абр
Нек мондему бо дили равшан.

Бар ману ту чу мерасад фармон,
Мо ҳамоғӯш мешавем равон.
Ман агар хомушам, ту шӯъла бизан
Дар сари гӯри ғуссаҳои ман!

* * *

Аз лабони ту паёми бӯса омад,
Ё насиб!
Муждаи сад ҷон зи номи бӯса омад.
Ё насиб!
Талхкомӣ чун гиёҳи талхаам карду нарафт,
Шаҳди дунё аз каломи бӯса омад.
Ё насиб!
Гуфта будам чун Зарафшон хушк монам дар сафар,
Умри кӯтаҳро давоми бӯса омад.
Ё насиб!
Аз ғурубу аз тулӯи офтобам шиква нест,
Фурқатамро шому боми бӯса омад.
Ё насиб!
Аз хумори ношикаста мешикаст аъзои ман,
Ин саодат бин, ки ҷоми бӯса омад.
Ё насиб!
Ранҷ бурдан аз барои ганҷ бурдан, гуфтаанд,
Ошиқиро эҳтироми бӯса омад.
Ё насиб!

То ки номатро панаҳ дорам, ба дил гӯям, ки «Ҳон!
Гулхумору Гулхироми бӯса омад.
Ё насиб!»
Солҳо гуфтам салому посухе аз ту набуд,
Охири охир саломи бӯса омад.
Ё насиб!

* * *

Ҳамчу мо рӯҳониёни осмон
Гар ба хӯрдан ошноӣ доштанд,
Пиру барно аз пайи як луқма нон
Аз маҳӣ то маҳ гадоӣ доштанд.
Фазли Яздон аст, к-одам инчунин
Гоҳ-гаҳ ноне биёбад дар замин.

* * *

Узр, узр, эй ахтарони ишвапардоз,
Аз ҷилотон ҷони ман пурбор набвад.
Маъзарат, эй софии густурдаи субҳ,
Оғушам аз оғушат саршор набвад,
Ман ҳама холистам,
то ҷои ӯ холист.

Аз сари ҳар шохаи сабз
Нағма мерезад чу борони баҳорон,
Аз дили ҳар ғунча мерӯяд табассум,
Аз лаби ҳар чашма мешорад такаллум,
Лек ман холистам,
то ҷои ӯ холист.

Сад китобам панд мегӯяд, ки бархез,
Сад раҳам раҳ менамояд, ки ба по шав,
Сад дилам дил мекушояд, ки расо шав,
Сад нигоҳам роз мегӯяд, ки «Мо» шав,
Лек ман холистам,
то ҷои ӯ холист.

Ғусса, ғусса! Аз ту лабрезам,
Нола, нола! Аз туям чун най лаболаб.
Ёди ман метаркад аз ёди ғамангез,
Синаи ман медарад аз ҳайбати таб,
Лек ман холистам,
то ҷои ӯ холист.

Эй сухан! Пур кун ҷаҳонамро,
Ончунон ки сафҳа-сафҳа достонамро,
Достони оташи сӯзони ҷонамро,
Варна ман холистам,
то ҷои ӯ холист…

## ИНАК

Суруди Миллӣ баланд шуд, инак,
Зи ҷой баланд шаведу рост шавед.

Ҳама пиндори шумо, ки каҷ аст,
Ҳама гуфтори шумо, ки каҷ аст,
Ҳама кирдори шумо, ки каҷ аст,
Зи ҷой дастикам баланд шаведу рост шавед.

Лабонатон, ки каҷ асту забонатон, ки каҷ аст,
Суруди Миллӣ дар даҳонатон намеғунҷад,
Зи ҷой баланд шаведу рост шавед,

Магар гаҳвора-тон каҷ буд?
Магар раҳе, ки бар он бори нахуст по мондед,
ҳам каҷ буд.
Магар ҳидояти модаратон каҷ буд?
Зи дунё чу бигзаред, бароятон гӯри каҷ
бубояд кофт!

Зи ҷой баланд шаведу рост шавед,
Агарчи каҷ аст сояатон ба дарозии умр,

Агарчи номӯсатон каҷ асту имон-тон…
Зи бори нанги шумо
Мабод гардани баланди меҳан каҷ,
Мабод қомати шаҳомати миллат каҷ!

Сутуни қасрҳои шумо магар рост аст,
Ки аз қади дутои марди деҳқон аст?
Чароғи офтобии хонаатон хира-ст,
Ки аз умеди хирасӯзи ноумедон аст.
Каҷ аст дарахти боғи шумо,
Каҷ аст ҷӯйи шумову мавҷи оби шумо,
Каҷ аст суханҳои кӯчагии шумо,
Каҷ аст суханҳои минбарии шумо,
Тоҷикистон ба ҷурми шумо каҷистон аст!

Дареғи мисраъҳои пурдардам,
Ки аз каҷии шумо каҷанд дар дафтар.
Дар ин фазои каҷ оҳи ман ҳам каҷ бурун ояд.
Чу теғи хамидаи ханҷар.

Суруди Миллӣ баланд шуд, инак,
Зи ҷой баланд шаведу рост шавед.

* * *

Гуфтӣ, ки: «дареғ аз ӯ, ҷавон рафт,
Овард ҷаҳону аз ҷаҳон рафт».
Ҳаргиз ту магӯ дареғ аз он ёр,
Мегӯй дареғи ман ба сад бор,
К-ӯ мурду ҳанӯз зиндаам ман,
Бо ин ҳама сӯз зиндаам ман…

* * *

Ман навиштам: « зулф, зулф!...»
Чун баногӯши ту пур шуд сафҳаи ман
аз шамими зулфи ту.
Ман навиштам: «ноз, ноз!..»

Ҳарфи ман дар нози ширин ғарқ
шуд чун чашми ту.
Ман навиштам: «ёд, ёд!..»
Хомаам нолиду гуфто: «дод! дод!..»
Ман навиштам: «васл! васл!..»
Ҳаҷри мо аз аз шеъри ман чун мисраи
беҷо фитод…

* * *

Ту маро ҳамнафасӣ кун, нафасат ширин аст,
Аз ҳама булҳавасон як ҳавасат ширин аст.
Роҳи бебокии ман сар ба дарат бинҳода,
Мурғи озоди диламро қафасат ширин аст.
Садқаи тарзи нигоҳат бишавам, ки донам
Нокасатро ҳама талху ба касат ширин аст.
Ман нанолам зи ғамонат, ки биомад ба сарам,
Ватани ишқи манӣ, хору хасат ширин аст.
Лаби худро зи лабони ту чи сон бардорам?
Ҳамчунон бӯса «Бас!»-и ту зи «Бас!»-ат ширин аст.
Пушт кардӣ ба ману рӯй ба дунёи фироқ,
Сафҳаи Ҳофизиву пешу пасат ширин аст.
Меҳру қаҳри ту баробар ба дилам мефорад,
Меваи дерпазу зудрасат ширин аст.

## ДАР СӮГИ ХОҲАРАМ НАВРӮЗГУЛ

Наврӯзгули ман дами Наврӯз гузашт,
Бигзашту фикандам ба чунин рӯз, гузашт.
Баъд аз сари модарам ба ман модар буд,
Бигзошт маро ятими бадрӯз, гузашт.

# ДАР ҚАФАСИ БОРОНҲО

## БАҲОРОНА

1
Мурғаке дар қафаси боронҳо
Нола мекарду навои тари худро мешуст.
Дар танам шодии сад чашмаи Наврӯз
талотум мекард.
Ва дар ин оби ҳаёт,
Дили ман ҳастии ғампарвари худро мешуст.

2
Шоиро, гул кун, хаёли ту чаман шуд,
Нолаи мурғони боғат пираҳан шуд,
Чашми шабнамҳои гулбаргат ватан шуд,
Рози ту дар сина бишкуфту сухан шуд,
Хоки хомӯшии ту болиду «Ман!» шуд.

3
Гулҳои пиёда омаданд аз раҳи дур,
Эй ёри савораам, ту кай меойӣ?!

## СУХАН

1
Сухан чун пораи нон аст,
Чунон ки пораи нонро ба рӯйи хон
чапа мондан гуноҳ аст,
Суханро ҳам чапа мондан нашояд.

Ва он ки пораи нону суханро дар мақоми
иззаташ нагзораду нагзошт,
Ба наздики Худояш рӯсиёҳ аст.

2

Дидагони Рӯдакӣ, гӯянд, пуршаб буд…
Лек шеъраш аз саҳар саршор,
Лек ҳарфаш сар ба сар нур аст:
Кӯр мехонад бароҳат Рӯдакиро,
Рӯдакиро хонда битвонӣ бароҳат дар шабони тор.

* * *

Дар рӯйи ҳаво турна қатор аст, бубинед,
Ин болу пари ҳусни баҳор аст, бубинед.
Абри гузарон боғи шукуфони Хуҷанд аст,
Ё пуштаи гулҳои Ҳисор аст, бубинед.
Дар чашми дару равзанаҳо хоб шикаста,
Бишкастани армону хумор аст, бубинед.
Ҳар зарраи ман дил шудаву метапад аз шавқ,
Сар то қадамам шохи чанор аст, бубинед.
Чун боди сабо мевазам аз ғунча ба ғунча,
Ҳангоми лабу бӯсу канор аст, бубинед.
Ман ошиқаму ошиқам, эй ҳарзасароён,
Аз валвалаи ишқ чӣ ор аст, бубинед!
Ин дил агарам меҳрнисор аст, пазиред,
Ё Гулназари бодагусор аст, бубинед!

* * *

Гули печак, ки дар шоху барат ҳаст,
Ба шӯри дил ҳанӯзам боварат ҳаст.
Агарчи дил ба дил бурдат ҷавонӣ,
Нагуфтиам, ки аз ман беҳтарат ҳаст.
Аз ин минбар, ки овозам баланд аст,
Бигӯям: «Шӯълаи хокистарат ҳаст!»
Бинои умрам омад бар лаби об,
Ҳанӯзам ёди лабҳои тарат ҳаст.

Ба гӯшат мерасад оҳи ҳазинам?
Ду-се байтам миёни дафтарат ҳаст!
Намедонам, ки чунӣ, лек донам,
Ки ҳар шомам тулӯи ахтарат ҳаст,
Дар оғуши хаёлам турнаҳоят,
Ба боми ормонам кафтарат ҳаст.
Ту мондӣ духтари шеърам, агарчи
Зи бахшишҳои қисмат духтарат ҳаст…
Надонӣ ту агар, донад Худоят,
Ки чун ман шоире аз Дар-Дарат ҳаст!

* * *

Ба худо, ин сари ман дарди сар аст,
Рӯзу шаб арсагаҳи шӯру шар аст.
Фанд бо қанди Самарқанд диҳам,
Гӯядам: «Хез, Бухоро дигар аст!»
Чанбари гул ниҳамаш, мегӯяд:
«Хоки роҳи санаме хубтар аст!»
Гар ба девори маломат занамаш,
Гӯядам: «Ин ҳунари беҳунар аст!»
Заррае хам кунамаш, мешӯрад:
«Авҷи Ҳаллоҷ магар бар ҳадар аст?!»
Гӯямаш: « Мову ту кай осоем?»
Гӯядам: «Ин сухани беҷигар аст!»
Гӯямаш: «Дарди сарӣ!» мегӯяд:
«Гулназар дарди сари Гулназар аст!»

* * *

Эй ту дирӯзи беҳ аз фардои ман,
Ёдам овар шӯълаи табҳои ман.
Бахтро нозам, ки дар оғӯши ту
Қатраам дарё буд, эй дарёи ман.
Аз фараҳ то Каҳкашонҳо мерасид
Аз дари кӯи ту нақши пои ман.
Дарду ғам пайдо намекард, эй аҷаб,
Бо ҳама азму талошаш ҷои ман.

Буд сози бахти ман овози ту,
Нозҳоят нозиши дунёи ман.
Зиндагӣ бо ҷумлаи хушку тараш
Бо ту зебо буд, эй зебои ман.
Шамси ишқат ошно шуд бо ғуруб,
Нола монду ин дили Мавлои ман.
Дӯш бо ту будаам сад анҷуман,
Вой акнун аз сари танҳои ман!
Рӯ ба рӯ биншину ёдам зинда кун,
Эй ту дирӯзи беҳ аз фардои ман.

* * *

Гуфтамат, нашнуфтиву нашнуфта беҳтар,
Лолазори синаам бишкуфта беҳтар.
Аз фарозу шеби ту ҷонам яқин ёфт,
К-аз раҳи паймони ту норафта беҳтар.
Дар гулӯям нола меҷӯшад. Биҷӯшад!
Бо ту, эй бедарди ман, ногуфта беҳтар.
Дӯст медорам туро, оё гуноҳ аст?
Ин гунаҳ дар ҷони ман бинҳуфта беҳтар.
Аз тасаллоям дилат шӯридатар шуд,
Хотири ошуфтаро ошуфта беҳтар.
Гар зи бедорӣ нахезад ақли бедор,
Хуфтагонро сарзамини хуфта беҳтар.
Байти ман чун хонаи торику дар он
Номи ту чун шамъ дарбигрифта беҳтар.

## ФАРҲАНГИ ОЛӢ

Навбаҳор омад,
Зи худ берун шудӣ, эй чукрии таҳсангии ман,
Мисли ҷома аз танам кандӣ ҳама дилтангии ман.
Гар саропои ҷаҳон имрӯз садранг аст,
Дар вафодорӣ тавонӣ озмудан ҳар нафас
якрангии ман.

Аз сари шохи дарахтон нав ба нав оҳанг мерезад,
Меҳрубон бошу бубин дар ҷодаи ишқи ту
хушоҳангии ман.
Хатти настаъликӣ пириро зи пешонии ман барчин,
Бо манат биншину бархон номаҳои умри
беожангии ман.
Ишқи ту фарҳанги олист,
Равшанам кун,
Эй чароғи равшани фарҳангии ман.
Субҳ омад,
Бо ту омад,
Духтари маҳтобӣ омад.
Баъд аз ин: «Падруд, падруд,
Эй шаб, эй шаб, ҳамнишини зангии ман!»

**САФЕД**

*Ба дӯсти шоирам*
*Нурмуҳаммад Ниёзӣ*

Агар пиндор сар то по сафед аст
В-агар гуфтор сар то по сафед аст,
Ҳама рафтор сар то по сафед аст.
Ниёзивор сар то по сафед аст.

Бубин бар қуллаҳои саркаши дур,
Бубин бар мавҷҳои масту мағрур,
Ниёзивор сар то по сафед аст.

Тамошо кун табассумҳои тифлон,
Ба ҷон бишнав такаллумҳои тифлон,
Ниёзивор сар то по сафед аст.

Саҳар то ҷомавори нур дорад,
Кабӯтар то пари кофур дорад,
Ниёзивор сар то по сафед аст.

Сурури шохаҳои пурҷавона,
Суруди чашмаҳои пуртарона,
Ниёзивор сар то по сафед аст.

Ҳиҷову ҳарфи ӯ дар рӯйи дафтар,
Вафою меҳри ӯ бо халқу кишвар,
Ниёзивор сар то по сафед аст.

## МЕРОС

Мулки меросист ҷаннат –
(Аз талоши Одаму Момоҳаво ёдест).
Гирудори аҳли мазҳаб
Дар сари тақсими ин мероси аҷдодист.

* * *

Кӯчаҳои хушбахт
                    ғарқи табассум,
                                  масти малоҳат
Пойи ба по мегузоранд.
Дар лабон-қиссаи ишқ,
Дар нигоҳ-оташи шавқ,
Хилъати сабзи ҷавонишон чӣ зебост!
Чӣ кунам?
Кӯчаҳои хушбахт
Аз ғами кӯчаки ман бехабаранд.
Пеши ин тантанаи хушбахтӣ
Ғами бечораи ман чизе нест.
Абри борони чашмам!
Ту марез.
Сабзаи оҳи лабам!
Сабз машав.
Кӯчаҳо хушбахтанд.
Ғами ман чизе нест…

## ҒУБОР

Ин рӯз тирааст…
Аз баргхаймаҳои ғуборафшон
Ҷорист нағмаҳои ғубории мурғакон.
Аз мижжаҳои сабзаи коҳида
Оби хумору ноз фусурда.
Резад ғубори ҳарзаравон сикка-сикка
Рӯи кафи умеди гадоёни сафзада.
Дилтанг бигзарад
Аз роҳ духтари ошиқ:
Бо бӯсаҳои таъми хок –
                    дар лаб,
Бо хандаҳои таъми хок –
                    дар чашм,
Бо изтироби таъми хок –
                    дар зулф.
Тифле садо кунад
Бо лаҳҷаи ғубориаш: «Оча!»
Аз тирагии остини пораи замон
Дасти навозише чу нур
Н-ояд варо ба сар.
Дар рӯи кӣ таронаи софист?
Дар ҳарфи кӣ муҳаббати фардост?
Дар моварои ин ҳама пиндори гандида
Покизагии оламе оё ҳаст?
Эй бор худоё!
Оҳам дар ин фарози саҳаркуш
Барқе намезанад,
Ҷонам дар ин муҳити ғамоғӯш
Сӯзе надорад.
Имрӯз
Табъи сафеди шеъри сафедам гирифта,
Рӯзи ғубор аст,
Ғуссабор аст…

# ЛОЛАҲО ДАР ЁЛАҲО

* * *

Зани танҳо ба чашми ман намояд
Дарахти тоқа дар шоми биёбон.

* * *

Мурғакони кӯчӣ, эй баргони маҳзуни хазон,
Нолаҳотонро миёни байтҳоям ҷо кунед.

* * *

Аз дилзанаки мудом ҷонам ба лаб аст,
Лабро ба лабам гузору гираш ба канор.

* * *

Даҳани ғунча аз табассум пур,
Хотири чашма аз такаллум пур.
Эй баҳор, аз қудуми ту гардам,
Зарра-зарра ман аз тараннум пур.

* * *

Агарчи даҳр бисӯзад зи тоби ахгари мо,
Ниҳоли ишқ нахушкад зи бӯсаи тари мо.

* * *

Он қадар ман бар гули рухсораҳо кардам назар,
К-аз ду чашмам бӯи гул мисли нигаҳ ояд бадар.

* * *

Барги гули зардолу мерехт маро бар сар,
Гарди ҳавасу армон мебехт маро бар сар.

Барги гули зардолу чун бӯсаи ширин буд,
Пайғоми вафои ту бар ваъдаи дерин буд.

* * *

Бизан фарёд, эй дил, гар ғамат ҳаст,
Ки гӯши кар нафаҳмад нуктаи паст.

* * *

Одаму дарё ҳамеша пайрави якдигаранд:
Ҳарду бо сар аз раҳи дунёи фонӣ бигзаранд.

* * *

Масчоҳ агар нав асту кӯҳна-ст, чӣ суд,
Дарду ғами ишқи ту қадимист маро.

* * *

Номи тоҷик аз Бухоро рафт,
Рафт чун Шавкати Бухороӣ.
Ҳамраҳи ман зи ҳаҷр мегиряд
То кунун Шавкати Бухороӣ.

* * *

Дар хотири ман ҷилва намоӣ ту ҳамон,
Дилро ба мани сода кушоӣ ту ҳамон.
Мо ҳарду ҷавон будему фандам кардӣ,
Мо пир шудему бевафоӣ ту ҳамон.

* * *

Он хобҳо, ки дидаам овони кӯдакӣ
(Сарро ниҳода бар сари зонуи модарам),
Дигар надидаам.

* * *

Он суруде, ки саҳар хондам ба гӯши Офтоб,
Месарояд баҳри ман дар хилвати шаб Моҳтоб.

* * *

Рози худро намекунам таҳрир,
То наафтад ба дидаи беғам.
Рози худро ба шеър мегӯям,
Нарасад то ба гӯши номаҳрам.

* * *

Маргро марг аст мӯҷиби камол,
Зиндагиро зиндагӣ пар медиҳад.

* * *

Шаб ҳама шаб гиря кард абри парешон,
Модари ғамкуштаамро хоб дидам.

* * *

Мӯсафедии дарахтон дар сари роҳ,
Дасти ларзони дуо бардошта,
Фотеҳаи ишқи моро медиҳад.

* * *

Ҳар гаҳе танҳостам,
Ман оғуши пазмони пазмонам,
Ҷони ман, меҳмони пазмонии ман бош.

* * *

«Не»-ро ту макун муҳофизи хонаи дил,
Зеро ки «Ҳа»-и ҷодунафас аз паси ӯст.

* * *

Мерасад наҷвои баргони чанор,
Аз ману аз бӯса ғайбат мекунанд.

* * *

Зи хомӯшии ҳузнангези маҷрои хушида
Ба гӯшам мерасад ғавғои дарёи хушида.

* * *

Дар суруди обшорон ин дуруд аст:
«Озодӣ суруд аст!»

* * *

Сафедорон сари як по ситода,
Зи пушти кӯҳ мепоянд хуршед.

* * *

Ҳама дарё пайи танҳоии худ мегарданд,
Дар сУроғи сари савдоии худ мегарданд.

* * *

Биёбон гарчи бепоён бувад, лек
Ба як барги ғариби сабза зор аст.

* * *

Дӯст медорам, ки аз лабҳои ту
Чун парасту пар кушояд
Ҳарфҳои «Дӯст медорам!»
Ва баҳор орад хазонамро.

* * *

Аз чароғи дили ман равшан кун
Торикии шаби танҳоятро.

* * *

Ман надонам, ки ахтаре бувадам
Дар сипеҳри баланди пурасрор.
Лек донам: чароғи хонаи ман
Бошадам ахтари ягонаи ман.

* * *

Аз таги тирезаи ту мегузаштам,
Ошиқи дилрезаи ту мегузаштам.
Мекашид овози ту манро ба боло,
Чун сатили об аз торикии чоҳ.

* * *

Дар дидаи Зиндагӣ ҳама ранг ба рангем,
Марг аст фақат, ки ҷумла якранг шиносад.

* * *

Ман надонам ғунчаро боди саҳаргоҳӣ чӣ гуфт,
Боғ бо атри табассум то фалак парвоз кард.

* * *

Ман наандозам агар бар гули рӯи ту назар,
Аз куҷо Гулназарам?

* * *

Модар, модар, аз ту калонам, модар,
Аз шаст ба ҳафтод равонам, модар.
Азбаски ту мондаӣ ҷавон дар ёдам,
Дар пеши ту кӯдаки ҳамонам, модар.

* * *

Бегунаҳ омадаам аз модар…
Оғуши пургунаҳи зиндагиам
ғарқи гунаҳ карду равам ғарқи гунаҳ.

* * *

Аз ҷонкании дил буд умри дубораи мо,
Аз пораҳои дил буд байти дупораи мо.

* * *

Ҷовидон, эй Ҷовидон,
Мо аз он мирандаем,
К-аз ту моро фурсати андеша нест.

* * *

Ту рафтиву муҳаббат ними раҳ монд,
Парастуи садоқат ними раҳ монд.
Саҳар н-омад ба чашми интизорон,
Ки хуршеди саодат ними раҳ монд.

* * *

Эй Зан, эй ҳусни орзуҳои Ватан
В-эй ҳиммату в-эй ғайрати зебои Ватан!
Дар чеҳраи ту ҳамеша рӯшан бинам
Ман рӯшании чеҳраи фардои Ватан!

* * *

Ишқи ту чун дарахти беор аст,
Дар ҳама фаслу дар ҳама иқлим
Реша монда, ҷавона меорад…

* * *

Дар фароғу айшу ишрат кас намеёбад камол,
То бурун Одам наомад аз биҳишт, одам нашуд.

* * *

Аё зан!
Туро аз дандаи[1] ман офариданд,
Ки манро
Ту бо як бӯса аз нав офаринӣ.

* * *

Гуфтӣ, ки «зи табъи шоирон зода шуда,
Варна Эзид ба одамӣ ИШҚ надод».
Гар қисса чунин аст, чаро ин ҳама сол
Баҳри ману ту хаёли ман ишқ назод?!

* * *

Ҳама ойинаи дунё
Маро дар рӯ ба рӯ гӯянд:
«Пири бегумон астӣ!»
Фақат ойинаи чашми туам бо ноз мегӯяд:
«Ҷавон астӣ!»

[1] Данда – қабурға.

* * *

Кофирам, то ман шикастам мӯҳраи меҳробро,
Кош, меҳроби ду абрӯят мусулмонам кунад!

* * *

Эй дил, ки туӣ кабӯтари ҳарҷоӣ,
Судам набувад ба роҳи ту раҳпоӣ.
Дар маҳфили дигарон ту меболиву лек
Танҳоии ман бимирад аз танҳоӣ.

* * *

Вожаи «бӯса» навиштем, аҷаб маст омад,
Ҷои гап нест, к-аз он бодаи лаб маст омад.

* * *

Чашми бодомии ту то бо дилам ҳамҷом шуд,
Хомаи таҳрири ман шохи гули бодом шуд.

* * *

Ҳасудони сияҳкорам намедонанд, к-аз оғоз
Сафед аз шири модар кардаам ман хонаи танро.

* * *

Оҳанги тари шаршара бошӣ ҳама умр,
Ширину базебу сара бошӣ ҳама умр.
Бо байти баланди абрувоне, ки туrост,
Барҷастатарин шоира бошӣ ҳама умр.

* * *

Кушуд имшаб лаби ширини ту раҳ бар дари хобам,
Саҳар мижгони худ аз ҳам кушудан барнаметобам.

* * *

Бе ростӣ гарон аст чашм аз ҷаҳон бубастан,
Дар кӯчае надидам ман кӯри беасоро.

* * *

Лолаҳоям дар сари гӯрат хазон шуд,
Дар дилам аз нав шукуфту ҷовидон шуд.

* * *

Одамӣ тифл ба дунё ояд,
Одамӣ пир зи дунё гузарад.
Яъне –
Зиндагӣ ҷойгаҳи пирон нест.

* * *

Дурӯғи бефурӯғатро тасанно!
Фурӯғи бардурӯғатро чӣ гӯям?

* * *

«Сабр кун, сабр! Ҳама мегузарад», –
Гуфтию панди ту беҳуда нарафт:
Гармӣ омад ба хуморам, бигузашт,
Сардӣ омад ба баҳорам, бигузашт.
Лек…
Ин умри гаронмояи ман ҳам бигузашт…

* * *

Эй ҷавонии туро тири адувон кушта!
Накунӣ шикваи бехобии шабҳои дароз.
Хоби ту мисли рафиқони шаҳидат, эй дӯст,
Дигар аз арсагаҳи ҷанги ҷаҳон н-ояд боз.

* * *

Шаби торику дар тоқ аст гӯгирд,
Касе аз ҷо намехезад, ки гирад
Фақат як дона гӯгирду занад оташ
Ба домони шаби торик.
…Зиҳӣ, эй қавми меҳмони шаби торик!

* * *

«Дӯст медорам!» – шаби торик нест,
«Дӯст медорам!» – сабоҳи равшан аст.

Ту маёрам шаб, ки анҷоми дил аст,
Субҳам овар, ки сароғози ман аст.

* * *

Ҳарчанд ба лаб ду мисраи хомам буд,
Аз оташи дил баҳри ту пайғомам буд.
Он кас, ки маро ба хонаи ишқи ту бурд,
Ҳампеша набуд, дӯст набуд, номам буд.

* * *

Навбаҳорон рафту чашмам мисли булбул метапад,
Гулназарро дастагул аз он гули доман кунед.

* * *

Роҳҳо гар ки ба хам оянд, манзил мешавад,
Дарду андӯҳро агар ҷамъ оварӣ, дил мешавад.

* * *

Овози пойи ту мани чашминтизорро
Фарёд мекунад,
Ғамҳои бемурувввати танҳоии маро
Барбод мекунад.

* * *

Солҳо рафту сияҳмастӣ зи чашмонат нарафт,
Метавон аз гарди мижгони туам паймона сохт.

* * *

Забони ман фақат як вожа дорад,
Ки бе номи Ватан ман безабонам.

* * *

Ҳамраҳи ман
Телефони ҳамроҳ аст
Ва ҳар ду хомӯшем,
Нумраи ман зи ёди ту рафта,
Нумраи ту зи ёди ман рафта.

Худоё,
Хомӯшӣ чӣ ВАҲМАНГЕЗ аст!

* * *

Ман Ватанро
Бешумора дидаам дар анҷуманҳо.
Ман Ватанро дидаам танҳои танҳо
Дар бари ТАНҲОИИ як марди танҳо.

* * *

Эй субҳи сафо, ки дӯстат медорам,
Аз хона баро, ки дӯстат медорам.
Хоҳӣ, ки дари пирии ман баста шавад,
Розат бикушо, ки: «Дӯстат медорам!»

* * *

Ман фақат бо чашмҳоям бӯса
мегирам зи лабҳоят,
Бо хаёли оғуши ту мекунам пур оғуши худро.

* * *

Бигрифт дилам аз ин харободи хароб,
Эй дил, ту маро сӯи харобот бубар!

* * *

Дар лаби ту сухани талх ба ҷӯш омада буд,
Бӯса ҷодугарӣ ангехту ширинаш кард.

* * *

Дӯст медорам туро –
Пеш аз дирӯз,
Пеш аз имрӯз,
Пеш аз фардо.
Дӯст медорам туро –
Баъд аз зодан,
Баъд аз умед,
Баъд аз мурдан…

* * *

Нафасам атри нафасҳои ту дорад,
Ҳавасам шавқи ҳавасҳои ту дорад.
Пойи хуншори талабҳои дили ман
Оҳ! Завлона зи «Бас!»-ҳои ту дорад.

* * *

Ҳосили ҷамъи ду сифр
Боз сифр аст.
Лек агар танҳоии моро ба ҳам оранд,
ВАСЛ ҳосил мешавад, эй дӯст.

* * *

Чанорон пирафшонӣ кунанд аз боди наврӯзӣ,
Бубояд ин саҳар ман ҳам ҷавон бошам.

* * *

Туро аз оташи ҷонам хабар нест,
Маро аз ин ҷафое саъбтар нест.
Диламро пос агар дорӣ, бидонӣ,
Ки сад ошиқназар як Гулназар нест.

* * *

Гар ман суруди худ нанихам дар лабони ту,
Ҳаргиз намерасад ба саҳаргаҳ шабони ту.

* * *

Ту нафс иродат куну мо дил,
Ту мол ибодат куну мо дил.
Ҳар кас ҳунаре дораду мо низ –
Ту кох иморат куну мо дил.

* * *

Ман надонам чӣ нияте дорӣ,
Лутф бинмою як асоям деҳ
Ва…
Роҳи беохир.

* * *

Дуруд, эй ғам, ки гулпӯшам накардӣ,
Фано дар ҷуръаи нӯшам накардӣ.
Ҳама ғамхорагон аз ёд бурданд,
Валекин ту фаромӯшам накардӣ.

* * *

Осмон аз турнаҳо холист,
Дар баёзам мисраи сабзи баҳорон нест.
Ай Худо!
Бар осмонҳо болу пар бахшой,
Дафтарамро вожаи як барги тар бахшой.

* * *

Ту агар рафтӣ, гуноҳам нест,
Ман агар мондам, савобам чист?
Байни мо сад гуна пурсиш буду аз он сӯи ҳиҷронҳо
Як ҷавобат нест…

* * *

Соғари лола шукуфт имрӯз дар дасти баҳор,
Оби нобам деҳ, ки лоластони дил хуррам шавад.

* * *

Бо тарозуе, ки ҳоло моли мардум мекашӣ,
Рӯзи маҳшар бори аъмоли туро бармекашанд.

* * *

Рӯдакӣ гуфто, ки бӯса оби шӯр аст,
Бӯсаҳои ту вале ширинтар аз ширинии дунёст.
Чун маризи қанд бепарҳез мехоҳам
Ман аз ин ширинии ту хӯрдану хӯрдан,
Баъд… баъд… асло намурдан!

* * *

Об аз сар лойи лой аст,
Боядо сарчашмаҳоро соф кардан.

Доруе, к-он обҳоро мекунад равшан,
Андаке баҳри Худо инсоф кардан.

* * *

Офарин гӯямат, эй бехобӣ!
Ки раҳи чашми маро мекобӣ,
Бехато дар дили зулмонии шаб
Дари чашмони маро меёбӣ.

* * *

Бораи кӯҳ паси абри баҳор аст ниҳон,
Чун Ҳалимшост, ки дар дуди сигор аст ниҳон.

* * *

Саҳар асту то қиёмат шаби хоби мо баҳонаст,
Ту биё ба сӯҳбати мо, ки шароби мо баҳонаст.

* * *

Гулхандаи шоди ту маро шод кунад,
Ободии ҳусни туам обод кунад.
Байти лаби ту бичуста байти лаби ман,
Як ҷо шудаву дубайтӣ эҷод кунад.

* * *

Ту мапиндор, ки ин кӯҳсор аст,
Гар ту ҳамвор шавӣ, ҳамвор аст.

* * *

Ҳаваси мурда зи нав зинда шавад,
Нози ту оби бақои дили мост.

* * *

Эй ки буд оғӯши ту моро биҳишт,
Ҷовидон маъвои ту бодо биҳишт.

* * *

Гар баёзи чашми ту бошад баёзи шеъри ман,
Оламе пур гардад аз мастиву нози шеъри ман.

* * *

Бидонам торикистоне, ки то субҳ
Бувад аз шӯълаи оҳе чароғон.

* * *

Мардуми чашми туам мардумӣ омӯхт,
Одамамро гунаҳи гандумӣ омӯхт.

* * *

Эй умри абад барои ман як дами ту!
Эй бештар аз ду оламам ҳар ками ту!
Зинҳор, магӯ, ки дигарон зар доранд,
Он марди ғанӣ манам, ки дорам ғами ту!

* * *

Эй дарахти хастаҷони тирамоҳон!
Меваҳоят лонаҳои холии мурғони кӯчист.

* * *

Гар шумо дар қасрҳои пуршукӯҳи худ
ватан доред,
Мову ман ҳам дар ғамободи хароби
синаҳои худ ВАТАН дорем.

* * *

Ҳар гаҳе бинам азоби насли одамро
фарочанги ғаму ҳасрат,
Бо алам пурсам: «Чаро, эй Ҳазрати Одам,
чунин бебок берун омадӣ аз оғуши ҷаннат?!»

* * *

Оре, оре, ватани ман чаман аст:
Ончунине ки ҳавои чаман аз нолаи
мурғон мамлуст,
Ҳаҷми бемори фазои Ватанам пур зи фиғони
дили пурдарди ман аст…

* * *

Бори номардии даврон агарам ҷонкоҳ аст,
Шукр, ман қудрати як нола кашидан дорам!

* * *

Он қадар дилсияҳӣ,
Ки дами реҳлати ту аз дунё
Мешавад рӯи кафан аз ту сиё.

* * *

Мисли санги осиё
Зиндагитон гарчи саргардон кунад,
Боядо чун орд пиндори шумо бошад сафед,
Боядо афкоратон ҳар лаҳза кори нон кунад.

* * *

Ҷароҳатҳои мо бо ҳам наояд,
Зи дасти доруву марҳам наояд.
Аз он ҳу мезанему соғари май,
Ки дигар дар дили мо ғам наояд.

* * *

Ёрон, сари кӯи якдигар бояд буд,
Муштоқ ба рӯи якдигар бояд буд.
Бар мову шумо зи баъди умри гузарон
Ку раҳ, ки ба сӯи якдигар бояд буд?!

* * *

Сарам дарду дилам сарду рухам зард,
Чунинам дояи ғам хоса парвард.
Умедам бо Худои меҳрубон буд,
Худои меҳрубон бо ман чиҳо кард?!

* * *

Зери айвонам кабӯтар лона кард,
Хешро бо ман дигар ҳамхона кард.
Ҳар саҳар ду ҳофиз ово мекунанд,
Шеъри худ ду шоир иншо мекунанд.

* * *

Дар хобҳои баччагӣ
Парвози ман буд одатӣ,
Акнун парам парчин шуда,
Армони ман сангин шуда.

* * *

Ту, ки як ҷумла ногуфта ба худ сад
ҷумларо побанд медорӣ,
Чу кӯдак акси маҳ дар кӯза мебиниву
дил хурсанд медорӣ.

* * *

Дур аз ватани азизи худ ҳам, эй дӯст,
Бинем ману ту хобҳои ватанӣ.

* * *

Гӯянд: «Зебоӣ бувад
Рукни наҷоти оламе.»
Дунё наям, ҳусни ту лек,
Эй ҷон, наҷотам додааст.

* * *

Ҳамчунон пиле, ки оби равшани зери
заминро мекунад эҳсос,
Дар паси сад парда ҳам дунёи эҳсоси
туро ман мекунам эҳсос.

* * *

Баҳор омад, парастуям наомад,
Дилам гум гашту дилҷӯям наомад.

* * *

Хонд аз лабат лабонам
Байти маҳину ширин:
«Вақте ки ҳаст бӯса,
Чӣ меҳрӣ ту ғусса!»

* * *

Мили соат ҳамчунон мили туфанг
Мепаронад лаҳзаҳои умрро.
Эҳтиёт, эй дил, намеёбӣ дигар
Субҳу шоми бебаҳои умрро.

* * *

Чунон ки баҳори хунук
Кушад ғунчаҳои ҷавонро,
Ту бо ҳусни бераҳми ҷонкоҳ
Ба гулбоғи ишқам кашондӣ хазонро.

* * *

Чашмаҳои чашми моро он ки дарё кардааст,
Оби дарёҳои моро ҳам ба ҳукм оварданист.

* * *

Дар рӯйи қабри модарам
Сабза дамидаст ин баҳор,
Ин номаҳои сабзи ӯст
Баҳри мани уммедвор.

* * *

Дари худро ба ранги дигаре пардоз кардам ман,
Ки ғам баҳри суроғам ояду раҳгум занад боре.

* * *

Он раҳи умр, ки бинмуд маро беохир,
Нафасе тоза накардему яке охир шуд.

* * *

Гуфтӣ: «Фаромӯшам бикун!»
Ҳаққо, фаромуш кардамат,
Аммо ҳар он чӣ хостӣ,
Асло фаромӯшам нашуд.

* * *

Фиребоиву сар то по фиребӣ,
Фиребо бо дигар, бо мо фиребӣ.

* * *

Ту қолинсуратамро зери по афкандаӣ, зинҳор
Мапиндорӣ, ки пеши пойи ту афтодаам ночор.

* * *

Шоҳони ватан рафтанд,
Шоҳони сухан монданд.

* * *

Чизе надорам дар бисот,
То пешкаш созам туро,
Ман шуҳрати пасмаргии
Худро ба ту бахшам тамом.

* * *

То чанд оҳу нола
Аз ранҷи зиндагонӣ?
Ман бе ту зинда мондам,
Ту низ зинда монӣ.

* * *

Дар хоб туро дидам,
Шодоб туро дидам,
То бӯса ситонидам,
Ноёб туро дидам:
Фарёд зи бедорӣ!
Сад дод зи бедорӣ!

* * *

Хушбахти ҷовидонӣ,
Эй духтари шаб, эй Моҳ,
Бар ту назора мекард
Ҳам Рӯдакии ошиқ,
Ҳам Ҳофизи дилогоҳ!

* * *

Он қадар кардам ба хушрӯёни ин манзил нигоҳ,
К-охири охир маро ҳам чашмҳо хушрӯй шуд.[1]

* * *

Афсонаи маҳфили халоиқ ману ту,
Аз ишқ нишон намонду ошиқ ману ту.

* * *

Ту ошиқи имрӯзаӣ,
Ман ошиқи поринаам,
Бишкуфта гул дар синаат,
Рӯйида доғ аз синаам.

* * *

Гӯянд, ки танҳоии худро бифурӯш,
Бе танҳоӣ бо чӣ касе хоҳам зист?!

* * *

Ҷавониам агар бигзашт,
Таманнои дилам боқист,
Бухороро агар бурданд,
Бухорои дилам боқист!

* * *

Дар Душанбе арчаи бесояе бинам, чанор ояд ба ёд,
Ҳарзадевоне бубинам, Лоиқи эҷозкор ояд ба ёд.

* * *

Китобро кушо,
Савобро кушо,
На ҳушро бубанд,
На хобро кушо,

[1] Устод Раҳимӣ фармудаанд: «Аз назар кардан ба хушрӯён шудам озори чашм.»

Савол агар гирифт,
Ҷавобро кушо –
Китобро кушо!

* * *

Даҳонатро чу пур аз луқма карданд,
«Ватан!» гуфтан бишуд баҳри ту душвор.

* * *

Он гаҳ ки рӯйи махмали мижгони ту нишаст,
Хоби гурезпойи маро ту салом гӯй!

* * *

Ту аз худ мекашӣ худро ба айвон,
Ман аз худ мекашам худро ба майдон.

* * *

Аз кори замона дар аҷаб мемонӣ,
Бозор намонду ҳаст бозаргонӣ.

* * *

Ман бо туву бо мо будам,
Ман бо ҳама якҷо будам.
Акнун бихоҳам давлате:
Бо худ нишинам соате!

* * *

Аз дурӯғе, ки пеши дил гуфтӣ,
Об дар чашмаоб чиркин шуд.
З-он ғуборе, ки аз раҳат бархост,
Чеҳраи офтоб чиркин шуд.

* * *

Кӯҳҳо мисли хасисоне ба ҳар мулку диёранд:
Ҷомаҳошон пора-пора, лек
Дар бағал сад мушти зар доранд.

* * *

Қалам бӯсида-бӯсида бипаймояд сафедиҳои коғазро,
Ба ёд орам ба сад ҳасрат лаби худрову
андоми сафедатро.

* * *

Ин сафедорони урён,
Ҳамчу духтарҳои урён,
Хам зада,
алвонҷ хӯрда,
дар паси деворҳо
Хешро гӯё ки пинҳон мекунанд,
Синаамро ғарқи ҳасрат,
ғарқи армон мекунанд…

* * *

Роҳи мо будаст, эй дӯст,
Аз хуморе то баҳоре,
Аз шиоре то бароре,
Аз фироре то қароре,
Аз каноре то диёре,
Аз диёре то мазоре…

* * *

Чашмаи ман,
соқии хушчҳоми ман,
Садқаи номи ту бодо номи ман!
Ту маро аз хештан шодоб кун,
Мавҷ кун,
гирдоб кун,
Вахшоб кун!

* * *

Орзуҳои сафеди дили худро, эй кош,
Тукмаи чоки гиребони шумо мекардам!

* * *

Туро дарё кӣ гуфт?
    Обе надорӣ!
Кӣ гуфт ойинаат?
    Тобе надорӣ!

* * *

Шеъри сабзи навбаҳоронро нахондам дар адир,
Тирамоҳаш чун муҳаррир хонду бишкасту гузашт.

* * *

Шаби торик агар истора дорад,
Шароре зулмати ҷонат надорад.

* * *

Чун нолаи навҳагар, ки бе сӯзи дил аст,
Дар «ғуссаву дарди» шеъри ту дарде нест.

* * *

Мо кач бинишаста рост гуфтем,
Ту рост нишаста кач бигӯйӣ.

* * *

Сӯзанӣ дӯзеду тозед аз қафои сӯзанакҳо,
Лек сӯзанбаргро дар шаҳри мо камтар кунед.

* * *

Ҳаҷми девонат ба ёд овард Девони Кабир,
Гар сади дигар нависӣ,
Ҳеҷ натвонӣ расидан ту ба гарди Мавлавӣ.

* * *

Шаб аз ҷамоли маҳтоб,
    Фонус мефурӯшад,
Паскӯчаҳои ин шаҳр
    Номус мефурӯшад.

* * *

Дӣ агар гуфтам туро: «Ширинтарӣ аз ҷони ман!»
В-ар туро имрӯз гӯям: «Ту наӣ армони ман!»,
Ту маранҷ аз ҳарфи гоҳо гарму гоҳо сарди ман:
Гунагунандешӣ омӯзад маро даврони ман!

* * *

Ҳарчанд зодаам ман
Дар соҳили Зарафшон,
Дар синаи ту дидам
Дарёи зарфишонро.

* * *

Хоҷамӯъмин пиру барноро намакхӯр кардааст,
Алҳазар, эй фитнаандешон!
Намактон мезанад!

* * *

Ишқи ту ҳамон наме, ки Ҷайҳуни ман аст,
Меҳри ту ҳамон заре, ки дар хуни ман аст.

* * *

Агар хоҳӣ сияҳ бошад ду чашмат,
Назар бар рӯйи бадандеши ман кун!

* * *

Ҳар дамат аз дар биронанду ту ойӣ бозпас,
Ту магасро устодӣ?
Ё магас устоди туст?!

* * *

Мо аз табори ишқем,
Чобуксавори ишқем,
Бадномамон чӣ хоҳӣ?
Мо номдори ишқем!

* * *

Аз гармии шаҳри худ чӣ нолӣ?
Аз сардии шеъри худ ҳазе бар.
Ҳар гаҳ ки зи гармӣ оядат ранҷ,
Ду мисраи худ бихон мукаррар.

* * *

Ҳам шишаи мошин сиёҳ,
            Ҳам одами мошин сиёҳ,
Дар пушти ин ранги сиёҳ
Пиндори ӯ,
            гуфтори ӯ,
                        кирдори ӯ бошад сиёҳ.

* * *

Дар кишвари бечорагон
            Ҳар зарра бинмояд хурӯш,
Овози гиря мерасад
            Аз батни модарҳо ба гӯш.

* * *

Худфурӯшонро дукон нест,
Коҳашонро каҳкашон нест.

* * *

Гуфтам аз лабҳои ту бӯсам, вале
Раҳ надоданд аз бахилӣ як раҳам
Пашшаҳои якрави шаҳри Хуҷанд.

* * *

Ташнагии лаби ман бӯсаи тар мехоҳад,
Рӯзаро ҳам, гули ман, фурсати ифторе ҳаст.

* * *

Бе шамол асло наҷунбад шоху барге, гуфтаанд,
Нокасе ҷунбонад аммо шоху баргамро мудом.

* * *

Парранда аз шохи баланд
Афганд саргин бар сарам,
«Давлат биёбӣ ту», бигуфт
Ин мардуми хушбоварам.
Парранда чӣ? Инсонҳо
Саргин ба ҳам пошидаанд,
Аммо надидам, эй шигифт,
Марде ғанӣ дар манзарам.

* * *

Эй гули ман!
Аз ҳама гулҳои шодоби баҳорӣ қадри ту болотар аст,
Баски ту дар тирамоҳи умри ман бишкуфтаӣ.

* * *

Ман ба даври лабҳоят
Хандаи сухан дидам,
Ман зи барқи чашмонат
Шодии ватан дидам.

* * *

Қасида шуд пир, ғазал адо шуд,
Рубоӣ афсурд, дубайта «ло» шуд.
Аммо нашуд пир, аммо нашуд «ҳеҷ»
Дар рӯҳи онҳо ишқе, ки ҷо шуд.

* * *

Лобалои баргҳои сабз оё дидаӣ барги хазонро?
Пирии мову ту он ҷо менамояд ноҷавонии ҷаҳонро.

* * *

Ҳайфи онҳое, ки мурданд,
Низ ҳайфи ман, ки мирам,
Оламам як тин набигрифт,
Ҳам манаш як тин нагирам!

* * *

Чун Самарқанд ба ёдам ояд,
Бишавад қанди даҳонам ҳама талх.

* * *

Ман аз сардӣ наметарсам,
    Ман аз дилсард метарсам,
Ман аз мурдан наметарсам,
    Ман аз номард метарсам.

* * *

Эй шом, эй шоми сиёҳ,
    Субҳи маро овоз кун,
Эй хома, эй роҳат сафед!
    Шеъри маро оғоз кун!

* * *

Якеро пар бувад, аммо надорад майли парвозе,
Дигар бе болу пар дар авҷи гардун мекунад гардиш.

* * *

Ту ҳама овозаву овоз ҳастӣ,
Ҳамчу сел анҷоми сад оғоз ҳастӣ.

* * *

Гуфт он қадар «шеъри сафед»,
К-охир чу рӯйи сафҳааш
Рӯйи сафедаш шуд сиёҳ.

* * *

Дилам гар бо дилат як шаб сарояд,
Чӣ ғам, гар умри ширинам сарояд?!

* * *

Хуршеди тасвир аст ба сар, ҳар чӣ дидаӣ,
К-аз он туро на нуру на гармист, ҳуш дор!

* * *

Эй арчаҳо, эй арчаҳо,
Аз кӯҳ канор афтодаед,
Дар кӯчаҳои шаҳри ман
Чун кӯдаки раҳгумзада
Зору низор афтодаед.

* * *

Субҳи ман!
Ту дар шаби порина то кай бенишон бошӣ?
Акси ман!
Дар хонаи ойина то кай меҳмон бошӣ?

* * *

Дар ин дунё ҳазорон расму ойин офариданд,
Туро минбар, туро гуфтори ширин офариданд,
Маро гӯш аз пайи ҳарфи дурӯғин офариданд.

* * *

Бенасиб одам намонад дар раҳи касби камол,
Ҳар чӣ аҳлаш мекунад гум, ёбадаш дасти хаёл.

* * *

Эй шеъри гуфтаи ман!
Ин гуфтаро кӣ хонад?
Ман меравам, ту монӣ,
Гар ту равӣ, чӣ монад?

* * *

Ман ҳама ту,
ту ҳама ман,
ӯ ҳама мо,
мо ҳама мо,
Бехазон ман,
ҷовидон ту,
гулфишон ӯ,
дамдама мо.

Ман Зарафшон,
  ту Бадахшон,
    дар бари ҳам – Тоҷикистон,
Ман табассум,
  ту такаллум,
    ӯ тараннум,
      замзама мо!

* * *

Ном шафоат бикунад номро…
Гарки харат ном баранд одамон,
Ту хари танбӯр бош!

* * *

Эй ҷавонӣ, зи ту ожанги ҷабин монд маро,
Аз дили рафтаи ман оҳи ҳазин монд маро.

* * *

Ончунон ки мекунад инсон ба занбӯри асал,
Зиндагӣ ҳам аз ту бистонад ҳама шаҳди туро,
Лек бидҳад шаккарат ночор гоҳо дар бадал.

* * *

Дар кишвари фақир ба чашмони хастаам
Барги чанор чун кафи талбанда мерасад.

* * *

Аз санги Каъба чашми сиёҳи ту нусхаест,
З-ин рӯ дилам ба сурати ту саҷда мекунад.

* * *

Қуллаи куҳ барфпӯшу чашмасоронаш ҷавон,
Мӯйҳои ман сафеду дил ба армонаш ҷавон.

* * *

Оҳ! Чу занбӯри асал мегазӣ,
Лек асал ҳам туrост…

* * *

Месарояд мурғаке дар шохи хор
Он қадар ширин, ки мерезад варо гӯё ба сар
Гулбарги тар,
Мебарам аз мурғаки беғам ҳасад,
К-ӯ тавонад,
Ман надорам ин ҳунар…

* * *

Аз шохаҳои бед шунидам ба гӯши дил:
«Аз бори соя низ хамидан саодат аст!»

* * *

Ин дарахтон пайравони одаманд,
Пой дар гил,
сар ба гардун кардаанд.

* * *

Дона корӣ, нахли пурнашъунамо ояд ба даст,
Лек аз тухми ҷавониҳо асо ояд ба даст.

* * *

Аз нафас ҳамнафасӣ нест маро,
Нокасон! Ҳеҷ касе нест маро…

* * *

Нишон орад баҳор аз рафтагонам,
Гулу себаргаро гирам ба ҷонам.

* * *

Субҳи содиқ бардамиду роҳ оғуш боз кард,
Оҳ аз ин бедории мо!
Пойи мо хобидааст.

* * *

То лаби ҷом наояд ба қасам,
Лаби ман ҳам нагарояд ба қасам.

* * *

Гар ба ҷаннат роҳ ёбад нафси оламхори ту,
Шохи тӯбиро бурун оварда, савдо мекунад.

* * *

То лабат бодафурӯшӣ мекунад,
Пирии ман боданӯшӣ мекунад.

* * *

Ба ду чашми туам ҳазор салом,
Ба ду мастии пурхумор салом.
Дур аз ман фитода оғӯшат,
Ба гулу сабзаву баҳор салом!

* * *

Чун зи як Ҳавво ба дунё омадем,
Дуҳавоӣ кардани мо носазост.

* * *

Рози ман миннатгузори фош нест,
Хонаи дил ҷойи ҳар фаррош нест.

* * *

Ҳайф ояд маро зи оббиёр,
Ки баробар ба қадри ӯ гашта
Қадри кӯзашикан дар ин бозор.

* * *

Ҳазрати Одам бурун шуд аз биҳишт,
Ҷаннати зоҳид дигар бе одам аст.

* * *

Тақвими ҳаёти мо
Фарқи азалӣ дорад:
Имрӯзи ту дирӯз аст,
Дирӯзи манат фардост!

* * *

Мешавӣ бе оби рӯ яксар хароб,
Ҳамчу боғе, ки надорад ҷӯйи об.

* * *

Гуфтӣ, ки дилам санг аст,
Аммо ту надонистӣ,
К-аз санги дилам умре
Сад гуна шарар хезад.

* * *

Бар дари дил чун расӣ, ово макун,
Хонаи ойинаҳо беодам аст.

* * *

Базми маро ту дар сари паймона дидаӣ,
Ашки равони мисраи моро надидаӣ.

* * *

Маънии яксон надорад, ҳар чӣ якрангӣ кунад,
Рӯйсурхӣ дигар асту чашмсурхӣ дигар аст.

* * *

Кори нохун ҳар куҷо боиста нест,
Уқдаи лабро сухан во мекунад.

* * *

Туҳмат ба мо чӣ мезанӣ, эй дилсиёҳи зишт,
Ойинаему дар дили шаб низ равшанем.

* * *

Ба ҳар рӯзу ба ҳар соат, аё ёр,
Ту дигар мешавӣ чун нархи бозор.

* * *

Басо розест дар оғӯши ин куҳсори лаббаста,
Агар мардум надорад, дар бағал мардумгиё дорад.

* * *

Ганҷи бодовардаам, дар чанги бод афтодаам,
Номаи оҳам,
ба гӯши бесавод афтодаам.

* * *

Навбаҳор омадааст,
Дар дили шеъри мани шӯрида майхона кушоед,
Ғунчаи ҳарф кушоед, чу паймона кушоед.

* * *

Чашми ту паймона асту ҳалқаи чашмат
хати паймона аст,
Шеър мехонад дилам,
шеърaш саропо ҳасрати паймона аст.

* * *

Заминро хоксорӣ мӯътабар кард,
Чунон ки қулла раҳро тоҷи сар кард.

* * *

Мижа то мезанам, ҷаҳон гузарад, афсӯс,
Мон, нишинам ба зери сояи мижаат.

* * *

Китоби шоири шӯридаро бикшову
баъд аз он қазоват кун,
Шаробе, ки даруни шиша маҳфуз аст,
чун мастат кунад, эй дӯст?!

* * *

Қатраи ашкаму сар то ба сарам обила аст,
Ҳам дилам обилаву ҳам ҷигарам обила аст.

* * *

Гардани хам, қомати хам хуш намеояд маро,
Лек абрӯи хами ту ҷон бубахшояд маро.

* * *

Зиндагӣ дарёи шабҳангоми пур аз нола аст,
Лек гӯши мову ман кар, гӯши мардум ҳам кар аст.

* * *

Хоб аз бехобии ман нола дорад,
Оби дарёҳои мо
Аз ғами беобии ман нола дорад.

* * *

Шабон Темури Ланг аст аз нигоҳи ман,
Ки аз ҳар хиттаи олам
Варо доман пур аз марвориду тиллову марҷон аст.
(Агарчи субҳ рамзи маргу мурдан нест),
Вале аз субҳи пешорӯ ҳаросон аст.

* * *

Ёди ту кардам китоби ёддошт,
Сафҳагардонам бикун, эй бехабар!

* * *

Ту ҳақиқатро набинӣ аз варои пардаи ғафлат,
Кӯр зодан хубтар, аз он ки кӯрат карда бошанд.

* * *

Ғами ман телефони ҳамроҳ дорад:
Ба ҳар ҷо, ки бошам,
Биёбад марову бигӯяд:
– Куҷоӣ? Маро мунтазир бош!

* * *

Хонаҳои баланди беодам
Чун дарахти баланди пурлона-ст,
К-аз фирори парандагон холист.

* * *

Худоё, рӯдбори роҳиям кун,
Ҳамогӯши тани гулмоҳиям кун!

* * *

Охири зиндагӣ чу торикист,
Ҳама тарсад зи шоми зулмонӣ.

* * *

Чу бинам осмони поку равшан,
Тани ту мерасад бар хотири ман.

* * *

Ҳамеша дар куҷое навбаҳор аст,
Ҳамеша дар куҷое офтоби зарнисор аст,
Ҳамеша дар куҷое осмон исторазор аст,
Ҳамеша дар дили ман ормони навбаҳору
офтобу осмони беғубор аст.

* * *

Хоб дидам, ки барф меборад
Бар сари ғунчаҳои хандида.
Субҳ гуфтам: «Салом, эй пирӣ!» –
Тори мӯйи сафеди худ дида.

* * *

Дарахтон аз дами боди сабо шодону рақсон,
Вале аз тундбоди решакан умре ба фарёданд –
Шабеҳи одамизоданд.

* * *

Он қадар мӯ ба мӯ-т мавзун аст,
Ки ҳасад мебарад зи ту суханам.

* * *

Даҳон ширин намегардад ба ҳалво гуфтани кас, лек
Ту он ҳалво, ки ногуфта шавад ширин даҳони ман.

* * *

Рӯзгори чу хоб ширинро,
Гар бубинӣ, ба хоб мебинӣ.

* * *

Лаби шеърам пур аст аз бӯсаи муфт,
Дареғам аз чӣ дорӣ бӯсаатро?

* * *

Ҷоҳи баландро хоҳӣ, вале бидон,
Қайчӣ инонкаш аст мӯи баландро.

* * *

Зи ҳамдастии ҳамдилҳо гаронборӣ фано гардад,
Агар оҳан шавад занҷир, дар боли садо гардад.

* * *

Оби рӯ як қатра бошад ҳам,
        ба он ҳаргиз намегардад баробар оби дарёбор.

* * *

Аз рафтани қаламкаш монад қалам ба хона,
Бинӣ ба марқадаш низ чӯби қалам нишона.

* * *

Ҳарчанд ки саршор зи нешу мағалӣ,
Чун қуттии занбӯри асал пурасалӣ.

* * *

Қавме ба чанор мерасад ҷавҳарашон,
Пайваста чапак зананду набвад барашон.

* * *

Аз ҳавасбозии бешарму ҳаёи ошиқони сояаш
Беди Маҷнун шармсор афтодааст.
Бо хаёли ишқи поки Лайлиаш
Дар муҳити ногувор афтодааст.

* * *

Дар пайкари мо таҷаллии нури Худост,
З-ин рӯй парастидани худ шеваи мост.

* * *

Ташнагон ҳарчанд ҷӯянд оби сард,
Ташнаи васли туам,
Сардӣ намехоҳам зи ту…

* * *

Дарё аз он осуда нест,
К-аз қисмати пуршӯри хеш
Дарёдиле дар ин ҷаҳон осуда нест.

* * *

Шудам, эй ҷон, дар ин шаҳри ғуборӣ
Канори беғуборатро хуморӣ.

* * *

Аз он мастӣ, ки бе заҳмат хӯрӣ ту хоку оби
Тоҷикистонро,
Бихӯр, аммо барои мастии ман
мон шароби «Тоҷикистон»-ро!

* * *

Ту зинда-зинда мурдаӣ,
Зи «Зинда бод!»-и ту чӣ суд?
На тахт мондаву на рахт,
Зи Кай-Қубоди ту чӣ суд?

* * *

Ҳанӯз авҷи баҳорон аст,
Вале аз чанори ҳотаи мо
Ягон-ягон барг мефитад хазондида
Ва маро хун мекунад ғами ҷавонмаргон…

* * *

Тирамаҳ барчид гулҳоро,
Гул фақат дар номи ту монда,
Кафтари танҳои ишқи ман
Бенаво дар боми ту монда.

* * *

Ҷавонии Душанбе сар ба гардун мекашад
мисли чаноронаш,
Шумо ҳам ибрат омӯзеду сар боло кунед,
эй ҳамдиёронаш!

* * *

Субҳ омаду ба ҷилва-ст маҳтоби шомхӯрда,
Монанди пирдухтар бо ҳусни пажмурида.

* * *

Дӯстон рафтанду ҷои рафтагон амсоли чаҳ холист,
Метавон рӯзе нагун афтод, баски пеши раҳ холист.

* * *

Чун шишаи тафсидааст аз иштиёқат пайкарам,
Сардӣ макун чун оби сард, то ки набинӣ пораам.

* * *

Чу дасту по ба раҳи ишқи ту зи дастам шуд,
Чу офтоб ба сар медавам зи дунболат.

* * *

Чунон санги нишони гӯри ту сангину пурҳаҷм аст,
Ки маҳшар гар шавад сад бор, сар боло натонӣ кард.

* * *

Нони сафед гуфтаву рӯят сиё макун.

* * *

Зиндагиро ман ба сар ҳаргиз набурдам хурраму фирӯз,
Он қадар зӯъмам, ки бар сар зиндагиам
мебарад ҳар рӯз.

* * *

Касе аз он ҷаҳон н-омад,
Аҷаб не, он ҷаҳон некӯтар аз ин аст.

* * *

Акси рухи ту афтод
Дар ойинаи чашмам,
Бастам ба мижа роҳаш,
То гашта бурун н-ояд.

* * *

Озодӣ агар будаст армони башар,
Дар банд будан ҳам буда эъҷози дигар.
Дарё, ки фитад ба банд мисли Вахшоб,
Аз ҳар қатра зода шавад нуру шарар.

* * *

Хуни ман гар банди рагҳоям набошад,
Ҳамчу селобам барад то хонаи ту.

* * *

Акси ту ба рӯи об гулмоҳӣ шуд,
Печид ба мавҷи роҳиву роҳӣ шуд.
Дарё, ки зи чархи нилгун меомад,
Якбора пур аз шири саҳаргоҳӣ шуд.

* * *

Шеъри ту нони Самарқанд аст,
Шӯҳраташ боқист, аммо лаззаташ танҳо ба се рӯз аст.

* * *

Беҳуда туро шумурдаам ҳамсоя,
Девори баланди ту надорад соя.

* * *

Ба ҳар остоне, ки पояш ниҳад сарбаландӣ,
Ҳамон остон осмон мешавад.

* * *

Дарро бикушоюю фикри ҳамсоя макун,
Меҳмонии шамъ меравад парвона.

* * *

Пирии доси хамида
Навҷавонии алафҳоро дарав мекард,
Аз ҷавонмаргии ту мегуфтаму
доғи маро ҳар лаҳза нав мекард…

* * *

Сари баландро хатар budасту ҳаст,
Ки бархӯрад ба пастии замонаҳо.

* * *

Метавон бурдан ҳасад з-иқболи парвона:
Зиндагӣ сад паҳлу гашту то ба имрӯз
Маҷлису маҳфил парад дар боли парвона.

* * *

Таътил шуду муаллима н-омад дарс,
Таътил надорад дили пазмон, чӣ кунам?

* * *

Бузургиро ба иҷборӣ маяфкан
Ба дӯши он ки маҳруми бузургист.

* * *

Эй волаи худнамоиву лофу ғурур,
Аз бом магӯ, ки ном мемонаду бас!

* * *

Ману чашмаконат зи як гавҳар астем,
Нахӯрда яке ҷоми май, ҳарду мастем.

* * *

То ки ҳамеша бошад ширинтарини ширин,
Шеъри маро даме кун шогирди бӯсаҳоят.

* * *

Ба дастат дилам соати утумот аст,
Ки бо ту бигардад, ки бе ту биистад.

* * *

Ман ханда мехоҳам будан,
То бо лабат якҷо шавам,
Сад бор агар пинҳон кунӣ,
Дар шодият пайдо шавам.

* * *

Дарахтон тирамаҳ аз лонаҳои мурғакон
доранд бар сар чатри боронӣ.

* * *

Ин ҷаҳон бо кас намемонад, иноят кун,
Байни ҳардумон ҷавониро ту қисмат кун.

* * *

Гарчи ба сад ранг гирифтӣ ту нишон аз замон,
Баҳри замон аз ту намондаст вале як нишон.

* * *

Дар тани деворҳо
Номҳои ошиқон боқист –
Ёдгори ишқҳои мурдаи дерин.

* * *

Зарафшон бо лаби хушкида дар роҳи ғарибии
Бухоро гуфт:
Ту, эй Варзоб, ҷавлон кун,
Ки бо ту қомати сабзи Душанбе ҳаст!

* * *

Меравам ман пеш-пешу чида-чида меравам
аз рӯи роҳат хорҳоро бо кафи поям,
К-аз пасам осудаву болидаву нозида раҳ гардӣ.

* * *

Эй хоки Паямбарон! Бинолам, ки кунун
Пайғамбари ту зи Амрико меояд!

* * *

Алангаҳои оташ
Чу ду хурӯси ҷангӣ,
Дамидаву парида,
Ба ҳам заданду охир
Ба хоки тар нишастанд.

* * *

Ман намедонам адамро аз куҷо ин зӯъми нерӯст?
Ҳастии мо қарздори ҷовидони ҳастии ӯст.

* * *

Соғари мо бишканад ҳарчанд аз боди сабо,
Лек бо ин нозукияш бишканад сад тавбаро.

* * *

Аз дари оҳанин наҷотам нест,
Нокушуда, дарун шавад ғами ман.

* * *

Бо чеҳраи кушода
Сад дар тавон кушодан,
Гирад ба як табассум
Хуршед рӯи олам.

* * *

Сад гуна агар мошини аълоят ҳаст,
Тобути ту мебарад туро гӯристон.

* * *

Вақте ки ту дорӣ шитоб,
Вақти ту ҳам дорад шитоб,
Ҳар гаҳ ки хоболудаӣ,
Вақти ту ҳам монанди туст.

* * *

Шеъри ман санги тарозу нест,
То ба ҳар давру замон яксон бимонад.

* * *

Хонандаи ман вақти дарозояш нест,
Пайғом фиристамаш бад-ин кӯтоҳӣ!

* * *

Хазон намекунад маро хазон, ки рӯи дафтарам
«Баҳор» менависаму ба сайри лола меравам.

* * *

Рӯдҳои мо, ки сӯи мулки ғурбат меравaнд,
Бо фиғону нолаву андӯҳу ҳасрат меравaнд.

* * *

Дандони гушнаи ту
Дандони осиё нест,
Дар хидмати «ман» аст он,
Дар ибтикори «мо» нест.

* * *

Эй боғи тараб!
Гул ба сарам безӣ чӣ?
Эй бодаи лаб!
Ба соғарам резӣ чӣ?

* * *

Фақри мо гарчи басо овозадор аст,
Ҳар кучояш бингарӣ, мошинсавор аст.

* * *

Дард аз ту мегурезад, барҳадар нолиш макун,
Ту ҳама хобиву аз ҳаҷри саҳар нолиш макун.

* * *

Оре, дили ту санг аст –
Ҳаммаслаки оташбарг.

* * *

Ҳар гаҳе ки зи кӯча мегузарӣ ту,
Пеш-пеши ту меравад мастона
Навҷавонӣ,
таровату зебоӣ.
Аз пасат – ҳасрати дили шайдоӣ.

* * *

Оташ агар ҳам будаӣ,
Бо хас ту ҳамдам будаӣ.

* * *

Вафоро бевафо кардам, гули ман
Ва аз мурдан батар мурдам, гули ман.

* * *

Азони Ҳазрати Билол
Зи дурии замона мерасад ба гӯши ман.
Азони масҷиди канори хонаам
Намерасад ба гӯши ман.

* * *

Азбаски ту бодиву ба ройи бодӣ,
Умрат гузарад чу осиёи бодӣ.

* * *

Ту сариву чун сари ман
Кай тавонӣ буд савори гардани ман!

* * *

Ман дар ин шаҳри бузург, оҳ, туро гум кардам,
Балки пеши назарам ҳамраҳи ту
Гум шуд ин шаҳри бузург.

* * *

Ман дар ин арсагоҳи тӯфонӣ
Рӯзгоре бихоҳам озода:

Ҳамчу оғӯши ту пур аз мастӣ,
Ҳамчу лабҳои ту пур аз бода.

* * *

Пирӣ, ки маро суроғ омад,
Нашнохт марову аз дарам рафт.
З-он бим, ки оядаш сафедӣ,
Мӯи сияҳи ман аз сарам рафт.

* * *

Пеши ту,
Ҳар гаҳ ки аз ғамҳои ту саршораму оям,
Хешро чун ғусса дар пушти дарат бигзораму оям.

* * *

Рӯзи ман чун сафҳаи тақвим гардон мешавад,
Эй хушо, гар сабзае дар Тоҷикистон мешавад.

* * *

Номи ману ту ҳама гулу гулбӯист,
Ин хорзании қисмати мову ту чист?!

* * *

Беруни дарӣ, ман аз дарун месӯзам,
Оташ задаӣ маро ба хун, месӯзам.
Сад қиссаи ошиқии пурсӯз гузашт,
Аз содадилӣ, бин, ки кунун месӯзам.

* * *

Дил, ки танг аст, ҳавсала танг аст,
Кафш бигзор, обила танг аст!

* * *

Аз ту, эй ишқ, пираҳан хоҳам,
Надиҳӣ фурсатам, кафан хоҳам.

* * *

Зиндагиро никоҳ бояд кард,
Варна зояд ҳаромии бисёр.

* * *

Дар лабонат бӯсаи ту гарчи арзонист,
Қаҳти бӯса бар манат ҷуз интиқоми бӯсахоҳӣ нест.

* * *

Бо ту умрам гузашт,
Нафаҳмидам.
Бе ту як лаҳзаам чӣ беохир!

* * *

Ту дар он сӯи деворӣ,
Мани дилдода – дар ин сӯ.
Ту чун Байтулмуқаддас бо рақибонӣ,
Фаластинам,
мани афтода дар ин сӯ.

* * *

Умр чун дарёи Омӯст:
Раҳ ба раҳ мешӯраду меғурраду аз
домани афлок мегирад.
Лек дар поёни қисмат,
Дар биёбонҳои бефарёди берӯҳ,
Нотавону
хаставу
бечора мемирад.

* * *

Бодам бинолад:
«Манзил ба манзил овораам ман!»
Сангам бимӯяд:
«Дар гӯшаи ғам, бе болу бе пар бечораам ман!»
Дар синаам дил оҳиста гӯяд:
– Эй бод, пар зан, озодаи ман!
– Эй санг, дам зан, афтодаи ман!

Ман то шумоям, ман бо шумоям,
Умре шуморо ғамхораам ман!

* * *

Овоз меояд марову соҳиби овоз нест,
Пар ҳасту аммо дар пари ман ҳасрати парвоз нест.

* * *

Нохунтарошӣ аз падарат монда ёдгор,
Нохун тарошу гӯшт зи нохун ҷудо макун.

* * *

Шаҳри мо то ҷомаи идона дар бар кардааст,
Зоҳири худро мунаввар кардааст,
Ботини худро, намедонам, чӣ зевар кардааст…

* * *

Пунба каш аз гӯши мино, ҷони ман,
Бишнавад то нолаи мо, ҷони ман!

* * *

Биншинаму хешро ба иззат гирам,
Обу гили хешро ба ҳурмат гирам.
Ҳар гаҳ ки ҷаҳон нагирадам як пули пуч,
Худро гирам, барои сӯҳбат гирам.

* * *

Мурғон ҳама шоданду ғазалхон сари шох,
Чун ҳамкорони ман, ки дар рӯзи маош.

* * *

Сӯҳбати гарми лабони ману ту –
Ҳамчунон сӯҳбати байни гулу занбӯри асал –
Аз асал аст.

* * *

Хоҳам, ки чу занҷираи заррин нафасе
Шорида фуроям ба хами синаи ту.

* * *

Ало мӯйи сафеди беғубори ман,
Ту барфи охирини рӯзгори ман,
Сафоят бебало бодо,
Нигаҳдорат Худо бодо!

* * *

Гар шаҳри бостонии Яғмо ба ҷой нест,
Яғмогарии нафси ту бар ҷой мондааст.

* * *

Ман на он гушна, ки аз як нигаҳат сер шавам,
Ман на он ташна, ки як бӯса кунад шодобам.

* * *

Сано гӯям ба ғаммозони худ ман,
Ки масту ошиқам гӯянду ҳакканд!

* * *

На хун дорад,
        на хӯ дорад,
                на хотир,
Такаббур мекунад чун шоҳи шатранҷ.

* * *

Лаби ман чун паямбар бар ту меорад паёми дил,
Варо як бӯса аз лабҳои ширин муждагонӣ деҳ.

* * *

Ҳамон шеъри сафеди умрҳо ногуфтаи худро
Баногаҳ хондам аз чоки гиребонат саҳаргоҳон.

* * *

Чашми ман бар чашми маҳтоб,
        Ҳарду танҳоему бехоб.
Ханда зан, эй ҳаҷри ғолиб!
        Гиря кун, эй рӯди Варзоб!

* * *

Баргҳо мепарварам ман бо умед,
Ҳамчу тутам боз каллак мекунанд.

* * *

Аз «камоли ҳамнишин» гуфтан чӣ суд?
Дигарон гар маҳсаворӣ кардаанд,
Бо шумо мо харсаворӣ кардаем.

* * *

Ҳар гаҳе тирезаамро во кунам,
Рӯ ба рӯ дар ҷилва бинам Парчами поки Ватан.
Аз ҳамон сӯ медамад субҳи муродам беғубор,
Аз ҳамон сӯ мебарояд офтоби бахти ман.

* * *

Гулат гуфтам,
Лаби ҷӯят нишондам,
Шудӣ қоқуву ҳар сӯ пар кашидӣ.

* * *

Лаби хандони ту пур аз ғазал аст,
Бӯсаи гарми ту беҳ аз асал аст.

* * *

Дар замин дӯст надориву вале
Аз фалак Дӯст биҷӯйӣ, аҷаб аст!

* * *

Беҳуда макун ҷилва ба ҳар раҳгузаре,
Тарсам, ки тиҳӣ шавӣ чу қорураи[1] атр.

* * *

Ҳарчанд ки поёни шаби мо рӯз аст,
Афсӯс, ки рӯз ҳам ба шаб хоҳад бурд.

---

[1] Шиша, зарф.

* * *

Лаби ту оташи тар буд, лабам сӯхт,
Рухи ту субҳи равшан буд, шабам сӯхт.

* * *

Гиряву нолаи инсонии ҳайвон хоҳӣ,
Субҳдам хезу бирав ту ба дари Боғи вуҳуш.

* * *

Чунон сангиндилӣ, к-аз хоки гӯрат
Баҳорон ҳам намерӯяд гиёҳе.

* * *

Духтари симбари субҳ бичид
        аз бағали боғи сипеҳр
Себи хубонии ахтарҳоро,
То ки хони фалакӣ орояд
Шомгаҳ Моҳи ҷаҳонороро.

* * *

Гуфтам, ки маро ту ҳамсафар бош,
Эй обилапо, баҳона кардӣ.
Ман ишқи туро тарона кардам,
Ту дарди маро баҳо накардӣ.

* * *

Шоирӣ чист? Ошиқии мост!
Ошиқӣ чист! Шоирии мост!

* * *

Чу тукма пеши бар биншондам ӯро –
(Надонам аз қазо буд ё зи ман буд) –
Куҷое канда гашту ноаён шуд,
Мани ғофил надонистам чи сон шуд!

* * *

Рӯдҳои мо зари моро ба манзилҳо баранд,
Шеърҳои мо ғами моро ба маҳфилҳо баранд.

* * *

Талха хезад зи ёла то ёла,
Доғ рӯяд зи лола то лола.
Сарнавишти туро чи сон гӯям?
Чашмасон ноламу ниҳон гӯям.

* * *

Чу боронҳои тобистонии мо
Вафои ту бувад камчини камчин.

* * *

Ду чашми ту – ду Лайлӣ
Дар субҳи даштзорон,
Ду чашми ман – ду Маҷнун
Дар шоми интизорон.

* * *

Шаби маҳтоб…
Шаҳри хоб …
Парвози сукути ноб…
Фақат бедор,
Фақат подор Исмоили Сомонӣ,
Чу девори Бухорояш,
Ба ҳифзи ворисони пиру барнояш.

* * *

Аз мурдаҳо кафанро
Ҳаргиз напурсанд,
Аз беватан Ватанро
Ҳаргиз напурсанд.

* * *

Миллат атои ваҳдат аст,
Ваҳдат бақои миллат аст.
Ҳар кас дар ин андеша нест,
Ойинадори кулфат аст.

* * *

Шиори ишкам аст,
(На рӯҳи Одам аст):
«Ватан! Ватан! Ватан!
Ба ман! Ба ман! Ба ман!»

* * *

На дӯзах пур шавад аз мову
на ҷаннат тиҳӣ монад,
Бимон, пур созаму холӣ ҳамин ҷоми насибамро!

* * *

Кишвари моро зимистон ёр нест.
Лек гӯям бо алам:
«Одами барфеш каммиқдор нест!»

* * *

Ҳазорон акси ман як асли ман нест,
Баҳори оғуши ту фасли ман нест.

* * *

Ту магӯ, ки ин надорем,
Ту махон, ки он надорем,
Ки агар хасе набошад,
Бизанад чу марди ношукр
Намакат зи Хоҷамӯъмин.
Омин!

* * *

Ҳуморо устухон «инъом» кардем,
«Саги бечораро бадном кардем.»

* * *

Худоро шукр мегӯям, ки шабҳо
мекунам бепул назора
Миёни осмонҳои Ватан ман ҷилваи моҳу ситора.

* * *

Маро бубахш, эй Худо,
Ки бесариштаам зи шеваи сириштагони ту.
Дили маро рабудаанд аз азал
Фариштагони ту.

* * *

Хӯшаҳоро соғари дастам кунед,
Зери токам бурдаву мастам кунед!

* * *

Мисли Мансур магар субҳ аналҳақ мегуфт,
К-аз гулӯяш шафақи хуни шаҳодат мерехт?!

* * *

Мизи кориам ба вақти кор нолиш мекунад,
Бори ғамҳоям ба пириаш гаронӣ мекунад.

* * *

Аз шохаи райҳон бувад оё қалами ту,
К-аз накҳати райҳонии мактуби ту мастам?!

* * *

Фурӯ рафтам ба хешу гуфтам: – Эй «Ман»,
Бишав ту сарпаноҳам гоҳ-гоҳе.
Бигуфто: – Деҳ ба ман ҳаққи иҷора,
Сипас кун орзуи сарпаноҳе!

* * *

Аз синаи ту, афсӯс,
Ҳарфаи риё баромад,
Тухми сафед бишкаст,
Зоғи сиё баромад.

* * *

Ман «Номаи камол»-и раҳомӯзи хешро
Аз мактаби муҳаббати ёрон гирифтаам.

* * *

Ду дидаи ман – равзана дар пайкари ман,
З-ин равзана бин ҷаҳони хушку тари ман.

* * *

Ишқи ту ҷон асту бар ҷон рафтааст,
Юсуфи гумгашта Канъон рафтааст.

* * *

Бехобӣ аз мо мебарад дур
    Марге, ки хоби бардавом аст,
Бехобӣ инъоми Илоҳист
    Онро, ки роҳаш нотамом аст.

* * *

Чӣ шабҳо буд.
  Чӣ лабҳо буд.
    Чӣ табҳо буд.
Тамошо буд.
  Таманно буд.
    Тасалло буд.
Табассум буд.
  Такаллум буд.
    Тараннум буд,
Алам гум буд.
  Сарам гум буд.
    Дилам гум буд…

* * *

Шарафи зинда чун гули хандон,
Шарафи мурда мисли барги хазон.

* * *

Киштаҳо дар соя бебаргу бар аст,
Лек, эй ҷон,
Сояи шодоби ту гулпарвар аст.

* * *

Зинда медор «Зинда бод!»-и маро,
Бишнавӣ варна ту «Мабод!»-и маро.

* * *

Эй чашма, ҳама ҷӯши туро ях ба куҷо бурд?
Эй дил, ҳама парвози туро ғам ба ҳаво бурд?!

* * *

Модари покии мо субҳдам аст,
Масдари покии мо субҳдам аст.
Ғусл дар шаршараи субҳ кунед,
Кавсари покии мо субҳдам аст.

* * *

Накунад мӯйи сафеди ту сафед
Пеши мардум гунаҳи умри туро.

* * *

Аз қаду басти ту бигзашт баҳор –
Як чаман тозагули ночида.
Акси ту з-ойина гӯяд бо ту:
«Ба куҷо шуд лаби нобӯсида?!»

* * *

Туро дар мисраи худ мекунам пинҳон
Ва пинҳон мекунам ҳар лаҳзаат такрор.

* * *

Ман туро аз «Дӯст дорам!»-ҳои мардум,
дӯсттар дорам,
Эзидам бахшад!
Зи бӯйи нони гандум дӯсттар дорам.

* * *

Мекунад ёди ту бо нола дилам,
Чун Камоле, ки кунад ёди Хуҷанд.

* * *

Дарё наям, ки роҳи маро ту дигар кунӣ,
Шӯри маро рабуда, маро гунгу кар кунӣ.

* * *

Он дареро, ки кушодиву бадар рафтӣ,
Ман натонам то ба рӯзи ҳашр пӯшидан.

## УСТОД АЙНӢ

Дар курсии подори сангинаш
Биншаста бо афкори сангинаш.
Фардои мо дар дӯши ӯ бор аст,
Осон мадон ту бори сангинаш.

* * *

Бигуфтӣ ёри худро: «Дар раҳи ишқ
Туро ҷон додаам, фархундааш дор!»
Агар як рӯз Азроил ояд,
Ки бистонад туро ҷони амонат,
Чӣ мегӯяд варо ёрат, ки дар урф
Гунаҳ бошад амонатро хиёнат?!

* * *

Гуфтамат: «Як назар афкан
ба мани Гулназарат»,
Гули номам ба хазон рафту накардӣ назарам.

* * *

Чашмони ту дидаву ба дил гуфтам:
«Девона, гурез! Маст меояд!»

* * *

Дар зери сипеҳри бемурувват
Чун КУРД дилам макон надорад.

* * *

Ту зи ман дурӣ маандеш,
Ин кори дурандеш нест.

* * *

Эй Зарафшони мани Фалғар, биё!
Зар намехоҳам, ту симинбар биё![1]

* * *

Ман номи худро з-он сабаб
Пинҳон кунам дар байти хеш,
То ҳар гаҳе хонӣ варо,
Бӯсам зи лабҳои тарат.

* * *

Ҳама бигзаранд аз ҳамин рӯдбор,
Ки болои ПУЛ нест ҷойи қарор.

* * *

Зиндагиро кӣ зинда медорад?
Мурдагоне, ки зиндагӣ доранд.
Зиндагиро кӣ мурда медорад?
Зиндагоне, ки бандагӣ доранд!

* * *

Чу бодоме, ки гул кардаст новақт,
Дилат бишкуфта аз ишқ аст, духтар.
Намедонам чӣ меёбӣ аз ин ишқ,
Вале гум мекунӣ тифлӣ, муқаррар.

* * *

Чун бинамат, пӯшам ба меҳр
Ду дидаро бо миҷҷагон,
То оинаи чашми ман
Акси туро дорад ниҳон.

---

[1] Мавлавӣ гуфта: «Гар набошад зар, ту симинбар биё!»

* * *

Зи ту афсонаҳо афсонатар шуд,
Ки шамъи базми мо парвонатар шуд.
Ҷунун омӯхтӣ аз ҷон суханро,
Ки ин девонаҳӯ девонатар шуд[1].

* * *

Кӯчаҳоро номи нав доданду…
лекин куҳна монданд,
Сад китоби нав баромад…
Ҳамчу пешин куҳна монданд.

* * *

Хуршед «Нишони қаҳрамонӣ»-и Сабоҳ аст,
К-онро баҳри Зафар ба зулмот гирифтаст.

* * *

Дуруди ман хазони тирамаҳро,
Кушояд бар гулу бар сабза раҳро.

* * *

Баргаи тақвими як соли мананд
Баргҳои заъфарони рӯйи роҳ.
Гоҳ рақсон мешаванд аз боди субҳ,
Гоҳ ларзон мекашанд аз сина оҳ.

* * *

Борони баҳор ашки шодист,
Борони хазон сиришки дард аст.

* * *

Сингори чанори пир дар манзари сабз,
Ман сӯхтаам дарун-дарун бо сари сабз.

[1] Ин қитъа ба шоираи арҷманд Фарзонаи Хуҷандӣ эҳдо гардидааст.

* * *

Зиндагӣ хаси раҳро
Бесамар набигзорад,
Чойи хушк агар набвад,
Шамма ҳам маза дорад.

* * *

Чун ҷавоне, ки бувад хастаи дард,
Барги рӯсурх хазон афтодаст.

* * *

Сабза он сон ки бувад дар зери барфи нав ниҳон,
Навҷавониам бувад пинҳон таҳи мӯйи сафед.

* * *

Аҷаб борони тӯлонист,
Ки чун ҳиҷрони тӯлонист!

* * *

Сафҳаам холиву ман холӣ…
Раҳи эъҷоз мебояд гирифт,
Варна, эй дил,
Аз туам андоз мебояд гирифт!

* * *

Соати бурҷи шаҳр дар хоб аст,
Шаҳр бедор аст…

* * *

То бубинӣ ҳамаро бо як чашм,
Шарт набвад, ки ту якчашма шавӣ.

* * *

Ҳамхобаи ман бувад дар ин хона китоб,
Бо ман хобад, бо ман бихезад аз хоб.

* * *

Вақти пирӣ сафои умр кам аст,
Дар зимистон шабон чӣ тӯлонист!

* * *

Ту шиква макун зи шом, к-орад саҳарат,
Ин гови сиёҳ медиҳад шири сафед.

* * *

Ҳар гаҳе сухан бигӯйӣ
Бешарори қалби бедор,
Чун шиори «Зинда бод!» аст
Дар тани хароби девор.

* * *

Кӯҳҳо бар сар мисоли ҳоҷиён доранд тоқии сафед,
Ай Худои меҳрубон!
Бахшо барошон рӯзи боқии сафед.

* * *

Дар моҳи раҷаб Раҷаб ба дунё омад,
Сад хоҳишу сад талаб ба дунё омад.
Эй ғусса, ба ҷони ӯ мабар роҳ, ки ӯ
Баҳри сухану тараб ба дунё омад[1].

* * *

Мавҷгирон[2] гарчи чун чатранд рӯйи бомҳо,
Мечакад борони ҳарфи бад даруни хонаҳо.

* * *

Ними номамро ба ту додам, бишуд номи ту Гул,
Ҷуз Назар кардан ба ту моро дигар коре намонд.

---

[1] Ин сатрҳо ба додари шоирам Раҷаби Мусулмониён эҳдо гардидааст.
[2] Мавҷгирон – антеннаҳо.

* * *

Мурғакон рӯйи сим биншаста
Нағзу зебо, чу донаи тасбеҳ.
Дасти боди гузар бигардонад
Ҳар якеро чу донаи тасбеҳ.

* * *

Ҳаргиз набувад вафо дар ин Боғ:
Булбул агараш бирафт аз бар,
Гӯшаш биниҳад ба қар-қари Зоғ.

* * *

Бӯсаро ҳар кӣ чу эъҷози азал сохтааст,
Ҷумларо монда канору зи асал сохтааст.

* * *

СМС-и нигоҳат гарчи дашномам расонид,
Лабам худро зи шодӣ гум намуду бӯсааш хонд.

* * *

Эй кош, ғамам чу мурғи кӯчӣ
Аз дил биравад ба мулки дигар!

* * *

Маҷлиси майнаҳо аҷаб гарм аст
Тӯи толори сабзпӯши чанор.
Ёдам ояд зи маҳфили ёрон –
Шеъру шӯру пиёлаи саршор.

* * *

Тани сӯзону хушбӯйи ту бошад
гулхане аз шохаи райҳон!

* * *

Аҷоиб хислате доранд ҳайвонҳо,
Ки кӯдак мешавем аз дидани онҳо.

* * *

Ин бода бувад зи токи Хайём маро,
Аз чашмаи сабзу поки Хайём маро.
Чун кӯзаи пуршароб аз онам, ки бисохт
Устоди азал зи хоки Хайём маро.[1]

* * *

Барои бахти мо нонро шикастанд,
Магар номусу имонро шикастанд?
Вафову аҳду паймонат куҷо шуд?
Паёми сабзи Қуръонат куҷо шуд?

* * *

Тақлиди оғӯши туст
боғу баҳори Норак,
Ширинӣ аз лаби ту
бигрифт анори Норак.

* * *

Тобистонро ҳабаш тавон гуфт,
Фасли дай аммо чун фарангист.

* * *

Дар шаҳаншоҳии дунё шаҳ намонд –
Бозии шаҳмот охир гуфт: «Мот!»
«Мот!» агар ҳам бар раис буду вазир,
Қисмати шоҳон будишон дар ҳаёт.

* * *

Аз дами нарми зимистон сабза рӯяд аз замин,
Меҳрубонӣ пирии моро ҷавонӣ медиҳад.

---

[1] Ҳаким Умари Хайём гуфта:
Гар хоки маро кӯзагарон кӯза кунанд,
Он кӯза пур аз шароб бошад доим.

* * *

Ҳар давру замон ба худ «камоле» дорад:
Дирӯз дар обҳои мо моҳӣ буд,
Имрӯз фақат шишаи холӣ дорад.

* * *

Аз ҷавонӣ нест ҷонамро гузир,
Ошиқонро дида, ошиқ мешавам.

* * *

Дарахтон мисли ҳамкасбони моанд:
Сафедор арчи бебор аст,
Ба гардун мезанад сар бо ҳазорон худнамоӣ.
Вале зардолуи пурбор
Хамӯш асту надорад фурсате бар худситоӣ…

* * *

Баҳорон бирафт, аз ҷавонӣ намондам асар,
Зимистон гузашту маро монд барфаш ба сар.

* * *

Ҷудо созанд то атфолро аз синаи модар,
Сари пистони ӯро талх медоранд бо филфил
Ва … талхии ҳаёт оғоз мегардад…

* * *

Аҳсант ба холи ҳиндуят, аҳсант!
Ҳиндустонро ҳамоғуши мо кард.

* * *

Эй кишвари пунба! Накашӣ миннати пунба,
Он пунба, ки дар гӯши ману туст, басанда-ст!

* * *

Дар пари бӯсаи ҳавоиям,
Ки ҳавои лабони ширин дошт, бинвиштам:
«Оҳ, талх аст бе ту мурдани ман!»

* * *

Зиндагӣ ҳамчун гилеми куҳна аст,
Сад биафшонӣ, намегардад тамиз.

* * *

Зиндагиам аз маош то ба маош,
Зодрӯзам зи байт то байт аст.

* * *

Чуноне, к-аз тани девори каҳгил каҳ падидор аст,
Зи девори тани ман устухонҳоям намудор аст.

* * *

Ҳарду дасти ту гулӯбанди тилоист,
Ба Худо шиква барам, ки шабаке
Гардановези мани шайдо нест!

* * *

Барф чун мӯсафедони болонишин
Омаду аз сари мижжаам ҷо гирифт.

* * *

Ман, ки дар оламе намегунҷам,
Ману тангии хона? Нанги ту бод!

* * *

Аз паси пардаи зулмонии шаб,
Ҳамчунон навҳаи новақти хурӯс,
Мерасад бонги муаззин бар гӯш.
Лек аз ин ҳамҳама боке набувад зулматро,
Лек то субҳ раҳи мову ту дур аст ҳанӯз.

* * *

Замоне будаам ҳамсояи ток,
Мурувват дидаам аз дояи ток.
Агар аз оби ток акнун ҷудоям,
Маро биншон даме дар сояи ток!

* * *

Оҳане, к-он дар дили хуншори армонҳои мост,
Бештар аз оҳани накшудаи конҳои мост.

* * *

Осмон чун оина ях бастааст,
Мон, ки фарёдам чу сангаш бишканад!

* * *

Бекасу овораву сарсон
Медавад дар кӯчаҳо борон –
Баччагии пойлучи Тоҷикистон!

* * *

Дили ғамкуштаро дигар маҷӯед,
Тани чун риштаро дигар маҷӯед.
Шумо, эй дарду ғам, гумҷӯ набошед,
Мани гумгаштаро дигар маҷӯед!

* * *

То ту ҳастиву нафси вахшии ту,
Ҳоҷатам нест пеши Боғи вуҳуш!

* * *

Беҳуда хурӯс мекунад навҳагарӣ,
Ин шоми сиёҳро набошад саҳаре!

* * *

Хандаи бодомии чашми ту ширин буд,
Гиряҳои талхи тақдири ту талхаш кард.

* * *

Дар сари раҳ,
Бар тиҳигоҳи кафи дасти гадо
Оби борон мечакид,
Аз сари мижгони ман бо ашки хунин
ТОҶИКИСТОН мечакид!

* * *

Дар ин диёр оҳ кашидан чӣ мушкил аст,
Тарсам, ки санги кӯҳ ба фарқам раҳо шавад.

* * *

Ба саҳро рав, ки ин саҳро ғанимат,
Чароғи хандаи гулҳо ғанимат.
Замоне зери пойи сабза монӣ,
Туро ин сабза зери по ғанимат.

* * *

Ман аз адаб зи пушти гадо бигзарам, ки боз
Бечорагии чашми ман
Бар рӯзгори хастаи ӯ соя н-афканад.

* * *

Ливои шафақ бар тори сар,
Хурӯсе ба исрор,
            ба такрор
                        чеғ мезанаду
                                    чеғ мезанад,
Вале гӯши субҳ ҳанӯз меҳрубон нест,
Ҳанӯз ин фиғонро субҳ намедонад чист,
Ҳанӯз баҳри субҳ ин садо бегона-ст…

* * *

Ҳар фард, ки ҷон ба ҷони кишвар монад,
Тоҷи шарафаш замона бар сар монад.

* * *

Ману парвонагиам гарчи ҳама бесамар аст,
Лек дар шӯълаи оғӯши ту мурдан ҳунар аст.

* * *

Ман дар ин бодия аз боди гузар беш наям,
Ин парешонии роҳи ману ин оҳи парешони лабам –
Ҳама аз ин аст!

* * *

Дӯкони осмон кушодааст,
Шоҳии нил-обӣ арзонист.
Аммо, дареғ, чашми харидор аз парвози баланд
уф –
то –
да –
аст!

* * *

Ай Худо!
Ё хирмани шарми маро барбод кун,
Ё аз ин бешармҳо ҷони маро озод кун!

* * *

Эй Ватан!
Аз ту бихоҳам лаби ноне, ки набандад лаби ман!

* * *

Оре, оре,
Ту ҳамон дар ойини ойинаҳоӣ:
Ҳар кӣ бинад орази ту – роғиби туст,
Ҳар кӣ ояд аз дари ту – соҳиби туст!

* * *

Ду оламро агар ҳушёрхона мекунад айём,
Намегунҷад дар он сармастии як мисраи Хайём!

* * *

Забон бикшодаам баҳри «Ватан!» гуфтан,
Чӣ ҳоҷат ғайр аз ин дигар сухан гуфтан.

* * *

Байни ишқу Эзиди мо фарқ ҳаст:
Эзид Одам офарид,
Ишқ Одамро бикард Одамтар.

* * *

Парастиш мекунам боли парасту,
Ки бӯйи навбаҳор афшонду бигзашт.
Навозиш мекунам мавҷи нафасҳош,
Ки аз ҷонам ғубор афшонду бигзашт.

* * *

Бигирам, дар ҷаҳон халъи силоҳ аст,
Вале баҳри камони абрувонат
Ҳамеша будану куштан салоҳ аст.

* * *

Бар лабам осема лабҳои тарашро мениҳад борон,
Таъми тӯса медиҳад борон.

* * *

Баҳор омад, баҳороғӯши ман н-омад,
Хурӯши чашмаи хомӯши ман н-омад.
Ҷавонӣ! Ин чӣ рафтан буд, к-аз сӯе
Садои пойи ту бар гӯши ман н-омад?!

* * *

Аз сиришки талхи ҳасрат
Чашми бодомии ӯ бодоми талх аст.
Бӯсаи ширини ман!
Ҳангома бигзор –
Ҳангом талх аст!

* * *

Қалами камназари қисмати ман,
То ба армони китоби дили ман
«Васл»-ро хат задаву «ҳаҷр» навишт,
Соли мелодии ман ҳиҷрӣ шуд.

* * *

Бо Паямбар, ки Худо гуфт паёмаш ба забони арабӣ,
Нола имрӯз чаро нашнаваду оҳу фиғони арабӣ?!

* * *

Дар замине, ки қабои лоларангаш дар бар аст,
Хониши мурғон чу бонги тир меояд ба гӯш.

* * *

Эй кош, лабам лаби гиребон будӣ,
Бӯсидани гардани ту осон будӣ!

* * *

Ишқи ман «ТАНҲОӢ»-и дилсардро
аз синаи ту мекунад берун.

* * *

Ман бе ту холиам,
Холигӣ андар ҳушу дар оғӯши ман…

* * *

Рафтиву аз шохи баланд
Гунҷишкҳо пурсон шуданд:
«Чӣ?!», «Чӣ?!»
Бимондам беҷавоб,
Шояд ту мегӯйӣ ҷавоб?!

* * *

Зиндагӣ он қадарам беранг аст,
Ки ба хобам ҲАТТО
Хоби рангин натавонам дидан.

* * *

Гар ба як чашм бубинӣ ҳамаро аз сари сидқ,
Ҳамчу хуршед туро сина мунаввар гардад.

* * *

Субҳдам аз «Ойинаи нилгун»
Хандаи ширини ту бӯсидаам,
Гармии лабҳои манат садқа бод!

* * *

Хоҳам, ки тамоми ҳарфҳоро зи луғатҳои ҷаҳон
Ҷамъ орам,
Бигдозаму ду вожаи равшан созам:
«Дӯстат медорам!»

* * *

Гулхан фурӯзон…
Ду шӯъла бо ҳам –
Мисли ману ту –
Печону печон…

* * *

Ту ҳамчун дари бастаӣ,
Ки монда калиди ту андар дарун
Ва ман дар бурун.

* * *

Дар харита
Рӯду дарёҳо малуланд.
Ҷӯш зан, эй дил, ки ғам аз мо гурезад!

* * *

Ончунон ки марди бепо
Пойи «ҳасту нест»-ашро мекунад эҳсос,
Ман мудом аз ишқи «ҳасту нест»-и ту
мешавам равшан.

* * *

Чашмони сиёҳи ту
Ду гулхани ангиштист,
К-аз сарди замона эминам медорад.

* * *

Эй, ки аз дандонаи[1] ман як замонат офариданд,
Ин дам аз як бӯсаи гармат маро меофаринӣ.

[1] Дандона – қабурға

* * *

Аз «Алифбо»-и муҳаббат
Ман фақат ду ҳарф мехоҳам:
«Т» ва «У».

* * *

Ҳамасаройӣ мекунанд
Гунҷишкҳо
Дар пешвози офтоби субҳдам,
Он сон ки мо ҳам мекунем
Дар рӯ ба рӯйи меҳмони муҳтарам.

* * *

Сипоси лаб,
Сипоси таб,
Сипоси шаб,
ки туҳфа кардаӣ маро.
Лаби ту шаккарин,
Таби ту озарин,
Шаби ту беҳтарин,
ки туҳфа кардаӣ маро.

* * *

Ту бигзарӣ зи кӯчаву гулҳои чатри ту
Пар-пар зананд даври сарат мисли гулпарак.
Ту беҳтарин гули маниву кош ин саҳар
Бо ман набуд чатри ту садди раҳи назар.

* * *

Аз бодаи лабат
Ман масти масти масти маст,
Шаббодаи сарҳӯй маст,
Беди канори ҷӯй маст
Як шаҳри ҳою ҳӯй маст.

* * *

Дар чашми тари дарё
Чашмони туро дидам,
Аз шевани амвоҷаш
Ман оҳи ту бишнидам,
ДАРЁИ манӣ, модар!

* * *

Ба дил гуфтам:
«Манол аз дарди танҳоӣ,
Худои яккаву танҳои ту бо туст.»
Бинолиду бигуфто:
«Он Худои яккаву танҳои ман бо кист?!»

* * *

Гуфтӣ, ки: «Ман ойинаам.»
Ойина рӯй дорад,
Ойина пушт дорад,
Ту пушти он ҳастӣ, яқин!

* * *

Як бӯса қарз деҳ
Бо фоизи гарон.
Гардонамат тамом
Умре ба эҳтимом.

* * *

Бо ту ҷаҳонам
Пуррангу бор аст,
Ҳар чор фаслам
Фасли баҳор аст.

* * *

Зимистон асту борони баҳорӣ
Раҳи гулғунчаҳоро мезанад об.

* * *

Саҳар амсоли коғаз пеши
　　чашмам мекунад ҷавлон,
Ман аз шаб мебароям мисли
　　вожа аз сиёҳидон.

* * *

Аз ҳама чизи ҷаҳон чун пахта бо миқдор нест,
Баски вақти реҳлати мо ҷуз кафан даркор нест.

* * *

Ҳазорон Санҷару Чингизу Темур
Пайи симу зари дунё нахуфтанд.
Ҳама он нуқраву тилло куҷо шуд?
Магар боде буду мавҷи ҳаво шуд?
Чаро рӯйи ҷаҳон пур аз тило нест?
Чаро анҷоми зарҷӯйии мо нест?!

* * *

Манам шабгарди ширмаҳтоби оғӯшат,
Манам лабташнаи хезоби оғӯшат.

* * *

Ёри ҳаждаҳсолаӣ ту,
Бодаи садсолаӣ ту.
Дар хазони умри шоир
Навбаҳори лолаӣ ту.

* * *

Замин дар зери муми роҳ зинда-ст,
Дилам бо ғуссаи ҷонкоҳ зинда-ст.

* * *

Аз ҳамон рӯзе, ки дасти модар аз дастам раҳо шуд,
Дарду ғам дасти маро бигрифту бар ман раҳнамо шуд.

* * *

Дар тахтаи сиёҳи фалак кӣ «Саҳар» навишт?
Ҳар кӣ навишт, баҳри мани раҳнигар навишт!

* * *

Ин дили мост корҷойи дард,
Набарорад ба ҷуз матои дард.

* * *

Ҷараси қофилаи умр бувад
«тик-так»-и соат,
Гузари аср бубин ту зи
таки андаки соат.

* * *

Гули пиёда мерасад,
Гули савораам куҷост?
Фалак ситоразор шуд,
Бигӯ, ситораам куҷост?!

* * *

Ду чашми модарам хушкид…
Аҷаб борони тӯлонист…
Мазори модарам гул кард…
Баҳор огоҳи дардам нест…

* * *

Ҳамчунон к-аз рӯйи барф
осон бигардад бенишон нақши қадам,
Рӯйи коғаз ҳам намемонад зи мо
осон яке нақши қалам.

* * *

Ассалом, эй ҳамдилу ҳамсӯҳбату ҳамбастагон,
Ассалом, эй аз сари меҳру вафо пайвастагон,
Ассалом, эй дастатон бунёдгар, ободгар,
Ассалом, эй ақли мо иршодгар, эҷодгар.

Ассалом, эй аз шумо фардои мо пурнуртар,
Ассалом, эй аз шумо шони Ватан манзуртар,
Бар шумо фархунда бодо шавкати ин Анҷуман,
Бар шумо поянда бодо давлати ин Анҷуман!

* * *

Баҳорон расиду зимистон гурехт,
Мабодо, ки дар дил панохаш диҳӣ.

* * *

«Ватан!» гӯй!
Агар нашнавад карнамое туро,
Ватан бишнавад ҳар садои туро!

* * *

«Алифбо» аз алиф оғоз гирад,
Дилам аз ишқи ту парвоз гирад.

* * *

Чун бӯса, ки шириниву дилхоҳи манӣ,
Ман номи туро «Бӯса» ниҳодам, эй гул.

* * *

Боз омад офтоб,
Бо ҳамон таб,
бо ҳамон сӯзи қадим,
Мисли ман гӯё, ки ишқи нотамомаш сӯхтаст.

* * *

Сухан то субҳдам бо ман сухан гуфт,
Ҳама розу ниёзашро ба ман гуфт.
Диламро мисли гулхан шӯълавар кард,
Даме болида-болида «Ватан!» гуфт.

* * *

Бахри гандум, ки зи ҷаннат ҳамагон ронда шудем,
Кайфи ҷаннат бидиҳад луқмаи нони гандум.

* * *

Ману ту –<br>
  Ду қисса.<br>
            Ду бӯса.<br>
                      Ду ғусса.

Ман ту –<br>
  Ду дарё.<br>
            Ду танҳо.<br>
                     Ду фарёд.<br>
Ману ту –<br>
   Шабу рӯз:<br>
            Пур аз таб.<br>
                     Пур аз сӯз.<br>
Ману ту –<br>
   Ду саҳро:<br>
            Ду ташна.<br>
                      Ду тафбод…

* * *

Ин шоириву дафтари мо ҷумла хаёлист,<br>
Дар кӯчаи мо қомати ту мисраи олист!

* * *

Гаҳи аз даҳр рафтан бӯса хоҳам,<br>
Зи лабҳои тари зан бӯса хоҳам.<br>
Ҳар он ки меравад, дигар наояд,<br>
Вале баргардаму ман бӯса хоҳам.

* * *

Имсол баҳори ман фақат хор овард,<br>
Васли ману ту фироқи бисёр овард.

* * *

Чаро марги маро дорӣ талаб ту аз Худои ман,<br>
Ки пеши Ӯ касе ҳаргиз намурдасту нахоҳад мурд?!

* * *

Эй дили ман! Дар кушо, гар мӯниси моӣ:
Ғуссаи ман мехӯрад ғусса зи танҳоӣ.

* * *

Бурдам туро ман аз ёд,
Бурдӣ маро ту аз ёд,
Аммо ману ту мондем
Дар ёди Ёд. Ҳайҳот!
Аз дасти ёд фарёд!

* * *

Бинолам аз раҳи ин роҳпоӣ,
Зи ранҷи фурқату ин ҷонзудоӣ.
Бигуфтӣ: «Аз сафар баҳрат чӣ орам?»
Ҳанӯзам н-омада, орӣ ҷудоӣ.

* * *

То лола наӣ, ба доғии хун нарасӣ,
То нола наӣ, ба ёди гардун нарасӣ.

* * *

Агар шаҳри мардум шабе бечароғ аст,
Чароғе барафрӯз аз ҷоми бода.
Агар ях бубаста ба лаб ҳарфи мардум,
Бигӯ аз табу тоби пайғоми бода.

* * *

Имшаб шаби дарозу бихоҳам ман аз Худо:
Бошад шаби висоли ману ту дарозтар.

* * *

Одамизода шуд сиришта чу хум
Аз гили дарду ғуссаву армон,
То ҳама умр аз майи шодӣ
Пур кунад хешро ба кандани ҷон.

* * *

Ту киштаву ҳосили маро боз бидеҳ,
Мавҷи ману соҳили маро боз бидеҳ.
Ҳаргиз пайи молу ҳоли дунё набудам,
Аз чиз магӯ, дили маро боз бидеҳ.

* * *

Кирми пилла ҳам агар бошӣ, ту шоҳӣ,
Баски аз ту мерасад дебову шоҳӣ.

* * *

Духул аз он ба дилхушӣ
Хурӯшаду садо диҳад ба назду дур,
Ки холие мисоли ӯ
Надорад ин шаҳомату надорад ин ғурур.

* * *

Барф бар мижгони ту биншаста мегардад сиёҳ,
Ташнагиям дар лабат бишкаста мегардад сафед.

* * *

Танҳоӣ он набошад,
к-андар миёни хона
Танҳои зор бошӣ.
Танҳоӣ он ки бошад
Рӯҳи ту зору танҳо,
Гарчи миёни хона
Ҳамроҳи ёр бошӣ.

* * *

Бо фиреби зиндагӣ одат зи тифлӣ кардаам,
Баҳри таскин дояам медод пистони фиреб.

* * *

Саропо ҳам ту мавзуниву ҳам мазмунӣ,
амсоли Сухан, эй Зан,
Саросар ҳам ту раҳмониву ҳам имонӣ,
амсоли Ватан, эй Зан.

* * *

Нагӯйӣ Тоҷикистонро набуду нест
дарёбори ваҳшатзо –
Наҳангонаш «шино» доранд дар хушкиву
мебалъанд
Ба бераҳмӣ ману моро.

* * *

Нагунҷад дар дили бемеҳри ту ишқи мани
дилдодаи саргум,
Чунон, чун дар Душанбе хонаҳо холиву
саргандон бувад мардум.

* * *

Ҳар кӣ ба зоти одамӣ
Таъзим н-орад аз ғурур,
Чун дар сабоҳи зиндагӣ,
Шайтони малъун мешавад.

* * *

Бодахорӣ агарам ҷониби дӯзах бубарад,
Бодаи ноб биёрам, ки барои дурда
Насазад сӯйи ҷаҳаннам рафтан!

* * *

Ҳар қатраи хуни дилам
Зар он қадар анбошта,
К-аз ҷӯяи рагҳои ман
Гӯӣ Зарафшон меравад.

* * *

Дилам аз ғусса мемирад, табассуи кун,
Ба лаб ҳарфе намеояд, такаллум кун.
Зи ман мисли нафас бахтам гурезон аст,
Ба домаш овару дар худ таҷассум кун.

* * *

Зи ман чун буридиву рафтӣ,
Саропойи ман ҳамчу токи бурида
Бигиряд хамӯш…
Бигиряд хамӯш…

* * *

Дар харита мисоли оҳуест
Тоҷикистон миёни кишварҳо.
Ай Худо, доми душманаш баркан!
Ай Худо, тири душманаш бишкан!

* * *

Ҷустам аз ту раҳи тадбир, ҳаволат ба Худо,
На «ҷавон» гуфтаму не «пир», ҳаволат ба Худо.
Ҳамчунон субҳи муниру тани афсурдаи кӯҳ,
Ту ба оғӯш маро гир, ҳаволат ба Худо.

* * *

Ёри ман ҳар гаҳ намоён мешавад,
Маънии нозук хиромон мешавад.

* * *

Зиндагӣ чун луғати тафсирист,
Вожае лек дар он равшан нест.

* * *

Эй кош, ки ман қатраи борон будам,
Бо гармии лабҳои ту меҳмон будам.

* * *

Номеҳрубонии дил
Аз меҳрубон гурезад,
Майли намоз бошад,
Хоб аз азон гурезад.

* * *

Ҳар гаҳе чашми сиёҳатро бубинам,
Мекунад мӯйи сафеди ман сиёҳӣ.
Яъне:
Ман зи нав худро ҷавони ошиқи шайдо бубинам.

* * *

Пиёз аз худ бирӯяд дар баҳорон,
Дилам аз худ бигӯяд дар баҳорон.

* * *

Лола пар-пар шуду доғаш напарид аз дили ман,
Ёр бибриду ғами ӯ набурид аз дили ман.

* * *

Сабзаро бо хору хас пайванд кардам,
Баҳри ту лабноларо лабханд кардам.

* * *

Дасти ту мисли утуи сард аст,
Накунад чини рухамро ҳамвор.

* * *

Аз шафақ рӯйи замин гулгун нашуд,
Ҳайфи «Бӯстон!»[1] Хори мо гулбун нашуд.

* * *

Оби бороии баҳорон накушад гулхани гул,
Бӯсаҳои тари ту тоза кунад оташи дил.

* * *

Чашмаоби Обигарм озода медорад маро,
Оғӯши гарми ту, эй сабзина, мефорад маро.

[1] Асари машҳури Шайх Саъдӣ

* * *

Аз сар ту бипурс: «Мӯсафедӣ чанд аст?»
Аз дил ту бипурс: «Ноумедӣ чанд аст?»

* * *

Дар кӯчаи шаҳр
Борон нагунҷид,
Дар мисраи ман
«Ҳиҷрон» нагунҷид.

* * *

Барф омаду то вақти саҳар барф омад,
Чун мӯйи парешони падар барф омад.

* * *

То Парчами мо болост,
Боло сари тоҷик аст,
То болу парафшон аст,
Болу пари тоҷик аст.

* * *

Ман аз боди баҳоронат шамидам,
Ман аз бонги ҳазоронат шунидам.

* * *

Эй, ки пинҳону аён гавҳари тан бифрӯшӣ,
Тан ватан бошаду медон, ки ватан бифрӯшӣ.

* * *

Бо фахр зи ҷо париданат бехирадист,
Бар чашми парида хас бувад лоиқу бас.

* * *

Шомам кашад агар ба дарозову ғам диҳад,
Ман «субҳ» менависаму дил шод мекунам.

* * *

Баҳрро дар кӯза ҷо карданд,
Кӯза гум шуд дар ҳавои баҳр.

* * *

Мӯйи сафед гӯядам аз покии раҳат,
Чун қулла субҳи ту шабу рӯз аст ҳамраҳат.

* * *

Чашми бемори ту сиҳҳат зи дили ман бибарад,
Ҳар дамам куштаву аз ман аҷали ман бибарад.

* * *

Заъфам бубин, ки қуввати аз
ёди ту рафтан намондааст,
Чуз «Дӯст дорамат» ба лаби ман
гапи гуфтан намондааст.

* * *

Лаби ту чун лаби паймона ба мастӣ бибарад.

* * *

Ман аз он ғамро намедорам қабул,
Ки ба паҳлу ғамгусорам нест, нест.

* * *

Мурғи илҳом инкубаторӣ набошад,
Муштарӣ! Ин мол бозорӣ набошад.

* * *

Шаб зинда дорам,
То шаб ба шеърам
Омӯзад аз сидқ
МАНзиндадорӣ.

* * *

Ҳаммаслаки чашмаӣ, ки ҷӯшӣ ҳама умр,
Аз оташи ту вале нишоне набувад.

* * *

Кӯҳ-Восеъ, офтоб амсоли машъал бар сараш,
Мегурезад хам-хами зову камар манғити шаб.

* * *

Саргаштаи ишқи ту чунонам, ки сазад
Созанд зи санги осиё ҳайкали ман.

* * *

Худ ба худ мастам чу чашми масти ту,
Ғофилон майхора номам додаанд.

* * *

Ишқи Лайлӣ зи азал буд насиби дили ман,
Модарам дер бизоду шарафи Маҷнун шуд.

* * *

Ба ҳар хоре назар кардам,
　　　　варо аз гул хабар кардам,
Гузаштам аз ҳама армону худро
　　　　Гулназар кардам.

* * *

Қомати хамгаштаи пирӣ бинолад раҳ ба раҳ:
«Ҳеҷ боре дар гаронӣ ҳамчунон ожанг нест!»

* * *

Ашки ҳазорсолаи мардум
Оҳиста абр гардаду сӯйи само равад.
З-он ҷо ба номи «қатраи борон»
Бар зиндагии мову ту аз нав фурӯ шавад.

* * *

Бичинам ҳарфи «Не»-ро аз лабонат,
Ки ғайри «Ҳа!» намонад дар забонат.

* * *

Гар ба ҳам ояд лаби ман бо лабат,
Аз ду лаб начвои «Ишқ» ояд ба гӯш.

* * *

Ҳамчунон ки дигаронро гӯр кардӣ дар дилат осон,
Гӯр кардӣ ту маро низ.
Ман намедонам: Дил аст он ё ки қабристон?

* * *

Дар оғуши ту васвасаи мурдан нест,
Дар оташи ту мотами афсурдан нест.
Ман дил ба ту додаам, ки дар мазҳаби ту
Пора шудану бурдану овардан нест.

* * *

То раводидро раво диданд,
Зиндагиро чӣ бевафо диданд!

* * *

Ҷавона зан, тарона зан,
Карона бар, карона зан.
Агар раҳат садо кунад,
Ба ҷуз дари вафо назан,
Ливои худ на бар замин,
Ба қуллаи замона зан…

* * *

Замонаи фасонаҳо нарафтааст,
Ки бо ман аст рӯзу шаб
Фасонаи ду дидаи фасонагӯйи ту.
Баҳона нестам,
вале баҳонаам
Барои ду лаби баҳонаҷӯйи ту.

* * *

Бадам гуфтиву коҳам бод кардӣ,
Аз он шодам, ки бозам ёд кардӣ.

* * *

Роҳи сӯйи хонаат ҳамвору ҳамвор,
Роҳи ишқи ту вале душвору душвор.

* * *

Бо мошини хориҷӣ равад ишқи ту хориҷ,
Дар мулки дилам мошини хуби ватанӣ нест!

* * *

Овози баланди гов
Гӯянд: зи беширист.
Охир, чӣ кунам, ёрон?
Як говаки пастовоз
Дар подаҳаки мо нест!

* * *

Зарра-зарра зар бувад дар хуни ман
Ҳарф-ҳарфи номи ҷонафзои ту.
Соясори беди маҷнунам бувад
Ёди кокулҳои анбарсои ту…

* * *

Бӯсаро гуфтам, ки аз лабҳои ӯ дурӣ маҷӯ,
Масту бехуд гашту дар ҳушёрхона ҷо наёфт.

* * *

Худо танҳост
Ва моро низ танҳо офарида дар мисоли хеш.
Агар ҳар зарраи хоки ҷаҳонро як ба як пурсӣ,
«Ман»-у «Мо» ҳар куҷо танҳост.

* * *

Пастӣ аз ҷоҳи баланд асло нагардад бахраёб:
Нақши пойи маҳнавардон нақши по бошад ҳамон
Дар ҳарими Моҳтоб.

* * *

Сухан гар лаб кушояд, дил тавон гуфт,
Яке дарёи бесоҳил тавон гуфт.

* * *

Бо ҷомаи субҳона равад шаб зи ҷаҳон,
Чун мурда, ки дар гӯр кафанпӯш равад.

* * *

Зиндагӣ дарёву мардум мавҷи об,
Кашмакаш бин, сархӯрӣ бин,
Нола бин.

* * *

Гирди гул мегардаду аз шамъу оташ мерамад
Парвонаи айёми мо.
Лайливу Маҷнун намехонанд, сад шукри Худо,
Дастони ишқи хоми мо.

* * *

Абӯҳафси Сӯғдӣ
Зи оҳуи кӯҳии танҳо сухан гуфт.[1]
Худоро гувоҳ оварам ман,
Ки ӯ қисмати Тоҷикистони ман гуфт.

* * *

Мурғакон ошиқи субҳанд,
Сар ба сар лоиқи субҳанд.
Ҷонам аз мактаби онҳост,
Пайрави мазҳаби онҳост.

---

[1] Ишора ба байти:
Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чи гуна давадо?
Чун надорад ёр, бе ёр чи гуна бувадо?

* * *

Мегузарам зи кӯчаҳо,
Мегузаранд кӯчаҳо,
Мо зи миёни ҳамдигар
Мегузарему меравем,
«Менигарему меравем.»[1]

* * *

Дар рӯзи дурӯғгӯён[2]
Падруди ҳаёт гуфтӣ.
Шояд марги ту дурӯғ аст?
Шояд ту зи мо нарафтӣ?

* * *

Қатра-қатра бар сари ту мечакам,
Борон манам,
Лаб марову ман таби лаб мемакам,
Борон манам.

* * *

Шеъри шоирҳои мо гар об будӣ,
Ду ҷаҳон ғарқида андар об будӣ.

* * *

Субҳи борониву мурғон нағмагар,
Шеъри тар борад маро бар бому дар.

* * *

Шикоят мекунам аз дил,
Ҳикоят мекунам аз дил,
Худамро медиҳам барбод,
Ҳимоят мекунам аз дил.

---

[1] Моли Иқбол аст.
[2] 1 апрел дар назар аст.

* * *

Ман аз гусели ғусса меоям,
Ки аз тавофи бӯса меоям.

* * *

Фасли наврӯзам рафт,
Ёри дилсӯзам рафт.
Офтобе буду биншаст ба ҳангоми саҳар,
Офтобе буду бар ман набаромад дигар.

* * *

Эй хоси интизорон,
Оми туро набинам,
Эй субҳи деркарда,
Шоми туро набинам.

* * *

Дар дили худ мегудозам ман миси «бегонагӣ»-ро,
Тӯҳфа меорам барои ту тилои «ошноӣ»-ро.

* * *

Чун мавҷгири болои бомат
Ман зинда ҳастам бо мавҷи номат.

* * *

Чодари абри сиёро
Он қадар шустанд боронҳо,
К-ӯ мисоли докаи момои пирам
Шуд сафед охир миёни осмонҳо.

* * *

«Лолаҳо дар ёлаҳо» бишкуфтаанд,
Доғҳои синаамро гуфтаанд.

* * *

Ҷудоӣ – теғи Рустам дар дили Сӯҳроб,
Ҷудоӣ – ғуссаи ман дар шаби маҳтоб.

* * *

Бароят шоми шанбеям, гули ман,
Хиёбони Душанбеям, гули ман,
Ту бигзар аз дилу ҷонам, ту бигзар,
Муаттар кун саропоям, муаттар.

* * *

Ман ташнаам, ту ҷӯйи об,
Бехобӣ – аз ман, аз ту – хоб.
Ту сад ҷавобӣ – бе савол,
Ман сад саволам – бе ҷавоб.

* * *

Ду чашми ту – ду Лайлӣ
Дар субҳи даштзорон,
Ду чашми ман – ду Маҷнун
Дар шоми интизорон.

## МӮЪМИНОБОД

Дар ин ҷо ҳар гул аз Чилдухтарон аст,
Яке хоҳар зи хели хоҳарон аст,
Дар ин ҷо рӯдҳо – тори бирешим,
Дар ин ҷо чашмаҳо – Одина Ҳошим.

* * *

Ман иқболи туро хоҳам баландӣ,
Чу қадри шоирон дар ҷашни Наврӯз.

* * *

Наврӯзи бостонӣ,
Бодо, ки шуд ҷаҳонӣ.

* * *

Ёрон! Бари ҳам нишаста Наврӯз кунем,
Шукронаи ин кишвари фирӯз кунем!

* * *

Гунаҳе нест дар ин шаҳр сари бегунаҳон бибридан,
Ту сари зулфи гунаҳгор набур, ки гунаҳ аст.

* * *

Чӣ аҷаб, к-ин Суруди Миллии ман
Пар кушоду ними ҷаҳон бигрифт,
Лек арзу ниёзи ман афсӯс,
Дар ҳамин шаҳр хонае нагрифт.

* * *

Илоҳо!
Шакархо шавад, ҳар касеро забон аст,
Камонча шавад, ҳар куҷое камон аст.

* * *

Зарам нест,
Аммо зи авлоди Золи Зарам!

* * *

Қаламам пайравӣ аз қомати ту карду
Хиромиду рабуд аз дили шаб то ба саҳар хоби маро.

* * *

Тундбод аз баргҳо афшонд гарду чангро,
Лек тундии ту афзуд
Дар дили ойинаи ёдам хароши зангро.

* * *

Ман ошиқи мӯйи дарозам,
Ман толиби умри дарозам,
Ман душмани ҳарфи дарозам!

* * *

Ғуссаро гар талхии шаб менависад,
Бӯсаро ширинии лаб менависад.

* * *

Курсии ман дигар шуд
сад бор бо вазифа,
Ҳайфо! нашуд ҷавонӣ
такрор бо вазифа.

* * *

Эй боли мурғи хонагӣ!
Парвоз рафт аз ёди ту.
Эй ҳарфи хомӯши лабам!
Овоз рафт аз ёди ту.

* * *

Аз ошиқӣ нагӯям,
К-аз ошиқӣ дилам монд.
Чун мурғи кӯчиам рафт,
Хаслона ҳосилам монд.

* * *

Эй додҳо! Фарёдҳо!
Роҳи гулӯ гум кардаед.
Эй бодаҳо дар кӯзаҳо!
Сукри сабӯ гум кардаед.

* * *

Аз кишти хаёлии шумо метарсам,
Аз хирмани холии шумо метарсам.

* * *

Номуси урён меравад
Аз раставу бозорҳо,
Аз нанг пинҳон мешаванд
Гуфторҳо, пиндорҳо.

* * *

Хандаам бигрист – хандонам бубин,
Гиряам хандид – гирёнам бубин.

* * *

Гар сарат бошад (масалхонӣ бас аст!),
Тоҷи Исмоили Сомонӣ бас аст!

* * *

Кам мабин байти камамро –
Олами дар оламамро.

* * *

Ин роҳи висоли ту чу роҳи пулакӣ
Дорад садҳо гузоргоҳи пулакӣ.

* * *

Дигар натавон гуфт сухан беҳтар аз ин:
“Лабҳои ту чун тарбузи лалмӣ ширин!”

* * *

Ба дари биҳишт рафтам
пайи васли ҳуру ғилмон,
“Бираву биёр доллар!” –
Паси дар бигуфт дарбон.

* * *

Хар ҷав хураду хареш пайдо бошад,
Аз хурдани оби ҷав магар хар нашавем?

* * *

Ассалом, эй умри дар ҳафтоди ман,
Сӯзи ман, армони ман, фарёди ман!
Ишқи ман гар пир шуд ҳамроҳи ту,
Навҷавон монд оташи бунёди ман!

* * *

Аз нархи баланду пасти бозорам не,
Аз зӯъми фишори пасту болоям пурс.
Дирӯз гузашту ҳеч дар ёдам нест,
Чунат гӯям: “Зи рӯзи фардоям пурс?!”

* * *

Кони зебоӣ – Душанбе,
Кӯйи барноӣ – Душанбе.
Чорсӯҳояш бигӯянд:
“Шаҳри танҳоӣ – Душанбе!”

* * *

Ман ҳамонам, ки намедонӣ,
Достонам, ки намедонӣ.
Бо ишора роз мегӯям,
Безабонам, ки намедонӣ.

* * *

Ташнагиҳои маро аз оби дарёи Душанбе пурс,
Сӯзи дӯшини маро аз рӯзи фардои Душанбе пурс.

* * *

Чашмони кабуди ту ба ёдам ояд,
Ман чойи кабуд мехурам аз ғами дил.

* * *

Дили ман ба ақли ман хиёнат кард,
Ки ҳусни туро дидаву ибодат кард.

* * *

То ман дидам қомати атласпӯшат,
Бо кинаи чархи атласӣ дил бастам.

* * *

Гушна гар бошӣ, “Ватан!” гӯ.
Сер хоҳӣ шуд.
Буз агар бошӣ, “Ватан!” гӯ.
Шер хоҳӣ шуд.

* * *

Дар ин дунё фақат ду роҳи қудсист:
Ба боло рафтану поин фитодан.

* * *

Дилам гап мезанад, аммо карам ман,
Чу парвозам, ки бе болу парам ман.

* * *

Вомбарги зиндагӣ дир инҳисори бурд нест,
Бохтҳои зиндагӣ дар ихтиёри бурд нест.

* * *

Дар вожаи “Ватан”
Оҳанги эзидист,
Бояд варо шунуфт,
Дар мағзи ҷон нуҳуфт.

* * *

Зан намедонад, ки худ тилло бувад,
Баҳри тилло з-ин сабаб шайдо бувад.

* * *

То “Ватан!” гӯям, забонам хаста нест
В-аз ҳамин оят забонам баста нест.

* * *

Ман солхӯрдааму майи солхӯрдаам,
Ҷӯшидану дамидани ман аз ҷавонӣ аст.

* * *

Занро, ки сар то по дил аст,
Ҳам ҷойи сар ӯро дил аст.

* * *

Ончунон хушкӣ, ки Саҳрои Кабир
Пеши ту шодоб метобад маро.

* * *

Аз тифливу аз наврасиву аз ҷавонимон чӣ монд?
Ин гиряву ин хандаи тифлонаи авлоди мову туст!

* * *

Кӯҳҳо дар пешвози рӯзи нав
Рӯйи каф хуршедро ҳамсони даф боло кунанд,
Ончунон к-андар пазироии меҳмони азиз
Пиру барнои Бадахшон саф ба саф боло кунанд.

* * *

Эй мурғи қафас! Чун қафасият гӯям,
То шому саҳар суруди ту озод аст?!

* * *

Баҳор омад, баҳорогӯши ман н-омад,
Хурӯши чашмаи хомӯши ман н-омад.
Надонам, ин чӣ рафтан буд, к-аз сӯйе
Садои пойи ӯ бар гӯши ман н-омад.

* * *

Аҳсант ба холи ҳиндуят, аҳсант:
Ҳиндустонро ҳамогӯши мо кард.

* * *

Ҳисори Шодмоно! Шодмон зӣ,
Баҳори бехазонӣ, бехазон зӣ.
Чу шеъри ноби Турсунзода умре
Азизи халқ бошу ҷовидон зӣ!

* * *

Ман иқболи туро хоҳам баландӣ,
Чу қадри шоирон дар иди Наврӯз!

* * *

Ёлаи пурлола меойӣ, чӣ хуш,
Аз шарори ту мунаввар мешавам.
Ту хиромон мерасӣ, Варзоби ман,
Аз ҳавои тозаат пур мешавам.

* * *

Шаб гуфт: “Саре бар сари шаббода занем!”
Маҳ гуфт: “Раҳи ошиқи дилдода занем!”
Дил мушт ба синаам заду наҷво кард:
“Ғамбода чу мекушад, биё, бода занем!”

* * *

Айби ман нест, агар зери фалак
Чашмасоре натавонад, ки ба дарё резад,
Ё агар дарёе
Натавонад, ки барад орзуяшро ба дари уқёнус.

* * *

Бад агар бошӣ, бадӣ кун, лек
асло бо Ватан не,
Хор агар бошӣ, бизӣ, аммо
ба хории чаман не.

# БО ДӮСТОН

## ДАР ЭҲТИРОМИ ЛОИҚ –
## ШОИРИ ДӮСТДОШТАНИИ ТОҶИК

Ишқро ошиқ кунед,
То сӯзи ошиқро бидонад,
Шеърро шоир кунед,
То дарди Лоиқро бидонад.

* * *

Барггрезони чанорони Душанбе бар сари ман
бардавом аст,
Дар хаёли дардмандам шеъри ман чун шеъри
Лоиқ нотамом аст.
Кӯчаҳо пиру биноҳо пиру ман пиру ҳар он ки
мебарояд рӯ ба рӯ, пир аст,
Ҳамраҳу ҳамсӯҳбату ҳамдарди ман оҳи гулӯгир аст.
Шохаҳо чун дасти ҷӯгӣ муддаиянду ҳарисанд, –
То ҳанӯзам дар лаби ман барги армоне
парафшон асту сарсабз аст,
Метавонам ройгон бахшид.
Лонаҳои холии тори дарахтон чун кафи талбанда
пурбод аст –
То ҳанӯзам чӯҷаи уммеди ман дар лонаи дил
метапад ширин,
Метавонам ройгон бахшид.
Аз чаманҳо барги гулҳоро рабуда боди яғмоӣ, –
Лолазоре аз қавири синаи ман бо шафақҳо мекунад бозӣ,
Метавонам ройгон бахшид.

Сар ба сар ин шаҳр як чашми гурусна-ст,
Таҳ ба таҳ ин шаҳр як ишкамбаи ҳирс аст.
Сангҳои Тоҷикистонро фурӯ гар афканам бар ин
халои ваҳмангезу балопарвар,
Боз ҳам камбуд хоҳад буд.
Қатра-қатра оби Ҷайҳунро агар ман обрӯ созам,
Доғи бенангӣ натонам шуст аз пироҳани имрӯз.
Бенавоӣ меравад аз кӯчаҳо беқайду бепарво,
Пешпоӣ медиҳад хурду калонро ҳар гаҳу бегоҳ.

Оҳ! Оҳ!
Эй сарвати беинтиҳои Вахшу Хатлону Зарафшону
Бадахшон!
Шарматон оё намеояд?
Шарми ту оё намеояд, ало, эй пахтазори беканори ман,
Аз қабои пораи ман!?
Барфҳои қуллаи Помир! Бояд лолагун гардед
Аз ҳаёи додару ҳамшираи дар мулки ғайр овораи ман!
Шарматон оё намеояд, ало эй кӯшкҳои пуршукӯҳи
бешукӯҳон, к-аз миёни кулбаи бечорагон
сар мекашед имрӯз?
Шарматон оё намеояд, ало ангуштариҳои тило,
аз обилаҳои кафи деҳқон?
Ҳарфи ман аз шарм пинҳон мешавад чун
нолаи ман дар гулӯи ман!
Лоф мекоранд дар ин хоки бобоӣ,
Лоф мерӯяд аз ин кишти ҳавоӣ,
Лоф мепӯшанд дар ин мулки урёни аҳуроӣ.

Бекасӣ сахт аст дар ин олами нокас –
Чеҳраҳо – дарҳои фӯлодин,
Чашмҳо – чун чашмаки бешафқати дарҳо,
Хандаҳо мисли қанорӣ дар қафас пар мезанад беҳол –
Бекасӣ сахт аст дар ин олами нокас.

Баргҳои зери по тақвими ман аз навбаҳорон
то хазонрез аст,

Раҳ ба раҳ ман қисса мегӯям барошон
Аз баҳороне, ки ман бинам, набинам…
Оҳ! Ҳар як зарраи ман ҳамчу хоки теппаҳои шаҳр
муштоқи баҳорон аст!
Дӯш аз ин раҳ бо ҷавониам гузар мекардаму
наврӯзи ман буд тирамоҳи заъфаронӣ,
Ошиқиву ғуссаҳояш тӯшаи бедардии ман буд
дар пайроҳаҳои зиндагонӣ.
Барги сабзи навҷавониам куҷо шуд?
Дар ҳаво шуд, зери по шуд…
Эй ҷавонии шукуфон!
К-аз хаёли пирии ман бигзарӣ озодаву озод,
Ту ҷавонӣ кун дар ин ободи нообод!
Аз ту бояд хубӣ омӯзад бади олам,
Аз ту бояд шарм дорад дунии дунё!
Баргрезони чанорони Душанбе бар сари ман
бардавом аст,
Дар сириштн дардмандам шеъри ман чун
шеъри Лоиқ нотамом аст…

## НАВРӮЗИ БЕ ЛОИҚ

Ба ҳам омад ҷавонӣ бо ҷавона,
Зи барги лола оташ зад забона,
Нагунҷад дар равони ҷӯ тарона,
Зи хомӯшӣ бурун ойӣ ту ё на?

Накӯ афтод фоли мурғи кӯчӣ,
Висол омад ба боли мурғи кӯчӣ,
Биёмӯзад камоли мурғи кӯчӣ:
«Биё, эй ошно, бар ошёна!»

Дареғо, сабза мекорад баҳорон
Ба мӯя дар хазони хоки ёрон,
Биёмез, эй ғами резони борон,
Ба ашки ҳасрати ман дона-дона!

Зи кӯча дӯш бигзаштам хаёлӣ,
Раҳорaҳ сӯзи дил киштам хаёлӣ,
Ду байти хаста бинвиштам хаёлӣ,
Ки аз армони ман бошад нишона.

Сафи кокул ба ҳам печида мерафт,
Лабони ғунча гул хандида мерафт,
Дили бехуд ба худ болида мерафт,
Фақат Лоиқ набуд андар миёна.

Ва сабри хирманамро бод кардам,
Ба гӯши вожаҳо фарёд кардам.
Ғами садсолаамро шод кардам,
Ки осон нест марги шоирона!

Ба ахтар дарди дил гуфтам, нагуфтам,
Ба соғар дарди дил гуфтам, нагуфтам,
Ба дафтар дарди дил гуфтам, нагуфтам,
Ки дар ҷонам бимонад ҷовидона.

## ДАР КӮЧАИ ЛОИҚ

Шабе аз кӯчаи Лоиқ гузар кардам,
Ки шеъраш шоҳроҳе буду
мебурдам ба сӯи субҳ.
Зи обирҳо садое барнамеомад,
Зи оби ҷӯ навое барнамеомад,
Ба сад ҳасрат
Сурудашро ба лаб овардаму
ду дида тар кардам.
Ало, эй шохаҳои бесамар,
бишкуфтан аз ёди шумо рафта,
Ало, эй мурғакони беҳунар,
баргуфтан аз ёди шумо рафта,
Ало, эй бодҳо,
ҳам хостан, ҳам рӯфтан аз ёди шумо рафта,
Ман аз хомӯшии зарди шумо, валло,
ҳазар кардам.

Шарори синаҳо ахтар шуда, бар осмон рафта,
Вафо аз ҷӯйи мардум
ҳамраҳи мавҷи равон рафта,
Шараф дар пардаи шабҳо аёну ноаён рафта,
Мусулмонӣ аз ин шаҳри фарангӣ бо фиғон рафта,
Зи дил оҳе бадар овардаму
гӯши фалакро боз кар кардам.
Нигоҳам медавид аз санг то санге,
Хаёлам мерамид аз нанг то нанге.
Ва дар ин гӯшаи урён
Ба гӯшам мерасид аз олами рӯъё
навои қудсии чанге,
Намедонам чиҳо кардам,
вале бар ғам зафар кардам.
Ман аз шаҳроҳи шеъри шоири ошиқ гузар кардам,
Ба сӯйи бомдоди интизориҳо сафар кардам.
Аё шоми сияҳ!
Бо шӯълаи ҳарфе туро зеру забар кардам,
Ба шохи гул назар барбастаму
ҳар зарраамро Гулназар кардам!

## ПОСУХ

Оҳи ту бод аст, аммо оҳи ошиқ оташ аст,
Ашки ту об аст, лек ашки халоиқ оташ аст.
Офтоби субҳ бину бозтобаш рӯи мавҷ,
Шеъри ту ҳарф аст, эй ҷон, шеъри Лоиқ оташ аст!

## РӮҲИ РАСТА

Ало, эй асри бисту як аҷаб нест,
Ки оғозат бувад анҷоми Лоиқ.
Асри Куҳан ба даъвии садсола лаб кушод:
«Ӯ рози ман шунуфтаву нозам кашидааст,
Ман рози ӯ шунуфтаву нозаш кашидаам.
Чун зодаи ман аст, ба ғайраш намедиҳам,
Ӯ нозиши ман аст, ниёзаш кашидаам».

Асри Нав аз дар омаду нав-нав сухан ниҳод:
«Роҳи ту пир гаштаву ҷое намебарад,
Оғӯши ту ба шоири озода мадфан аст.
Бигзор бо ҷавонии ман навҷавон шавад,
Бигзор аз баҳори дилам гулфишон шавад!»
Шоир, ки буд шоҳиди ин моҷаро, бигуфт:
«Бодо насиби Асри Куҳан ҷисми хастаам,
Бо Асри Нав қиём кунад рӯҳи растаам!»

* * *

Ин булҳавасон зиндаву ошиқ мурда,
Имонхасакон зиндаву содиқ мурда.
Нафрин ба аҷал, ки бо бадон кораш нест,
Ту зиндаву ӯ зиндаву Лоиқ мурда.

* * *

Паймонаи ту ҳазор паймона шикаст,
Афсонаи ту раҳи сад афсона бубаст.
Вайрона магӯ, ки «Хонаи дил» обод,
Бехона магӯ, ки «Хонаи чашм»-ат ҳаст.

* * *

Эй булҳавасон, ба гарди ошиқ нарасед,
Содиқ, ки наед, аз раҳи содиқ нарасед.
Мо даъвии ҳамсарӣ накардему вале,
Валло, ки шумо ба пои Лоиқ нарасед.

* * *

Лоиқ, Лоиқ! Нумӯи миллат боқист,
Мастии ту дар сабӯи миллат боқист.
Аз гӯши гарони нокасон боке нест,
Фарёди ту дар гулӯи миллат боқист!

* * *

Нашъае ҳаст, ки дар хонаи мост,
Шеъри Лоиқ хати паймонаи мост!

## ПАЁМЕ БА ҲАҚНАЗАР ҒОЙИБ

Ҳақназар,
Эй дӯсти аз дӯстӣ як даст болотар!
Ҳар гаҳе дар кӯчаҳои шаҳр гардам, сахт метарсам,
Ҳар гаҳе байте ба лаб орам, дилам дар сина меларзад,
Ин қадар кам мондаем!

Ағбаи Шар-шар зи тундиҳо гузашту меҳрубон аст,
Офтоби хандаҳои ту чаро аз дида пинҳон аст?
Дар анористони ту бо номи ман як бех анор аст,
Интизорӣ дар даруни ман анори пора-пора-ст.

Дар Душанбе марди кӯлобӣ душанбегист,
Дар Душанбе дар сари ҳар як қадам як марди кӯлобист.
Бе ту аммо шаҳри ман холист,
Ончунон ки шаҳри Кӯлоби ту бе армони ту холист.

Ҳақназар,
Эй оғӯши ҷонпарвари Кӯлоб,
Эй навои думбура,
Эй маҳфили гарми фатирии қурутоб!
Хоҷамӯъмин бе намак монад,
агар дар хони ту нону намак нест!

Ними шаб ёди ту омад бар сарам, хобам парешон шуд,
Хастаат дидам, чу Сурхоби ту набзи ман ба афғон шуд.
Мисраи ман бе чароғи ёди ту хира-ст,
Хонаи ман бе ту саҳрост.

Эй найи нолони Румӣ аз найистон,
Эй ғами танҳоии шоир ба хоки Тоҷикистон!
«Ҳар ду оламро ба душман деҳ»
Ва худро кам мадон дар олами камбин.
Ин қадар кам мондаем,
Ҳақназар,
Эй дӯсти аз дӯстӣ як даст болотар!

## ГУЛРУХСОР

1

Ғам махӯр дил, гар зи боғи шаҳри ман,
Кам биёяд чаҳ-чаҳи булбул ба гӯш.
Сози хуш ҳам дар мисоли шеъри нағз
Мешавад тавлид дар ҷойи хамӯш.

Булбулон чун ёди рустозодагон
Мераванд аз шаҳр сӯи деҳаҳо,
То аз он ҷо шоири озодае
Рӯ ниҳад бар сӯи шаҳри интизор,
Ҳамчу оби чашмаҳои кӯҳсор.

Булбулон дар деҳ, ки шоир мешаванд,
Шоирон дар шаҳр булбул мешаванд.
Рӯдакӣ сӯи Бухоро меравад,
Панҷруд бозори булбул мешавад…

2

Чун боди сабо зи шоми зулфат гузарам,
Чун мужда ба даҳр бӯйи зулфат бубарам.
Чашм аз Гули Рухсори ту ҳаргиз наканам,
Охир чӣ тавон кард, ки ман Гулназарам!

3

Гул номи туро надорад, эй Гулрухсор,
Пайғоми туро надорад, эй Гулрухсор.
Ҳар гоҳ ки оҳи сард хезад зи дилат,
Дар Яхчи ту яхча борад, эй Гулрухсор.

4

Аз хеш маро бурун кунад шеъри ғамаш,
Ҳарф аз пайи ҳарф хун кунад шеъри ғамаш.
Гарчи диҳадам доруи дил Гулрухсор[1],
Дарди дили ман фузун кунад шеъри ғамаш.

[1] Гулрухсор аз сафар ҳамеша барои ман доруи дил меорад. (Муаллиф)

5

Аё тӯфони дар ғунча, ҳамеша гулфишон бошӣ,
Зи шӯри ошиқони дилшикаста сад нишон бошӣ.
Ту, ки бо табъи равшан достони мардумон гуфтӣ,
Миёни мардумони дӯстдорат достон бошӣ.

## ПАЁМЕ БА САЙИДАЛӢ МАЪМУР

Дар замоне ки бародар аз бародар мекунад парҳез,
Дар замоне ки суруди дӯстӣ бегона меояд ба гӯши кас,
Ман паёми дӯстият мефиристам
Дар мисоли кафтари роме, ки дар боми ту биншинад,
То ба ҷои дона доғи синаи реши ту барчинад.

Ман дигарҳоро намедонам,
Лек ҳаргиз мисрае чун ту надидам дар садоқат тоқ,
Лек ҳаргиз матлабе чун ту нахондам аз алам саршор.
Қиссаи ту дар китоби ту намеғунҷад,
Мавҷи тӯфонии ту дар чашмаоби ту намеғунҷад.

Бо кушодии дари масҷид туро ман мекунам монанд,
К-остонаш менавозад нарм-нармак раҳгузоронро.
Бо сурури номаи дуре туро ман мекунам монанд,
К-аз дили чашминтизоре мерабояд ранҷи ҳиҷронро.

Дӯш дидам бар сарат мерехт барги тирамаҳ хомӯш,
То ба гӯшам мерасид оҳи ҳазини тирамаҳ хомӯш,
Дар сипеҳре, к-аз паси бороні ашки ту ниҳон буд,
Селаи мурғони кӯчӣ дар фиғон буд,
Балки умри навҷавонии ману ту парфишон буд.

Субҳи равшан медамад аз шоми мӯи мо, чӣ тадбир,
К-ин сафедӣ аз баёзи дафтари мост,
Балки аз сӯзи дарун хокистари мост,
То чӣ бодаш мекунад фардо парешон!

Дар замоне ки суруди дӯстӣ бегона меояд ба гӯши кас,
Ман паёми дӯстият мефиристам
Дар шумори кафтари роме, ки дар боми ту биншинад,
То ба ҷои дона доғи синаи реши ту барчинад…

## КИТОБИ МИЖАҲО

Сайидалӣ, ки по ниҳодаӣ бар остони шаст,
Ғами туву сафедии сари ту шастсола шуд,
Муборакат!
Умеду ҳасрати ту шаст қисмати рисола шуд,
Муборакат!

Чӣ гӯямат, ки худ ту нола-нола гуфтаӣ,
Чӣ хоҳамат, ки қисмати ту бар ману ту чира аст.
Биё, ки бодае кашему наърае занем,
Ки бе ғурури Қутбиеву шӯри Лоиқе
Хаёли кӯчаҳои шаҳр тира аст!

Раҳе, ки меравӣ,
Зи ишқ бартар асту ошиқона аст.
Қасам махӯр, қасам махӯр, ки ҳар чӣ кардаӣ,
Зи сидқ бартар асту содиқона аст.
Худо ҳасад барад ба ин самар,
Фалак фурӯ хамад зи бори ин ҳунар.

Чу шом мерасад,
Ду чашми ман ба даргаҳат, ки кай
Зи ҳиммати чароғи ту суруди рӯшанӣ
шарора мезанад.

Чу субҳ медамад,
Ду чашми ман ба равзанат, ки кай сигори ту
Ғами шаби дарозро
Зи синаи фигори ту канора мезанад.

Ҳар он чӣ рози туст,
Саросиёву сабзаҳои хоки хомушаш
Бигӯяду маро кунад чу лола доғ-доғ.
Агар лаби ту баставу гапе наёварӣ,
Ғами ту чун рафиқи меҳрубон
Биёяду маро кунад суроғ.
Зи дасти ман чӣ мерасад?
Биё, ки мисраи ғами туро зи бар кунам,
Таронаи шаби туро чакомаи саҳар кунам!

Муборакат, муборакат,
К-аз имтиҳони ҷонгудози ғам гузаштаӣ.
Агарки бо қалам ҳама ҳадиси худ навиштаанд,
Ту бо сиришки мижжаҳо китоби худ
навиштаӣ.

## АБДУЛЛОҲИ ДӮСТ

*Ман фақат аз ноилоҷӣ зиндагонӣ мекунам*
*А.Д.*

1

Меравӣ аз кӯчаҳои сард, Абдуллоҳи Дӯст,
Дар рикоби боди танҳогард, Абдуллоҳи Дӯст.
Ҷомаи андӯҳ ба ҷону чомаи андӯҳ ба лаб,
Бесамар ҷӯӣ ба худ ҳамдард, Абдуллоҳи Дӯст.

Мешавад рози ту номи «Тоҷикистон» дар лабат,
Мешавад меҳри ватан тафсири армон дар лабат.
Бо худӣ ё бе худӣ, ту бо ҳамин ғам зиндаӣ,
Мекунад ошӯби пинҳони ту тӯфон дар лабат.

Бо ту дарди ман намоиш мекунад дар кӯчаҳо,
Ғуссаи ман бо ту нолиш мекунад дар кӯчаҳо.
Ҷони муштоқам зи обирҳои бепарвохиром
Лутфи як наззора хоҳиш мекунад дар кӯчаҳо.

Зинда бош, эй наъраи девона дар шаҳри калон!
Эй забони лоли навмедӣ дар ин умри гарон!
Аз канори хомуши ман бигзару хомуш мабош,
Бо фалак пархош кун, пархош ҷойи дигарон!

2

«Тоҷикистон! Тоҷикистон!» – гуфта мурдӣ,
Ҷуз фиғонат посухе нашнуфта мурдӣ.
Мурдиву оташгаҳи ҷонат намурда,
Ғуссаҳои Тоҷикистонат намурда.
Ҷойи ту ман «Тоҷикистон!» гуфта мирам,
Ҷуз фиғонам посухе нашнуфта мирам…

## БА ДӮСТИ ҶАВОНМАРГАМ ҶУМЪАБОЙИ ДӮСТ

1

Ҳама донанд ту куҷо рафтӣ,
Ҳама донанд ту чаро рафтӣ,
Касе аммо наёрад гуфт: ба куҷо?
Касе аммо натонад гуфт, ки чаро?

Ба зиёрати модар камар бастӣ
Ва аз он ҷо барнагаштӣ,
Ҳамчунон ки модарат низ
Ба диданат рафту роҳи бозгашт гум кард.
Аз туву модарат ду теппа боқист,
Байни теппаҳои бешумори қабристон.

Ин ҳама дидаму бовварам н-омад.
Ки ҳосили зиндагӣ бувад ночиз,
Шояд он ки хоки ту кард болотар
Хоки деҳаро як ваҷаб охир,
Мукофот аст?!

Хонаву модари ту танҳо буд,
Дар он ҷое, ки хуни нофат рехт.
Солҳо дар пойтахти тоҷикон
Дар ба дар будиву бесомон,
Манзили нав кунун муборак бод,
Эй тоҷики бехона!

Ту дар ин хона наӣ иҷоранишин,
Ҳам ғами иҷорапулет набувад.
Шеърҳои нотамоматро тамомӣ бахш,
Ки чун лола ғарқи хун рӯяд
Дар сари гӯри хоксори ту.
Бисёр хондаам чунин шеърҳоро,
Ҳам рӯзе чунин шеър хоҳам гуфт…

Ҳар саҳар, ки ба коргаҳ оям,
Ҷазбае мекашад дасти маро
Сӯи тилфонат.
Гӯиё ту тавонӣ бишкастан
Хомӯшии гарони миёни моро.

2

Гар ҷавонӣ ноҷавонӣ карду афганд
Бори ҳастии варо дар нимаи роҳ,
Шеъри ӯ дар шонаи тифлонаи нозук
Бурд рахти умри хуншори варо
то қуллаи панҷоҳ…

# ТАРҶУМАҲОИ НАВ

## Николай Гумилёв
## (1888-1921)

* * *

Шаби орому ман танҳои танҳо,
Фақат ёди шумо дорам ба дунё.

Кушоям дафтару бинам шуморо,
Чӣ гӯям ин дили масти ҳаворо?

Ба болин сар ниҳам, н-ояд қарорам,
Гурезад хоби чашми интизорам.

Равам ман ҷониби тиреза дилхун,
Назар дӯзам ба боғу моҳи гардун.

Ана, он бутта рози мо шунуфта,
Саропо аз баҳори мо шукуфта.

Вале андешае сабрам рабуда,
Ки ёре чун шумо ҳаргиз набуда.

Ва шаҳди бӯсаи пойи шақоиқ
Буда руъёи наврӯзии ошиқ.

* * *

Нафаси мурғи шодиям биншаст
Бар сари китфи пурғубору нажанд,
Дигарам бо касе на савдоест,
На туро хоҳаму на бахти баланд.

Фақатам ҳаст шавқи оромӣ,
Шавқи осудагии тиллоӣ.
Дар дили баҳри бекарон хоҳам
Тани беҷону қалби савдоӣ.

Чӣ кунам? Дар канори беташвиш
Шоядам зиндагӣ гуворо буд,
Аз раҳи умр агар гузора будам
Ҳамчунон ошиқе нахонда суруд?

* * *

Духтар ба ду чашми оҳувона
Дил баста ба марди амрикоӣ.
Колумб, туро чӣ суд буда
Аз ранҷу ғами заминкушоӣ?

* * *

Дар нигоҳи соддаи ман соддааст
Тоҷи шоҳаншоҳу анбони гадо.
Ман бидуни ғусса мегирам ба даст
Халтаи бечорагию нангро.

Меравам аз роҳи дури буттазор,
Сӯйи боғи бедару бебоғбон,
То сари раҳ арчаи пурхору хас
Шодӣ афзояд маро чун меҳрубон.

Латта бошад бистару болини ман,
Шаҳ манам айёми хоби беғамӣ.
Лек бинанд одамон оворае
Бо рухе зарду ду чашми пурнаме.

Нек медонам: диламро бурдааст
Тоҷи шоҳаншоҳу анбони гадо.
Эҳ! Агар тоҷам диҳад дасти қазо,
Хоб бинам, хоб зиндони бало!

* * *

Гузарон буд шаби тиллоиву лек
Нафасе дар раҳи худ бозистод,
Майли ӯ буд, ки чун ғамхора
Номаҳои туам орад бар ёд,

Номаҳое, ки маро нанвиштӣ…
Барнишаста Шаби ман дар бари ман,
Гуфт: «Дар хомушии пурасрор
Хуш бувад орзуе парвардан!

Ёри ту лутф надорад, оре,
Шавқи дидори ту бегонаи ӯст.
Ошиқам бош, ки ман пурнурам,
Рӯям аз рӯз сафед асту накӯст.

Дар сукути ману дар оғуши ман
Бишкуфат растаи садбарги сиё.
Чун пари сӯхтаи парвона
Бупарад оташи нилӣ ба ҳаво.

Нигаҳи ту ҳама оташбор аст,
Ҳар гаҳе ёд кунӣ ёри куҳан.
Зери зин аст барои ту мудом
Аспи оташнафаси зотии ман.»

Шаби ман! Раҳми мани шайдо кун,
Бе ту ҳам қисмати ман осон нест.
Агарам зӯру тавон буд, магар
Ман намерафтам аз ӯ ҷойи дигар?

Гарчи ҷонам зи ғами ӯст хароб,
Ту маҷӯ аз мани дилхаста ҷавоб.
Ман нагуфтам, ки: «Туро дилдорам!»
Ӯ нагуфтаст: «Туро безорам!»

## ПАЙРАВӢ АЗ ШЕЪРИ ФОРСӢ

Суханҳои ту чун овози булбул,
Суханҳои ту чун сӯ-сӯи марҷон.
Вале монанди ҳайвонҳои вахшӣ
Суханҳои маро шох асту дандон,
Адоям ман, адои ту, париҷон.

Гули рӯи ту, эй садбарги Шероз,
Баҳори рӯзгорамро табаҳ кард,
Тилои мӯи афшонат ба як бор
Ҳама нақдинаамро хоки раҳ кард,
Гадоям ман, гадои ту, париҷон.

Чу подоши гароне то бубинам
Даме фирӯзаи дилхоҳи чашмат,
Нарафтам аз дари кӯят ба ҷое,
Набастам чашми худ аз роҳи чашмат,
Ду чашмам косаи хун, эй париҷон.

Намеоӣ бурун аз манзили хеш,
Намеоям бурун ман аз харобот.
Зи домонат наметонам гирифтан,
Бигирам дасти теғе чун мукофот,
Илоҷам нест акнун, эй париҷон.

Агар меҳр асту Яздони ягона,
Ту меоӣ маро бар остона.

* * *

Дар дили пурдарди шабҳо,
Дар сукути оҳу шеван
Рахшадам чашмони зебо,
Чашми ёри қудсии ман.

Баҳри он чашмони соҳир
Ман бубахшам шодмона
Синаи хуншору афгор,
Ҷони зори бенишона.

Баҳри он чашмони соҳир
Меравам то гӯр бебок,
То шиносам бахти худро
Дар дили афсурдаи хок.

Чашмҳо, чашмони соҳир
Бингарад сӯям ғамангез,
Мӯ ба мӯ дард асту ғусса,
Сар ба сар шоми шарархез.

Суди уммедам намонда,
Метапад дил ройгонам,
Метавон ғамро нишонам,
Пеши ишқам нотавонам.

Меравад айёми беғам,
Меравад озоду осон.
Дар дилам сармои баҳман,
Бар сарам гармои ҳирмон.

* * *

Гар бубинӣ маро, ту нашносӣ,
Накунад номи ман туро ҳушёр.
Бе ту як бор ҳамнишин будаам,
Дастбӯси ту будаам як бор.

Ба Худо, ёри ман шавӣ рӯзе,
Гарчи бо дигаре ҳавас дорӣ,
Гарчи дар рӯзгори бетадбир
Аз манат дурии абас дорӣ.

* * *

Маҳ мебарояд дар шоми ором
Чун ошиқони хушбахту хушком.
По мениҳад бод бо мавҷи ларзон,
Мехезад аз кӯл оҳанги ҳассон.

Ваҳ! Беназир аст васли ду ҳамзод,
Фазли илоҳист васли ду озод.
Дардо, ки одам бо ҳам наояд,
Гар мебиёяд, кам мебиёяд…

* * *

Кадом оҳанг ҷонамро ба шӯр овард?
Кадом андом чашмамро ба нур овард?

Дилам сарду вале як лутфу эҳсонат
Бикард эҳё маро дар роҳи паймонат.

Дилам ҳадде надорад чун уфуқ дар субҳ,
Навозиш кун ғамамро чун гуле ҳар субҳ.

Диламро, ки бувад парвардаи маъбад,
Ба пойи ту гузорам аз раҳи ҳиммат.

Ҳар он чӣ ҳасту буд дар қисмати зорам,
Барои ту, ба номи ту фақат дорам!

## ТАРОНА

Фақат ту мисли гул хандону атрафшон,
Фақат ту,
Фақат ту мисли маҳ озодаву рахшон,
Фақат ту.
Муқаддам мешавад чизе, ки бардорӣ
Ба дастат,
Муборак мешавад чизе, ки бигзорӣ
Зи дастат.
Магар фарде намонад меҳнату тардид
Карона,
Ки аз дунболи ту бошад ба сад уммед
Равона?
Магар фарде наҷӯяд некии кайҳон
Ба чашмат?
Ва ё мавҷи сафеди баҳри бепоён
Ба дастат?
Набуда қаҳтии марду зани оқил
Ба олам,
Вале дидам нишони ормони дил
Фақат ман.

* * *

Ман қасам мехӯрам ба он маъбад,
Ки назаргоҳи мо саҳаргаҳ буд.
Дар паноҳаш фариштаи омин
Аз никоҳи ману ту огаҳ буд.

Ман қасам мехӯрам ба он хобе,
Ки шабонаш ба хоб мебинам,
Ман қасам мехӯрам ба он дарде,
Ки чу нораш ба сина бигзинам.

Ман қасам мехурам ба он даште –
Куҳсораш бувад чу пистонат
Ва шафақ дар фарози гардунҳо
Ҳамчу лаъли лабони сӯзонат…

## ТАСАЛЛО

Он кас, ки даруни гӯр хоб аст,
Маст аст зи сози тар ҳамеша,
Аз накҳати савсани шукуфта
Дорад дили баҳравар ҳамеша.

Он кас, ки даруни гӯр хоб аст,
Бинад рухи субҳгоҳи қудсӣ,
Бинад хаму печи барфи афшон
Чун боли фариштаҳои қудсӣ.

Оре, ту намониву бимирӣ,
Гармӣ биравад зи ҷисму ҷонат,
Ҳолӣ ту хабар надорӣ, эй дӯст,
Аз хулди барини бехазонат.

Савганд ба номи беғуборат,
К-ин гуфта яқину бонишон аст:
Оллоҳ намози ман пазирад,
Ҷойи ту биҳишти ҷовидон аст.

## ДУХТАРОН

Духтаронро рупия хуш омада,
Баски дорад сурати мурғи ҳумо.
Мераванд аз пушту мардони фаранг,
Волидонро монда дар доми ҷафо.

## МУҲАББАТ

Ёд дорам, ки дар фазои хазон
Пораи абр буд чу пораи мис.
Гуфтиям, ки: «дар ин ҷаҳон хуштар
Мурдану орамиданам беҳис.»

«Ҳақ наӣ, – гуфтамат, – ҳар он чӣ буд,
Бигзарад то саҳар чу хоби гарон.
Ту биё, бар Худо намоз кунем,
Ки шаби мо саҳар шавад осон.»

«Эй худо! Эй Худо! – яке гуфтӣ, –
Шаби моро ба рӯз бар, зинҳор.»
Ногаҳат боз бар забон омад:
«Не, Худо ҳам дигар бувад ночор!»

* * *

Сияҳбеде сияҳ метофт аз дур
Ва мурғе нола мекард аз баландӣ.
Ба дашти сабзи гардунҳо саҳобе
Чаро мекард мисли гӯсфанде.
Ту бо чашми ризову қалби моил
Бигуфтӣ: «Додаам ман дил шуморо.»
Ғурубе пеши роҳаш дошт хуршед
Ва сабза ҳамчу баҳре буд моро.
Лабат гармии тобистон ниҳон дошт,
Рухат ранги гули ваҳшӣ аён дошт.
Зи фазлу шаҳмати нури илоҳӣ
Хами мӯйи биринҷат сад ҷаҳон дошт.
Ту будӣ дар хаёли соддаи ман
Замини шавқпарварди ягона,
Макони розу эҳсосу фасона,
Диёри бодаву шеъру тарона.

* * *

Пештар аз шаби кӯтоҳи шимол,
Ки шафақ оварад аз дунболаш,
Ишқ оҳиставу бе ҳарфу сухан
Омаду кард маро помолаш.

Бе нигоҳу нафаси таболуд
Оташе бар сари зорам бифишонд.
Баъд рафт аз раҳи гулҳои сафед
Дар дили ойинаи оби равон.

Бо кӣ ман машварати ҳол кунам,
Ки расам зинда ба даргоҳи хазон?
Ки насӯзад дили нокоми маро
Гармии дӯзахии тобистон?

Монад андӯҳу ғами ман таги барф,
Дилкашолим намонад ба ҷаҳон.
Аз дили Баҳри Сиёҳам хонад
Сӯйи хилватгаҳи худ мавҷи дамон.

Бо алам нола кунам аз паси Ишқ:
«Ту биё, сӯи фалак роҳ кашем.
З-ин сафар ҳеҷ кас огаҳ нашавад,
Корвон бе ҷараси оҳ кашем!»

Ишқ донам, ки ризо хоҳад буд,
Фақат аз гармӣ раҳо бояд буд,
То раҳи мунтахаби хулди барин
Зудтар пур шавад аз барфи маҳин.

* * *

Худоё, охирам ҷурме ба сар нест,
На марди порсоям ман, на раҳзан.
Чаро боре намебинам ба чашмат?
Чаро суде наорад бовари ман?

Бидонам, ки ба саҳро хӯ накардам,
Ҷавонам, масти шодию тарона.
Аз ин рӯ афканӣ бе ҳеҷ тардид
Дили зори маро Ту бар карона.

## ХОБ

Шумо бисёр хубу дилрабоед,
Магар рӯи хуше дидед дар хоб?
– Бидидам соҳилу гулбед
Ба зери партави маҳтоб.

Дигар чӣ? Дар шаби ором бе ишқ
Магар ҷӯянд хилватгоҳи бекас?
– Ва Диздемонаро дидам,
Бидидам хешро вопас.

Шумо, ки носабуреду мушавваш,
Кӣ буд дар паҳлуи гулбеди танҳо?
– Отелло буд дар хилват,
Ҷавони дилбару зебо.

Ба сони нури маҳ ӯ буд нозук?
Ва ҳардуи шуморо буд лоиқ?
– Бале, буд афсаре нотарс,
Бале, буд шоире ошиқ!

Суруди ӯ киро афсона мекард?
Ҷамоли кӣ варо девона мекард?
– Сурудаш васфи саҳро буд,
Суруди орзуҳо буд.

Шумо бо меҳру шавқи ошиқона
Сурудашро гуҳар кардед дар гӯш?
– Диздемона бишуд мафтун,
Валекин ман будам хомӯш.

## САЁҲАТ

Гузаштем аз раҳи гулгашти равшан,
Бихӯрдем оби ширин аз лаби ҷӯ.
Равон буд баргҳо мисли шарора
Миёни мавҷҳои пуртаби ҷӯ.

Ҳама пиндору уммеди дилашро
Маро бикшод духтар бо садоқат.
Аҷаб зебо буду пур аз фасона
Барояш олами дури муҳаббат.

Ба ман мегуфт: «Ишқ озод буда
Ва бо ишқ одамӣ ҳам буда озод.
Фақат он дил шарафманд асту некӯ,
Ки надҳад ишқро беҳуда барбод.»

Ба чашмони базебаш дида бастам,
Ду рӯяш дар варои навниҳолон
Ба ранги моҳи нав метофт дилҷӯ,
Ба сони барги гул метофт ҳассон.

Бигуфтам: оташи қисмат бувад ишқ,
Чунон к-оташ биафтад байни ҷангал,
Чаро ки бе сухан ҳам, ҷони ширин,
Бишуд кори дили бечораам ҳал.

# АЗ «ДАФТАРИ ХУСРАВОНӢ»

* * *

Кӯчаи беишқ
Ҳамчу рӯзҳои зимистон якранг аст,
Хаста мекунад касро,
Касро мекунад дилгир.

Нигаҳе ошиқона агар кунад парвоз,
Чун парасту дар ин муҳити бетаҳрик,
Баҳор меояд.

Ҳарфе ошиқона аз лабе агар фурӯ резад,
Ҳамчу шабнам зи барги лолаи тар,
Баҳор меояд.

Диле ошиқона агар ба тапиш оғозад,
Мисли чашма дар инҳисори ях,
Баҳор меояд.

Баҳор меояд…
Оҳ, ин баҳор чӣ нопайдост!

* * *

Ман ин шеърро ҳанӯз нагуфтаам,
Дӯсташ дорам,
Ки сурати туро дорад.
Мисраъҳо мелаҳои мушкбори туянд,
Ки печ дар печу хам дар хам
Печидаанд ба даври гардани ман,

Баъд аз ин таноби доре маро нахоҳад кушт,
Баъд аз ин гардани ман хам нахоҳад хӯрд.

Ҳарфҳо ҳарфҳои туанд,
Ки бо лабони туам сухан гӯянд.
Гӯши ман аз садои ту пур аст,
Ҳуши ман аз навои ту саршор.
Рӯйи ту рӯ ба рӯ падид ояд
Аз сафои вожаҳои субҳандуд.
Дар ҷаҳонам дигар сиёҳрӯе нест,
Дар луғоти ҳастиам «шаб» ба «саҳар»
мешавад табдил.

Ман аз тапиши баланду пасти ҳиҷо
Бонги поҳои туро бишнавам равшан.
Ман нидо дардиҳам: «Дуруд, эй васл!
В-эй ғами фироқи ман, падруд!»

Дар ҷӯяҳои сатри ман ба туғён аст
Номи ту ҳамчу чашмаоби булӯр.
Номи ту гираму суроғ кунам,
Номи ман гириву суроғ кунӣ.
То суроғ ҳаст, нест танҳоӣ,
Ташнагӣ нест, то саробе ҳаст.

Ман ин шеърро ҳанӯз нагуфтаам,
Аммо
Ҳамеша дар шарёни ман ҷорист.

* * *

Дар баҳорон ҳама зебост,
Лек «гул»-ро
канори «хазон»
наметавон
биншонд…
Ту ҳамеша баҳорӣ –

Пур аз шукуфтан,
Пур аз тароват,
Пур аз рӯшанӣ
Ва…
Пур аз борон.

Ман ба боронҳои ту чи сон наандешам?
Ту сиёҳии сафопарвари чашмҳоятро куҷо бубарӣ?
Нози баргаштаи мижаҳоятро куҷо бубарӣ?
Рози меҳрубонии нигоҳатро куҷо бубарӣ?
Накҳати садбарги чеҳраатро куҷо бубарӣ?
Ман ба боронҳои ту чи сон наандешам?

Ғуссаи дилро,
Номадоғҳои дилро
Оби борон наметавонад шуст,
Оби борон наметавонад бурд…

Эй ҳамеша баҳор,
Ман ба боронҳои ту чи сон наандешам?!

* * *

Соати хонаи ман аз кор мондааст,
Вақти ман дар ихтиёри соат нест.
Ҳар гаҳе ки дилам ба тапиш омезад,
Зарраҳои танам ба сӯз хӯ гирад.
Ба худ гӯям, ки «Вақти ман омад!»
Марҳабо, вақти ман,
Ба сарвақти ман расидаӣ?
Хуш бош!
Лек мехӯрам ғами дидагони хеш,
Ки офтоби Ватанро нахоҳад дид.
Мекашам ҳасрати гӯшҳои хеш,
Ки набзи таронаи Ватанро нахоҳад шунид.
Ҳайфи мастурии муҳаббати ман,
Ки урёнии шавқи ёр нахоҳад шинохт.

Ҳайф аз тори нозуки дилам,
Ки хаёли ёри рафта нахоҳад навохт.
Ҳайф мегӯям, ҳайф зи ҳайфҳои ман,
Ки ҳайфи касеро намекунад бедор.
Ҳайф мегӯяму зи хешам ояд ҳайф,
Ки манам бемор,
Ки манам афгор.
Соати хонаи ман аз кор мондааст,
Соати ман – дардҳои ман аст!

* * *

Дар арӯз вазне нест,
    ки ҳусни туро баркашам.
Ва
Шояд ҳусн бевазнист?
Ва
Шояд гаронии мо зи зиштии мост?
Кайҳоннавардон низ
Чун ба камоли иртифоъ бирасанд,
Бевазнанд.

Ту саропо луғати тафсирии ҳуснӣ:
Абрувонат – суруди шабҳангом,
Чашмҳоят – оташгаҳи Навбаҳори бемаргӣ,
Гунаҳоят – орзуи сафедии умр,
Лабҳоят – ормони шаҳдбори дил,
Ҳастиат – ҷаҳони ман.

Дар забонат ҷаҳаннами «Хомӯш!»
Дар нигоҳат биҳишти сад «Оғӯш!»

* * *

Гуфтӣ, ки дар оғӯши ман бихоҳӣ шукуфт,
Лек аз нафаси гарми ту ҳама сӯхтам,
Шояд дар мазҳаби ишқ сӯхтан шукуфтан аст?!

* * *

Гуфта будам, ки дигар
Шеъри сафед нахоҳам гуфт,
Ки лоҷарам пеши рӯйи ту рӯсиёҳ хоҳад буд.

Эй Сапеда,
Вожаи «сафед» чун ту сафед нест.
Бе ту ман чӣ кор мекардам
Дар инҳисори зулмот?
Дар зулмоте, ки Оби Ҳаёташ нест?
Дар зулмоте, ки Хизр ҳам мезанад раҳгум?
Эй Сапеда,
Бе ту ишқ сафед нест,
Бе ту орзу сафед нест,
Бе ту ҳатто
Марг сафед нест.
Номи туро мисли бисмиллоҳ
Чун бар забон орам,
Сиёҳӣ мегурезад аз вуҷуди ман.
З-ин рӯ
Сафед аст шеърҳои ман.

* * *

Сафҳаҳои ман
Чун миодгоҳи ошиқон пур аз интизорист,
Ҳарфҳои ман
Чашмҳои интизор аст.
Ту агар гӯш фаро биниҳӣ,
Номи ту чун сапеда медамад зи сафҳаи ман.
Шеъри ман аз он зи бӯса шодоб аст,
Ки мисли чашмаву сабзаҳои домонаш –
Ман туро палмосида-палмосида,
Ман туро бӯйида-бӯйида,
Ман туро бӯсида-бӯсида,
Ба тарона мешавам табдил!
Ҳайфи ман бод,
Агар чу бӯса ширин нест ҳарфи ман.

Ҳайфи ман бод,
Агар халои интизорро
Бо хаёли ту намекунам саршор.

* * *

Агар ишқ намебуд,
Чашми ту меофарид онро.
Агар бӯса намебуд,
Лаби ту меофарид онро.
Агар марг намебуд,
Ҳаҷри ту меофарид онро.

## ШЕЪРЕ, КИ 22 ДЕКАБР – ДАР РӮЗИ КӮТОҲТАРИНИ СОЛ НАВИШТА ШУДА

Эй умри ту кӯтоҳ!
Мон, ки аз бевафоии дунёи ту навҳа кунам,
Чу модарам ба марги бародари ҷавонмаргам.

Ту маро ба ёд меорӣ,
Навхатони хазондидаи раҳи Олмон,
(Ки бигӯянд «беҳуда буда» имрӯз).
Менамоӣ ба чашми намкашидаи ман
Сурати навпарони ҷонфидои Афғонистон,
(Ки бигӯянд «беҳуда буда» имрӯз).

Тобути ту ба дӯши хеш мебарам,
Чу ғунчаҳои хунинкафани Душанбешаҳр,
(Ки бигӯянд «беҳуда буда» имрӯз).

Оҳ, марги бармаҳал беҳудаст!
Ва ношикебоии ту ҳам надорад суд!

Мон, ки сабзинаи чашмони осмонатро
Дар сабзиши маҳини мисраъ бигунҷонам,
Мон, ки гармии офтоби ҷонфазоятро
Дар тапиши гарми ҳарфҳо макон бахшам,

Мон, ки танини мурғакони тангёбатро
Бо сарири хома даромезам,
То ҷавонии ту дар хусравонии ман
Ҷовидон монад.

Варна наметавонад буд,
Ки ҳар шитобзада бенишон монад
Ва рӯзи фардо бигӯяд ҳар бедард,
Ки қиёмаш беҳуда буда, афсӯс.

* * *

Ин шаб
Обастани субҳ нест.
Изтироби ман,
Азоби ман,
Табу тоби ман
Субҳро намекунад эҷод.
Субҳ дар пушти мижаҳои ту хоб аст,
Субҳ дар он сӯйи хандаҳои туст.
Ту чаро саропо ғурубӣ,
Эй тулӯи ман?
Вожаҳо вожун,
Нолаҳо лоланд,
Дар андарунам Шайх мезанад фарёд:
«Ту биё, к-аз аввали шаб дари субҳ боз бошад!»[1]

* * *

Ту гуфтӣ:
«Ишқи моро дубайтӣ кун».
Оваҳ! Оваҳ!
Дубайтӣ кӯтоҳ аст.
Ман аз додор мехоҳам,
Ки ишқи моро ато бифармояд
Умре ба дарозои Хамса
Ва ё ки Ҳафт Авранг.

---

[1] Мисраъ аз Саъдист.

* * *

Роҳи Абрешим
Роҳи миёни Ману Ӯст.
Тиҷорати мо
Нигоҳ бо нигоҳ асту
                    оҳ бо оҳ аст,
Дард бо дард асту
                    сӯз бо сӯз аст.

Корвони васли Ман меравад ба сӯйи Ӯ,
Корвони ҳаҷри Ӯ мебиёяд ба кӯйи Ман.
Ҳуллаи хоҳиш мефиристам барои Ӯ,
Шоҳии хомӯшӣ мефиристад барои Ман.
Анори ғуссаҳоям пора-пора мерасад бар Ӯ,
Тағофулаш хора-хора мерасад бар Ман.
Абрешими ишқи Маро кӣ харидор аст?
Абрешими дили Ӯро кӣ талабгор аст?
Роҳи Абрешим,
Роҳи Абрешим,
Мисраи ҷонгудози ҷудоии ман…

* * *

Атри субҳи Ватан мерасад зи оғӯшат –
Ман аз ғарибӣ сахт метарсам.
Чӣ ҳаст дар ин диёр, ки нест дар саропоят?
Чӣ гуле?
Чӣ ниҳоле?
Чӣ чашмае?
Коне?
Чӣ ҳаст дар ин диёр, ки нест дар саропоят? –
Ман аз ғарибӣ сахт метарсам.
Ҳама Қонуну Аҳдномаҳои давронро
Ҷамъ агар оранд,
Ба ҷуз ҳузури ту
Зи Қомуси рӯзгори ман
Вожаи талхкоми «ғурбат»-ро
Хати бутлон наметавонад зад –

Ман аз ғарибӣ сахт метарсам.
Илтиҷо мекунам аз нигоҳи ту,
Тавалло мекунам аз табассумҳот,
Аз табат зор-зорон мекунам зорӣ,
Мекунам илтимос аз оғӯшат –
Ба Худо, аз ғарибӣ сахт метарсам!

* * *

Мурғакон субҳро дуруд мегӯянд,
Вақти бархостанам фаро омад,
Куҷост маро рахти бедорӣ?
Дуруд ба ту, эй Субҳ!!
Пешониат шабнами зафар дорад,
Ту аз набарди зуламот меоӣ,
Пирӯзиат муборак бод!
Пирӯзӣ чӣ пуршукӯҳ аст,
Пирӯзӣ чӣ мусаффост.
Чун ту пуртароват,
Чун ту муҷалло
　　　　чизеву касе нест.
Худот дода Нишони Қаҳрамонӣ
О Ф Т О Б Р О,
Нишони қудсиат муборак бод!
Ман аз камтарин пайравони туам,
Раҳнамоӣ кун,
Ба синаам фуруд ою кадхудоӣ кун,
Ки ба дил
Ҳасрати Нишони Офтобам ҳаст.

* * *

Дӯш бо ман сафҳаи китобе гуфт:
«Бача то бубинад рӯшании дунёро,
Бигзарад аз зуломи сегона:
Он яке торикии ишками модар
В-он дигар тирагии зеҳдон аст,
Машима[1] «-зулмати саввум».

[1] Пардаест, ки бача дар андаруни он ба дунё меояд.

Худ ба худ гуфтам:
«Ай Худо! Ай Худо!
Баъд аз ин роҳи дарози зулмонӣ,
Он ҷахони ормонии рӯшанро
Тифли одамӣ бозхоҳад ёфт?!»

* * *

Ман «Оча!» гуфтанро фаромӯш кардаам,
Забон маро намегардад.
Аввалин вожае, ки ёд бигрифтам,
Ин буд.
Аввалин вожае, ки ба бойгонии хотира рафт,
Ин аст.
Бе садои ин вожа
Гӯиё лолам,
Бе садои ин вожа
Гӯшҳои ман чӣ сангин аст.
Аз забонҳову
          аз замонҳову
                    аз маконҳо агар
Ҷумла вожаҳоро фароҳам кунанд,
Вожае чун вожаи «Оча!» гуворо нест,
          зебо нест,
                    шево нест,
                              мусаффо нест.
Вожаи «Оча»-и ман дарест
Дар Сариосиёст,[1]
                    хомӯш аст,
Вожаи «Оча!»-и ман сабза шудааст,
Вожаи «Оча!»-и ман ёд аст,
Балки бод аст –
Гоҳ-гоҳ мекунад гардиш,
Гоҳ-гоҳе сила мекунад сару рӯям,
Гоҳ-гоҳ ашкҳои маро ҳамебӯсад…

---

[1] Мазорест дар Душанбе.

Вожаи «Оча!»-и ман ҷавон бигзашт,
Ман аз ӯ кунун бузургтарам,
Мӯсафедтарам,
Ғамкуштатарам.

Дигар маҷолам нест,
Вожаи «Оча!»-и ман ҳамин шеър аст!

## ФАРИШТАИ БОМДОД

Ман ситора наям, лек мехоҳам,
Ки чун ситораи саҳарӣ
Вақти шукуфтарӯии субҳидам мирам,
Ки аз кафанам бирасад бӯи бомдодон.
Марг сиёҳист
Ва ҳини торикӣ мефишорад гулӯи ҷони рӯшанро.

Марг сиёҳист,
Лек мехоҳам
Дар ду чашмам шукуфоии наргиси боғчаро
Бубарам бар биҳишт дастовез;
Лек мехоҳам
Аз забонам биёмӯзанд мурғакони фирдавсӣ
Қум-қуми кафтарони саҳархези боми маро;
Лек мехоҳам, ки қудсиёни парданишин
Бичашанд оби сабоҳии Зарафшонро
Аз сиришки ҷудоии ман;
Лек мехоҳам,
Ки беғамони хулди биринам зи гуна бишносанд
Чигунагии маҳи шомхӯрдаи сапедадамонро,
Ки ғариб асту бе манаш танҳост.

Оҳ, мехоҳам,
Ки дар боми гӯрам нишинад фариштаи бомдод.

## ЭЙ ҶАҲОН-ҶАҲОН УМЕД

Ханда бар гунгии рози ман чӣ занӣ?
Рози ман дар вожае намеғунҷад
Чун саҳар дар нигоҳи уқёнус.

Рӯи ту бо чӣ субҳ метавон баробар кард?
Мӯи ту имтидоди чӣ шом метавонам гуфт?
Ки субҳ на он субҳ асту шом на он шом аст.

Охирин Одамам, ки аз барои ту хамӯш
Ман биҳишти хешро тавонам биҳишт!

Эй чаман-чаман рангу эй ҷаҳон-ҷаҳон уммед!
Баҳор-баҳор шукуфо бош,
Ҳазор-ҳазор нолаам омӯз,
Садафи гӯши ту бе нолаи ман холист!

Дили ман бо фасурдагии замини ватан
Бишавад пора-пора бо кашидани оҳе.
Ту ҳамчу баёз ҷамъ оварам як ҷо,
Ки Ҳофиз-Ҳофиз таронапӯш кунамат,
Ки Хайём-Хайём даст ба ҷом кунамат,
Ки Бедил-Бедил бедил кунамат!

## НАҶОБАТ

Паямбарони хаста паёме дигар наоварданд:
Саҳар офтоб баромад ба рӯи ношуста,
Фурӯғи бетаҳорат фурӯ рехт бар замини олуда.
Ва сабзаҳо чу номуси таҳқиршуда намеёранд,
Ки чеҳра намоянду сар барафрозанд.
Ва роҳҳо чу ресмони гираҳхӯрда
Фаромӯш кардаанд кушодагии дили худро.
Мани ҳиҷлатзада аз хеш мепурсам:
«Сухан аз кадом наҷобат аст?»

Ало афсонаҳои неканҷом,
Шаҳони гусехтаноми ин хитта
Гадои қисмати талханд дар ғарибиву ғурбат.
Чаро кабӯтарони дастомӯзи шоҳдухтари тақдир
Сари шонаи хамидае намеҷӯянд?
Чаро фари шоҳӣ дар либоси фақр овора-ст?
Сухан аз кадом наҷобат аст?

Ҷабини соф софӣ мекунад савдо,
Ҷамол аз ҷибол мезанад худро сари бозор,
Муҳаббати сутурван обастани касофатҳост
Ва аз дили ман ноумедӣ мезанад фарёд:
Сухан аз кадом наҷобат аст?!

Ба сарв гуфтам, ки ростӣ туро буду инак нест,
Ба субҳ гуфтам, ки покӣ туро буду инак нест,
Ба қулла гуфтам, ки баландӣ туро буду инак нест,
Чаро ки дар ман нест,
                    балки дар мо нест.
Китоби луғатро кушодаму ба нола бигристам:
«Ало каломи Наҷобати қудсӣ,
Сухан аз кадом наҷобат аст?»

* * *

Ман ба сӯи ту бозмеоям,
Дарҳоро мабанд,
Тирезаҳоро мапӯш,
Ман ба сӯи ту бозмеоям,
Синаатро кушода вогузорам кун.

Аз ҳама роҳҳои ҷаҳон гузар кардам,
Ҷуз роҳи туам роҳи саодат нест.
Ҳама ҳарфи замон ба бар кардам,
Беҳтар аз чашми ту муҳаббатнома
                                        надидам.

Мон, ки бар ахтарон номҳо диҳанд,
Мон, ки сайёраҳои тоза бикшоянд,
Номи ту аз барои ман кофист,
Хонаи ту маро басанда хоҳад буд.

Ҳолӣ бо мавҷгирҳои маҳвора
Бо ду олам ҳавои гуфтор аст.
Ҳолӣ бо тилфонҳои ҳамроҳ
Бо висолу бо фироқ маҷлисҳост.

Ҳарчи хоҳӣ, бихоҳу кардан гир,
Лек хоҳам, ки баҳри нолаҳои ман
Гӯши худро кушода бигзорӣ,
Аз барои ғуссаҳои талхи дилам
Дили худро кушода бигзорӣ.

…Ман ба сӯи ту
Чун дари кушода меоям.

## МИЖГОНИ САБЗА

Боз дар сари гӯрат нишастаам маҳзун,
Хаёлам мебарад бар диёри офтобии тифлӣ,
Ба он диёре, ки ту будиву шодмона
мезадам фарёд:
– Оча!

Анқариб сӣ сол аст, ки месӯзам
Ҳамчунон безабони пурасрор.
Баччагӣ бигзашту бе ту мард шудам,
Бе ту тарзи сухан биёмӯхтам
Ва, шигифто, ки гӯш карданд маро
Ва гоҳе низ заданд чакчакҳо
Ва гоҳе тақдимам карданд шохаи гул.
Аммо таи сӣ сол
Забони ман набуд қодир,

Ки чун дар айёми безабонии тифлӣ
Занам фарёд:
               – Оча!

Ба мӯҳои ман сафедӣ афтода,
Мисли барфи аввал ба қуллаи кӯҳ
Ва сарҳади ин барф рӯзу шабон мехамад ба зер.
Ман надонам, ки то кадом айём
Пайраҳи гӯри ту бахшояд
Лаззати биҳиштии дидор.
Хори домони оромгоҳатро кӣ хоҳад чид?
Майсаҳои гӯри туро ки бӯса хоҳад кард?

Аз ниҳоли сабзи умри ман
Хадраҳое нумӯъ доранд.
Оё тавоне ва ё хотире ҳаст эшонро,
Ки бар сари ту соя андозанд
Ҳамчунон сояи камнамои ман?

Сари мижгони сабзаҳои хоки ту
Ашки армони ман кунад чак-чак…

## АГАР…

Агар набувад ду чашми беғубори ту,
Дар осмони пурғубори шаҳри ман
Ситорае нест.

Агар набувад насими обшори кокулони ту,
Аз нафасдуди шаҳр
Нафасгир хоҳам шуд.

Агар набувад боли абрувони баландат,
Мурғи уммеди баландпарвозам
Накунад ёди гардунҳо.

Агар набувад номи ту дар забони ман,
Безабон хоҳам мурд…

## ХОБ

«То субҳ роҳи ман аз миёнаи хоб аст,
Вақте ки хурӯсҳо ба навҳа расанд,
Вақте ки ситора фурӯ резаду шабнами
барги гул шавад,
Вақте ки рӯдҳо раҳо шаванд зи танҳоӣ,
Хезам зи хобу ба гӯши Тоҷикистон суруд хонам.
Шояд навои ман кироӣ нест,
Чун сози чашма дар муҳити кӯҳсорон.
Шояд лабсӯхтае маро ёбад,
Шояд аз ташнагеш наҷот диҳам».

Ин гуфтаму сар ба болин ниҳодам
Ва хоб маро бурд чун дарёбори бепоён.
Ногаҳ дасте дод пайкари маро таккон,
Ногаҳ садое дар гунбази сарам печид:
«-Хурӯсҳо ба навҳа расиданд,
Ситора фурӯ рехту марҷони гардани гул шуд,
Рӯдҳо зи танҳоӣ раҳо гаштанд,
Бархезу суруди хешро сар кун».

Хоболуда пурсидам:
– Ту кистӣ?
Биштофту гуфт:
– Исмоили Сомонӣ!

## ДУОИ МУСТАҶОБ

Ман ба номи ту нома бинвиштам,
Вале ба коми муаллим шуд.
Он ки ишқи Лайливу Маҷнунро
Поктарину ширинтарин мегуфт айни дарс,
Бар сари ишқи нахусти ман шӯрид.

Баъд, дар маҷлис
Баргҳои гули умеди маро карданд пар-пар,
Номаи муҳаббати маро карданд пора.
Ҳама доданд якдилона овоз:
«Ошиқӣ мамнӯъст!»
Овоз додӣ ту низ,
Ман будам беовоз.

Ин хабар пештар аз ман
Зи мактаб расид ба хонаи мо.
Модари ғамзадаам зор-зор бигрист,
Падари деҳқонам сукути худ бишкаст:
– Бачам! Новақт шудай ошиқ!

Ман надонам, ки дод танбеҳам
Ё дуои мустаҷобаш буд?
Ҳар қадар ошиқӣ кардам ба тӯли ҳаёт,
Ҳамеша новақт буд.

## МУҲАББАТИ МАН

Мӯсафеде устухонсафед,
Дар халои сиёҳи сандуқи афсурда
Бахши рӯзи охират ҷӯяд кафанворӣ.
Ногаҳ (оваҳ!) ба чашми ӯ тобад
Нигини ангуштарини ҷавонияш,
Ки гумонаш буд аз миён рафта –
Ин муҳаббати ман аст.

Ҷомаи замин аз матои ях аст
Ва мурғаке бо параш барф медиҳад бод
Ва мурғаке бо нафасаш барф мекунад об,
Ки дасти сахои замин кушода шавад.
Ва чун пораи сӯзони тилло
Донае мекунад пайдо –
Ин муҳаббати ман аст.

Об мешӯраду рӯд меғуррад
Ва канори наҷотро мекашад ба канор.
Рӯи барги алафе ларзон
Мӯраке дасти зиндагӣ мегирад маҳкам –
Ин муҳаббати ман аст.

Деҳаҳо дидаам ятиммонда,
Бечароғу оташу одам.
Ҳар ҷавони рафта ҷавонии ман аст,
Ҳар манзили валангори чашм ба роҳ –
Ин муҳаббати ман аст.

## СУРУДИ КӮҲНА

Дар ин ҷавоншаҳри кӯтоҳмашрабон
Чу ман ошиқи мӯи дарозат нест.
Гули нозукӣ фасурду бори малоҳат рехт,
Чу ман сарсупурдаи бори нозат нест.

Гузар бикун аз кӯчаҳои пурғубори мо,
Ки бо зулфакони худ ҳавои ман биполоӣ.
Ба чашми кӯҳнапарастам чу сарви чаманӣ,
Чамон-чамон биё, ки хоки ман биороӣ.

Замони ҳино гузашту на вақти халхол аст,
Азизи ҷони азизам! Аз ин сухан фол гир:
Ҳинои хуни диламро ту гапи кӯҳна магӯ,
Тапиши диламро чу бонги халхол гир.

Ҳазор маъзарат зи Ҳофиз хоҳаму Саъдӣ,
Ки чун ман шефтаи холи сиёҳи ту нест,
Дар он рӯз, ки нақши ман зад кулоли азал,
Сувайдои дили зорам ба холи ту сиришт.

Агарчи булбули ин шаҳр лаб фурӯ баста,
Агарчи шевани тир мерасад зи ҳар барзан,
Зи новаки мижгони тоҷиконаи ту
Умеди захми шинос аст дар ниҳоди ман.

Маро санги шароресту орзумандам,
Ки лаълпораи Бадахшон шавад аз ту.
Чу марди пир ба вақти ширинии хотир
Суруди кӯҳнаи ман ҷавон шавад аз ту.

## ЗИ ХОНА ЁД МАКУН

Маҳтоб мисли пуфаки симин
Сабук омаду бишуд андармон
Сари шохи сафедори баланд.
Бод ларзонд бару дӯши дарахт,
Ки раҳоӣ бахшад пуфаки ҳавоиро.

Лек тораш буд сахт печида,
Чирчиракҳо, ки лона баста буданд
Дар хилоли навдаҳои ноором,
Ба ифтихораш базм оростанд.

Бар сару рӯи пуфак заданд минқор,
Аз пасу пешаш карданд парвоз,
Таронаҳо ба гӯши ӯ гуфтанд.

Ҳамчу шамъи рехта фурӯзон шуд
Байни пушта сафедори изтироболуд
В-аз саропош нур таровид бар ману ту.

Оваҳ! Аз мӯи ту бӯи маҳ омад,
Бӯсаҳои гарми мо маҳолуд шуд,
Орзуҳои ҷавони мо сафедӣ ёфт.

Ҷони ман!
Ту зи хона ёд макун,
Ки шабро ба поён расидан нест
Ва пуфаки маҳтоб бастаи сафедор аст.

## МУРҒИ ҲАҚ

Гули ошиқи печон
Печидаву печида
Шукуфон аст.
Ману ту ба ҳам наёмехтем
Ва ғунчаҳои хазони мо фурӯ афтод.

Боде, ки меравад озод,
Бурд хазони моро ба дуродур
Чун пораҳои номаҳои ошиқона,
Касе онро натонад ба ҳам овард,
Касе онро нахоҳад хонд.

Оҳ, магар оташи гирои қалби ман
Мисли шӯълаи кирмаки шабтоб
Тофт беҳуда?
Оҳ, магар фарёди мани танҳо
Чун шевани мурғи ҳақ
Бигзашт беосор?

Эй бор худоё!
Ман аз ошиқӣ чӣ мехоҳам?
Осмони хаёлӣ меафтад,
Офтоби хаёлӣ мемирад.

## РӮЗИ ГУЗАШТА

Ту рӯзи гузаштаи манӣ,
Рӯзи гузашта наояд ба пас.

Ёдат ҳаст,
Ту мерафтиву по ба пои ту
Зоғи чашмам медавид чу аз паи шудгор.

Донаи лутфи ту насиби кӣ шуд?
Киштаи меҳри ту куҷо сабзид?

Чашми шармини ту буд ситораи корвонкаш,
Рӯи ту субҳи содиқи ман буд.
Ту барои кӣ дамидӣ равшану гарм?
Қофилаи киро ба манзилаш бурдӣ?

Шаҳрзода будӣ, фасоназода будӣ,
Ту худ саропо фасона будӣ.
Чун фасона киро фусун кардӣ?
Бо фасона шаби киро саҳар кардӣ?

Ҳайфи уммеди ноумеди ман!
Афсӯси ҷони дардманди ман!
Меҳри ту меҳргиёҳи кӣ буд?
Зулфи ту зуфбарги кӣ буд?

Ту рӯзи гузаштаи манӣ,
Рӯзи гузашта наояд ба пас.

## ЗАБОНИ ЧАШМ

Рӯи оинаи пурғубор бинвиштам:
«Туро дӯст дорам».

Ту забони маро намедонӣ,
Он забоне, ки Рӯдакиро дарди дил омӯхт,
Ҳофизи риндро шукӯҳи илоҳӣ
Ва Ҳилолиро лаззати биҳиштӣ дод.

Ҳарчи бинвиштам миёни ғубор,
Медурахшад чу барқ хилоли абри сиёҳ.
Нуру зулмат ба ҳам намесозанд,
Пок кун оинаро, азизи ман!
Ту забони маро намедонӣ,
Ту бидон забони чашми маро.

## РЕША

Чашмҳоят чу чашми сӯзан тиҳист,
Тори шарораҳо гусаста зи ҳам.
Барги гули рӯи ту намехонад
Занбӯракони нигоҳи маро сӯяш,
Рангу бӯю шаҳди ту куҷо рафта?
Боварам н-ояд, ки як замон бе ту
Ман китобе будам, сафҳаҳош парешон.
Ту мураттаб кардиям ба ғамхорӣ,
Мунтахаб кардиям ба дилсӯзӣ.

Шояд имрӯз қадрношиносам ман?
Шояд аз ёд шуда заҳмати ту?
Ҳошо, ҳошо, ки кӯрнамак бошам!
Ҳошо, ҳошо, ки бепадар бошам!

Бар ту хира шаваму андешам,
Ки чароем мову ту бегона?
Решаҳои мо магар сӯхта
Дар замини муҳаббати дерин?
Оре, оре,
Мурдаҳо надонанд мурдани худро.

## БОРОН

Ҳой-ҳои новардон мерасад бар гӯш,
Ҳой-ҳои диламро шунида натвонӣ.

Осмон фавворагоҳи божгунаст,
Ки фавворaи обаш ба фарқи шаҳри мост.

Кӯчаҳо ҷӯяҳои пуробанд,
Нахлҳо нахлҳои обианд.

Мурғакон села-села пинҳонанд
Зери порисаи хонаи мо.

Мекунанд муҳокима ба як овоз
Гиряи бефарҷоми баҳоронро.

Гулҳои шукуфони боғчаатро
Дасти борони паёпай афсурда.

Ҳаҷри сӯзони мо то чанд,
Эй Наврӯзи ҷонбахшои дермонда?!

**БАЙТИ ГУЗИДА**

Ту макун шубҳаи муҳаббати ман…
Ончунон ки мунаҷҷиме шабу рӯз
Лобалои ситораҳои гарми фазо
Бозҷӯяд ситорае ба тоби нотакрор,
Ман туро дарёфтаму метарсам
 аз гум гаштани ту.

Ё чу марде, ки миёни кӯҳнабозор
Бишавад рӯ ба рӯ ба моли дилхоҳаш,
Шодаму метарсам аз қадри баланди ту.
Оре, оре, зиндагонӣ кӯҳнабозор аст,
Оре, оре, бозёфти коми дил
Сахт душвор аст.

Ё чу гумҷӯе, ки аз осоргоҳи давру замон
Карда пайдо баёзе, ё ки девоне,
Зи шодӣ монад лол
Ва ҳаргиз нахоҳад, ки чашми бегона
Биафтад нобаҳангом ба сафҳаҳои нодираш,
Ман туро дарёфтаму метарсам аз чашми ҳасудон.

Ё чу шеърдӯсте, ки аз сафинаи шоир
Байте гузинаду кунад тӯшаи якумраи умраш,
Ман туро дарёфтаму мехоҳам аз тақдир,
Ки бимонӣ ҳамора дар дилу ҷонам.

Ту макун шубҳаи муҳаббати ман.

## ПОСУХИ ЯК СУОЛ

Ҳазорон чу ман қалам биафсурданд,
Ҳазорон чу ман зи хоб бигрехтанд.
Шоире зинда монд агар, давлати мост,
Ки умри сухан нест умри ҳамагон.

Шукр гӯям, ки ғаме агар будам,
Ғами ҳарфу ҳиҷо буду иншо.
Гар касеро вазни тилош дар ёд буд,
Вазни шеъри арӯз буд дар ёдам.

Аз паи кӯҳи Қоф қофия ҷустам,
Ки дар тангнош ёбам осоиш.
Сатрҳои ман набуд панҷараи ман,
Ки маро ҷудо кунад зи озодӣ.

Ҳар қаламкаш ҳақе дорад ба ҳаёт,
Ки Қуръони хешро кунад таҳрир,
Ки дар он доду довараш бошад,
Ки дар он ғаму ғамгусори ӯ бошад.

Ин бас аст, ки вақти қаҳти дӯстдорон
Дӯстро дар сухан кардаам пайдо.
Ин бас аст, ки сӯзи қалби беқарорамро
Бо сухан гуфтаам то саҳаргоҳон.

Дар ғарибӣ ёфтаам зи ҳарфу ҳиҷо
Нолаи Зарфишони муҳаббати худро.
Борҳо сар ниҳодаам ба пои сухан,
Чун ба пои хорасангҳои Тоҷикистон.

Чун паи ном дил надодаам ба қалам,
Аз суолат ба дил малолат нест.
Гар намонад Гулназар ба дафтари айём,
Гул бимонад дар баёзи кӯҳсорон.

## НАВБАТ

Яке гуфт:
– Ояндагонро зи ҳоли мо агар хабар будӣ,
Наомаданд̣ӣ зи адам ба олами мавҷуд.
Дигар гуфт:
– Зи рӯзи ҳашр ман аз он тарсам,
Ки рӯи мардум дубора мебинам.
Саввум гуфт:
– Зи кӯрон ҳасад барам, к-онҳо
Рӯи мардум намебинанд.
Чаҳорум гуфт:
– Кош, кар будам,
Ки нашнидаме ҳарфи арзони эшонро.
Ман чӣ гӯям,
Ки навбати мост?!

## ХОНАИ ЧАШМ

Гарчи роҳе мисоли таноби коғазбод
Мекашад паёпаям ба сӯи маъвое,
Гарчи он ҷо фурӯзон чароғи бобоист,
Гарчи он ҷо ҳафт пушти ман зиндаст,
Мон, ки дар хонаи чашми ту монам.

Қасрҳое сохтаам аз орзуҳоям,
Ки сутуну хиштҳош ҷумла тиллоист.
Ганҷи Қоруну эҳсони Ҳотамам хуш нест,
Ҷоми Ҷамшеду ойинаи Искандарам намефорад,
Мон, ки дар хонаи чашми ту монам.

Чашмҳое чу дарёи тунди кӯҳсорон
Мегирад зи домани мани обношинос,
Обшори милаҳое ба мисли сароб
Лабташнагии маро мебарад зи дунболаш,
Мон, ки дар хонаи чашми ту монам.

Чун парасту дар айвони баланди сухан
Лонае аз маводи дил мекунам таъмир.
Гарчи он ҷо баҳори ман сабз аст,
Гарчи он ҷо ҷавониам боқист,
Мон, ки дар хонаи чашми ту монам.

Ин ҷаҳони дудар бо меҳмон намесозад,
Чун дарой, баромадан фарз аст.
Гарчи умри ман ба ман вафо накунад,
Гарчи хонаам тиҳӣ шавад аз ман,
Мон, ки дар хонаи чашми ту монам.

## ДУРУД

Хурӯсе бонг мезанад ба итоб
Ва ин садои лолагуни овора
Синаи торикиро медарад ба ду пора.

Ситорагони ҳайратзадаи хомӯш
Чашм мезананду мечакад интизоришон аз мижгон.
Боди хоболуд паҳлу мезанад нофор,
Шохаи норизо аз пасаш даст мефишонад ноҳинҷор.

Рӯи бистар ҳамекунам эҳсос,
К-аз дарахти танам зи нав мекунам сабзиш.
Пӯстлохи дурушт мефитад аз ман,
Навҷавон мебароям аз дари миёнсолӣ.

Офтобе, ки дар ниҳоди ман хоб аст,
Пештар аз офтоб мешавад бедор,
Пештар аз офтоб мекунад роҳӣ
Кафтари сафеди дурудашро ба даргаҳи додор.

## БИЗӢ ДАР БАҲОРОН!

Гуфта будам, ки бо ҷавонии ман
Ошиқиҳои нобарори ман бигзашт.
Аз кадом биҳишти барин фуруд омадӣ,
Эй ягона гули мавсими хазони ман?!

Мурғи ваҳшии дили ман дигар ром аст,
Дона чинад ҷои ситораҳои баланд.
Сабри ту оё барои мо кофист,
К-ошно куниям аз нав бо кабудии гардун?

Дардманд аст пои пуробилаи ман,
Бим дорам зи неши хори ғаммозон.
Ту марав ҳамраҳи мани афгор,
Ки ғуруб наздик аст
Ва манзили ту нопайдо.

Он замон ки мурд аз ҷавонии ман
Ишқи аввал чу тифли афгона,
Гуфта будам, ки ман низ хоҳам мурд.
Бевафоӣ агарчи аҷал аст,
Марг н-овард бар мани ноком.

Эй ягона гули мавсими хазони ман!
Ту маро ваъдаи баҳор макун,
Пас аз хазон баҳор нест,
Зимистон аст.

Эй ягона гули мавсими хазони ман!
Ту бизӣ дар баҳори пурфасонаи хеш
Ва барояш фасонаи ман гӯй…

## ЗАНГӮЛАИ САБОҲӢ

Дар ин муҳити шамолгузар
Бо гулӯи шеър сардӣ асар карда,
Дард мекашаду гирифта овозаш.

Эй табиби ростини шеър!
Гар даво кардан аст расолати ту,
Зинда кун, зинда кун ба эъҷозаш.

Сардиро аз димоғи ӯ бурун овар
Ба оташе, ки даруни сина месӯзад,
Ба шӯълае, ки танҳо худост дамсозаш.

Ҳаст инсоне, ки мехоҳад
Аз ҳарири садопардаи гулӯи шеър
Ҷомае бар тани бараҳнааш дӯзад,
То надонанд зи урёнии кароҳатовари розаш.

Ҳаст инсоне, ки мехоҳад
Зангӯлаҳои сабоҳии гулӯи шеър бесадо монад,
Ки хоби субҳгоҳиш бехалал бошад
Ва байни рамузфаҳмон ниҳон дорад
Гарониҳои гӯши эҳсосаш.

Ҳаст инсоне, ки мехоҳад
Танини магас хезад аз гулӯи шеър,
Ки пеши норасоёни замона ҷилва диҳад
Расоии нимаовози дарунтозаш.

Эй табиби ростини шеър!
Ба оташе, ки даруни сина месӯзад,
Бурун овар аз димоғаш ҳавои сардиро,
Варна дар зиндони хомӯшӣ Юсуфе нахоҳад буд,
Ки ба бозор кашад матои ҳусни овозаш…

## МАВҶИ САФЕД

Ин субҳ, ки чун оби сафеди раҳмат
Мерезаду мешӯяд саропои маро,
Дар ҷӯяи мӯи ман мавҷаш монда,
Дар ҷӯяи мӯи ман ях баста.

Хуршед, ки бо лаби оташгунаш
Мебӯсаду мебӯсад,
Як зарра намекунад обаш,
Як зарра намекунад зи ҷо беҷояш,
Ҳарчанд Яхистони Шимолаш таҳи фармон аст.

Ин субҳ ба шоми ғам расад охир,
Ин субҳ ба чоҳи зулмат афтад охир.
Дар мӯи манаш нишонае дорад
Мурғи саҳарам чӣ лонае дорад!

Аз гарду ғубори ман мубарро монад
Мавҷе, ки ба мӯи ман биншаста,
Олам агарам шикаста медорад,
Дорам ба ду оламаш нашкаста.

Ин мавҷи сафед мекунад рӯзе
Ғарқам ба муҳити тираи бенур.
Ин шохаи субҳ мекунад равшан
Роҳи сафари маро ба дуродур…

## ХОТИРА

Боз омадиям бар ёд,
Ҳамчунон ки ба дашти тӯфонии бефарёд
Раҳгуме ёд мекунад хонаи гармаш.

Соддагии ман бигзашт,
Ки нози туро носипосӣ мегуфтам.

Кош, бори дигар ба ман назар намекардӣ,
Кош, бори дигар ханда мезадӣ бар муҳаббати ман!

Ҳарфҳои сарди туро кунун бубахшидам,
Ки чун шаби ялдо баҳоре ба дунбол дошт.
Сангҳое, ки фигандӣ бар сари ман,
Шишаи пораи дилро ба ҳам оварад имрӯз.

Он хатое, ки аз ману ту рафт,
Чун хатои нома наметавон ба ислоҳ дод.
Сарнавишти фироқпарвари моро
Аз дигар наметавон бинвишт.

Дар раҳи зиндагии пурдидор
Ошиқи содиқе чу ман дидӣ?
Мисли диндору додораш
Ман фақат бо ту будаму бе ту!

Аз гузашта нест ғайри хотираам,
Ки маро зинда медорад,
Ҳамчу тоҷике, ки аз ғуруби Сомонӣ
Ёд мекунаду менолад…

## ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

Чун баҳори бистуми ман шугуфо шуд,
Девони қудсии Ҳофиз ба даст бигрифтам:
«Ҳазор душманам ар мекунанд қасди ҳалок,
Гарам ту дӯстӣ, аз душманон надорам бок».
Ва донистам, ки мавсими ишқи ман фаро омад
Ва донистам, ки ошиқӣ на марги осон аст.

Ба бурҷи сӣ ситораам чу тобон шуд,
Девони қудсии Ҳофиз ба даст бигрифтам:
«Дарди ишқе кашидаам, ки мапурс,
Заҳри ҳаҷре чашидаам, ки мапурс».

Ва гуфтам, ки гузашт сӯзи беҳосили ман,
Сазад, ки зи бехудӣ ба худ ояд дили ман.

Чун чиҳилсолагӣ дарамро кӯфт,
Девони қудсии Ҳофиз ба даст бигрифтам:
«Бирав, зоҳид, ба уммеде, ки дорӣ,
Ки дорам ҳамчунон уммедворӣ».
Ва кардам эҳсос, ки шарори ишқи куҳан
Чу оташи Зардушт дар хаёли ман зиндаст.

Раҳи даҳсола дорам то остонаи панҷоҳ,
Вале ношикебо кушодам девони қудсии Ҳофиз:
«Насими боди сабо дӯшам огаҳӣ овард,
Ки рӯзи меҳнату ғам рӯ ба кӯтаҳӣ овард»,
Ҳайф аст, агар ба панҷоҳ нарасад панҷаи ман,
Ҳайф аст, агар ин фол нашавад насибаи ман!

## ҶУДОӢ

Шаҳр чун гунҷишки зери пардаи бом
Бо ҳама шавқ дар хеш фурӯ биншаста.
Қандили болои чорсӯ мезанад сӯ-сӯ
Ва суруди ҷудоӣ мекунад такрор,
Ин тарона фақат барои ду кас аст.

Дар куҷое осмон фурӯзон аст,
Дар куҷое ошиқон чӣ хушбахтанд…
Имшаб ин ҷаҳон барои ду кас аст,

Бори ҳиҷрон барои ду кас аст,
Ашки борон барои ду кас аст…

## РӮЗГОРИ ШОИРОНА МЕХОҲӢ?

Дасти барфии худро дароз макун,
Ки офтобпарасти офтоб сӯзон аст
Ва ту об шавӣ.
Донаки офтобпараст мехоҳӣ?

Гулпаракҳои нигаҳи ҳаваспарвари ту
Мепаранд сӯи бобуназори гардунҳо.
Ахтарон чу ахгарҳо фурӯзонанд
Ва гулпаракҳои ту месӯзанд.
Гули бобуна мехоҳӣ?

Бод мешуморад кокулони туро,
Ҳисоб гум мекунаду зи нав мекунад ҳисоб,
Сабри ман ҳам меравад ба бод.

По намон дар замини осии мо,
Ки ту фариштаи бегунаҳӣ.
Ту чун хаёли ширин дар сари ман бош,
Ту чун ормони дерин дар дили ман зеҳ!

Рӯзгори шоирона мехоҳӣ?
Ман ҳарири симкӯби каҳкашонҳоро
Гираму бар сари ту андозам.
Арӯсӣ мехоҳӣ?

## УМРИ ДИЛ

Кош рӯзе ба ранги тармаи Анзоб
Аз тоби ҳиҷрони ту об шавам,
Шораму сар кӯбаму гирям,
Ҳамнавои рӯди Варзоб шавам.

Боре аз ширдаҳани корези хонаат
Резам ба рӯи кафҳои гарми ту.

Бошад, ки бо мӯи ту даромезам,
Бошад, ки аз лабони ту бӯсам!

Бӯи диле расад бар димоғи ту?
Оҳи диле бишнавӣ аз фиғони об?
Аз ошиқӣ ҷуз орзуям орзу нест,
Ба ҷуз ин ормонам ормон куҷост?

Як қатра сари миҷгони ту ҳамоил аст,
Шояд, ки он Дил аст?
Эй умри ҷовидон,
Тундӣ макун, ки умри дил бисёр кӯтаҳ аст!

## ОБГИНА

Аз хӯшаҳои зулфи парешонат
Атри гули ток мерезад.
Донам, ки ин шукуфтанҳо
Боре ба нутфае ниҳон доранд.

Он шарбате, ки дар кӯзаи минӯии ангур аст,
Лабрези накҳати ҷавонист,
Саршори ранги ормонҳост.
Офтоби ман ба ройгон намесӯзад,
Моҳтоби ман ба шӯразорон наметобад.

Эй токи сабзи пок,
Ки дар обу хоки ман реша кардаӣ,
Пай мебарам дар зарраҳои ту
Дамидани офтобро!
Ҳис мекунам дар мӯярагҳоят
Ҷӯшидани шаробро!

Ман обгинаи тиҳиям,
Ту маро саршор кун.

## ПАРИИ ОБӢ

Он шаби равшан
Парии обӣ бо ман буд.
Дилам дар сина мешӯрид,
Дарё дар хонааш намеғунҷид.

Зарҳали маҳ зи мӯяш афшон буд,
Балки нур метаровид аз саропояш.
Чун ҳубоб он қадар нозуку мусаффо буд,
Ки аз дам задан ҳаросам буд.

Дастро ба банди дасти ӯ бурдам,
Доғ монд ҳамчу дастпона дар дасташ.
Оҳ кашиду кӯҳҳоро зи хоб бедор кард
В-аз ситораи чашмаш ситорареза чакид.

Ва дареғо, чӣ хомие кардам!
Шӯр шуд афсонаҳои ширинам.
Санге ки тахти шоҳии мо буд,
Ларзиду ман фурӯ фитодам ба соҳили рӯд.

Аз баландӣ садош ба гӯши ман омад:
– Парию одам ба ҳам наёмезанд.
Дар ҷавобаш дод задам ба талвоса:
– Парию дев ба ҳам наёмезанд,
На парию одам!

Ханда карду шукуфт чун гули субҳ,
Зинда кард умеди мурдаи дили ман.
Гуфт: – Одам магар дев нест,
Ё дев одами дигар аст?!

Хост аз ҷову худро ба об андохт,
Оғӯши дарё аз ӯ пур шуд.
Оғӯши ман аз ӯ холӣ монд.

## ОМУИ ВАСЛ

Вобастаи ин шаҳрам
Бо ҳама мӯярагҳоям,
Чун дарахт ба хоки боғчаи сабз.
Ҷодаҳояш нармии пои туро донанд,
Бодҳояш кардаанд мушки зулфатро харидорӣ,
Обҳояш софии рӯи ту бигрифта,
Сабзаҳояш сабзии бахти туро доранд.

Эй хушо, ки мекашем ману ту нафас
Аз ҳавои атргардони як сапедамон.
Эй хушо, ки назар мекунем ману ту
Сӯи маҳтоби як осмони нилӯӣ.

Гарчи тайёра мезанад фарёд,
Гарчи мошин мекунад афғон,
Тапиши дили туро мекунам эҳсос,
Чун мунаҷҷим тапиши дили ахтар.

Чорсӯи фиребои рӯзгорон
Гарчи мекашад ба чор сӯям,
Мешиносам раҳи муроди кӯи туро,
Мисли ожанги нахусти тоҷгоҳи хеш.
Он ҷудоие, ки байни мо пайдост,
Чун ҷудоии Панҷ асту Вахшоб аст.
Нола аз бандҳо намешояд,
Омуи васли ману ту дар пеш аст!

Ошиқам ман ба шаҳри ҷавонии ту,
Содиқам ман ба шаҳри муҳаббати хеш.

## ОБИ РӮ

Гуфтӣ, ки дар дилат ғубор чист?
Эй ҷон!
Мапурс аз раҳи сипардаи ман.
Афшон бодбезани мижгони шӯхатро,
Ки рабояд аз бисоти дилам ғуборро.

Гуфтӣ, ки дар дили ту доғ чист?
Эй ҷон!
Мапурс сиккаҳои дастбурди маро.
Дар оби рӯи ту шӯям доғҳои матои дил
Ва дар офтоби вафоят хушк кунам.

## ҲАФТ ГАРДУНИ ЁД

Ҳафт соли ҷудоии ману ту
Ҳафт гардуни сабзи ёди ман аст.
Ай ту, қудсӣ, фуруд наё зи авҷи хеш,
Ки бе туам баландӣ куҷо ватан аст!

Ҳафт соли ҷудоии ману ту
Ҳафт Авранги бегазанди ман аст.
Мисраъ-мисраъ муҳити рози тӯфонӣ,
Сафҳа-сафҳа замини дилписанди ман аст.

Ҳафт соли ҷудоии ману ту
Ҳафт иқлими ошкору пинҳон аст.
Кишваре зодбуми ману дард аст,
Кишваре сарпаноҳи ману армон аст.

Ҳафт соли ҷудоии ману ту
Чун дуои ҳафт пушти ман маро нигаҳдор аст.
Баъд аз ин шиква-нолаҳои беғами бод аст,
Баъд аз ин дурӣ – фасонаи бебор аст.

## АШКИ ҲАСРАТ

Аз пушти ҳисори бедари кӯҳ
Ҳамчу ҷоми фирӯзии субҳ
Офтоб мешавад боло.

Офтоб мешавад боло,
Сари дастони хунчакони бародари ман,
Ки гум кардашон дар раҳи Берлин.
Ва ин аскари ҷонфидои Ватан
Ашки ҳасрат ба зону пок мекунад имрӯз…

## ЁДИ Ӯ

Хоб дидам, ки мебаранд Туғралро
Чун нишоне ба тири фитнаву тӯҳмат.
Аз саропои ман фиғон шӯъла кашид:
« – Бозистед!»

Бо шигифтӣ пурсиданд:
« – Кистӣ?»
Гуфтам: « – Исми ман фардост!»
Гуфтанд: « – Фардо нест!»

Гуфтам: « – Чӣ хатое!
Шоире нест бе фардо!»

Шуд баланд овози тир ногаҳ
Туғрал афтод чун уқобе аз парвоз…
Хобам аз сар гурехту нооором
Шудам бедор
Зери осмонаи осудаи кошонаи хеш.
Тири Туғрал дар дили ман буд,
Хуни ман метаровид аз шафақи субҳ.

## ДИЁРИ НАҶОТ

Аз диёре расидам, ки лолазорон аст:
Лолаҳои зиндаи хуросонӣ,
Киштаи теғу ханҷару шамшер,
Шодоби хуни мардуми «осӣ».

Лолаҳое, ки кӯчат наметавон кардан,
Лолаҳое, ки нарӯяд дар муҳити гулхона,
Лолаҳое, ки наметавон чидан
Ва дар бозор бифрӯхтан.

Дидаӣ лолаҳои ду чашми Рӯдакиро?
Дидаӣ лолаҳои тахтапушти Айниро?

Аз диёре расидам, ки наистон аст:
Аз наи хома то найлабак,
Аз наи Мавлавӣ
То ҳисори Нои Саъди Салмон
Ва то харнои ман
Ҳама зояндаи ноласт!

Метавон наистонро ба оташ дод,
Метавон шери наистонро ба дом афканд,
Нолаи най валек озод аст.
Шунидаӣ оё ту нолаи найро?

Аз диёре расидам, ки маҷоз мадори ӯст:
Бомдод ғайри орзуи сапедӣ нест,
Офтоб ғайри ормони гармӣ нест,
Хокдон ғайри ёди хоксорӣ нест,
Зиндагӣ ғайри умеди хотира нест.
Дарк кардаӣ:
Зиндагӣ ба ҷуз умеди ХОТИРА нест.
Ман аз диёри шеър меоям,
Гар наӣ пазироям,
Бозгардам бар диёри наҷотбахши шеър.

## БОҒИ ВУҲУШ

Туро хуш наояд парвози озодам…
Қафасӣ кун ту шавқи зиндаи ман,
Дар қадаҳ рез ҷӯши тӯфонам,
Дар халое биншон тундбоди ман.

Ман на марди қолабиям,
Чун гили хом ба қолабам андоз,
Сӯи ман бингару табассум кун,
Ки орзуятро
Ба ҳамон рангу шакли дилхоҳат
Рӯ ба рӯ бинӣ.

Эй нигори кабкбоз!
Ту ба асирии мурғаки хушхон
Хира мешавию менозӣ,
Дида медӯзиву меболӣ.
Ман боғи вуҳушро дӯст надорам,
Ки дар он ҷо асорат
Мояи дилхушии тифлонаст!

## МАСОФ

Занги тилфон мерасад бар гӯш
Чун танини зангӯлаҳои гӯшворат.
Умеди хуфта мешавад бедор,
Медавам, медавам аз Роҳи Каҳкашони
орзуҳо.

Ту дар он сӯӣ,
Он сӯи вартаи ҷонкоҳ,
Ки номи ӯст ҶУДОӢ.

Ва садоят намерасад то ман
Ва садоям намерасад бар ту.

Хаткашон дар ба дар меравад имрӯз,
Чун тасалло,
Чун табассум,
Чун тарабомӯзи хастаи дилҳо.

Метавонистӣ номае ту бифиристӣ
Баҳри тифли дили ятими ман,
Ҳамчунон ки ба таскини кӯдаки гирён
Медиҳандаш ба лутф коғазбод.

Э худоё!
Мурғакон ҳама гунганд,
Боғҳо гӯиё лавҳаҳои тасвиранд.
Нағмаҳои сӯзонро бо хештан бурдӣ,
Чун баҳори рафта, ки бо хештан барад
Ҷавониҳои дунёро.

Лаҳзае вожаи «ҶУДОӢ»-ро таҳаммул кун.
«Ҷ» – ҷавонӣ,
«У» – умед,
«Д» – дил,
«О» – офият,
«И» – ихтиёр.

Ҷумларо гӯр мекунад ин ҳарф
Дар дили тору бетагу сардаш.
Беҳ, ки мову ту кушем мардона
Дар масофи зиндагӣ ҷудоиро.

Занги тилфон мерасад бар гӯш
Чун танини зангӯлаҳои гӯшворат.

## МУНОҶОТ

Дасти ҳиноии ту рангин кард
Субҳу шоми беранги маро
Осмони рӯзгорат пур аз тирукамонҳо бод!

Хандаи гарми ту баҳор овард
Бар хазони ғунчаи дили ман,
Наврӯзи ту аз кӯҳнагӣ эмин бод!

Аз хами мӯят ба ҷони ман омехт
Атри сидқу муҳаббату уммед,
Ҳайъати ту ҳайкали ҷавонӣ бод!

Лаб кушодиву сухан омӯхтам,
Сухан гуфтиву ёфтам ватан,
Эй забони ватан ҳамора бо ман бод!

## АБРИ БОЖГУНА

Бунафшазори осмони шаҳри ман
Чу ёлаҳои Душанбе заъфарон аст.
Ҳаст абре оё божгуна,
Ки бирезад қатраҳои шодобаш
Бар сари ахтарони пажмурда?

Дар ин шабе, ки ҳаво тираст
Ва хирасӯз ситораҳои баланд,
Дилам хоҳад ҳама фариштаҳои дарёро,
Ҳама малоики чашмаҳои гӯёро
Бозгардонам ба сӯи гардунҳо
Сӯи марзи хазони кавкабҳо.

Ҳаст инсоне, ки мегӯяд:
«Тарбузи пухтаи ситораҳои сипеҳр
Ба сари ман фуруд меояд!»

Ҳаст инсоне, ки менолад:
«Себи сурхи ситораҳои сипеҳр
Бишканад шишаҳои тирезаи маро!»
Ҳаст инсоне, ки меваҳмад:

«Олуи расидаи ситораҳои сипеҳр
Мезанад ба боми ман таблак!»

Сад дареғ,
Эй бунафшазори хазони осмони Душанбе!
Ман туро мекунам кӯчат
Ба осмони кӯчаки дили хеш.
Офтоби ман хурд аст,
Моҳтоби ман хурд аст,
Лек туро шодоб хоҳам дошт,
Шояд ин ормони ҳазорон аст?!

## ПОСУХ

Кист тоҷик?
Расад ба гӯшам зи дурии таърих:
«Аҷамзодаи араб аст!»
Ва ё:
«Арабзодаи Аҷам аст!»
Ва ё:
«Қавмест, ки ғайри араб аст!»
Дигаре гӯяд:
«Тоҷдор аст ӯ,
Тоҷи фарҳангу тоҷи ҳунарҳояш
Бе адил аст!»
Саввумӣ гӯяд:
«Боист бирбудан
Тоҷи ӯро чу тоҷи Сомонӣ!»

Кист тоҷик?
Саре ба ҳалқаи дор,

Тане ба зери сумби пил,
Диле дар фазои беохир.
Ҷингиз бо итоб суол кунад:
– Тоҷик ин аст?!

Марзи тоҷик duruда киштзорест,
Реша ҳасту нест пояе пайдо.
Чашм Санҷар ба – дин решаҳо кунад
Ва дилаш зи ғусса бишавад лабрез,
Ки чароянд решаҳо барҷо?!

Каллаҳое чу қуллаҳои ҳунар,
Каллаҳое чу қуллаҳои хирад…
Темури ланг меандешад
Ба ақли ланг:
– Сарҳои фиканда чаро манора шаванд,
Чаро манора шаванд?!

Борҳо шунидаам зи майсара,
Борҳо шунидаам зи маймана,
Вақти мурдан шунидаам,
Вақти зистан шунидаам:
– Кист тоҷик?!
Ин суол
Ҷавоб мехоҳад,
На зи чап, на зи рост,
Аз ману ту,
Агар тоҷикем…

## ДЕҲҚОН

Дар холиҷои зери нохунат
Зарраҳои хоки бедор аст.
Ҳамроҳи он ту мехусбӣ,
Ҳамроҳи он ту мехезӣ
Ва аз ту бӯи хок меояд.

Рӯзе, ки рӯзи ту буд шавад,
Ту саропо хок шавӣ.

Он ки ба зери нохунаш
Равған бигираду чарбӣ,
Дар пираҳани хок доғ шавад,
Чун нақши нафт рӯи об.

* * *

Ҳар шабат хоб мебинам,
Ки ҳарири симгуни сахоб ба бар,
Аз миёни себзори шукуфта мегузарӣ.

Боди бомдод мекунад пар-пар
Барги гулҳову сарандози сафеди туро
Ва ту ошуфта мегузарӣ.

Сабзаҳо даст мезанад ба доманат,
Ғунчаҳо рӯй мениҳад ба рухсорат,
Раҳ ба раҳ хор руфта мегузарӣ.

Умрҳо бо сапедаи саҳарӣ
Меравию меравӣ,
Чашмҳоят пур аз шоманд,
Гунаҳоят пур аз боманд,
Бо манат сухане нагуфта мегузарӣ.

Модаро! Модаро!
Ту бехобӣ,
Ту наӣ ороми оромгоҳи хеш
Ва шефта наӣ ба боғи биҳишт,
Аз дилу дидаи ман нахуфта мегузарӣ.

Ё дурӯғ аст марги нобаҳангомат,
Ё ки хобҳои ман дурӯғинанд…
Розҳое нуҳуфта мегузарӣ…

* * *

Пайкараҳо фуруд меоянд,
Ҷояшон холист…

Ин пайкараҳои сангин
Санги маҳаки тилои мо буда,
Ё санги таҳдоби бинои мо буда.

Сангҳои хораи парешонро
Ба ҳам назанед, ки чу оташбарг
Оташфишон гарданд.

Сангҳои пора-пораи хомушро
Н-афканед бар сару рӯи ҳамдигар,
Ки чун мазори Чиҳилдухтарон
Одамилохи мо сар ба сар шавад санглох!

Пайкараҳо фуруд меоянд,
Пайкараҳои ифтихору нозиши мо.
Нангу номуси бӯқаламуни мо
Пайкараҳои дигар мекунад эҷод,
Пайкараҳои баландтару бузургтар,
Ки дар сояашон ба ҳар касе расад давлат.

Боз кӯҳҳои хора мешавад ҳамвор,
Боз кӯҳҳои пайкараҳо мешавад боло.
Сангҳои гурдаҳои моро низ,
Сангҳои қазои моро низ
Ба санги пайкараҳо даромезед
(Агар камӣ бикунад санги сарзамини мо).

Талои моро ниёз ба санги маҳак аст,
Бинои моро эҳтиёҷ ба санги таҳдоб аст.

Пайкараҳо фуруд меоянд,
Ҷояшон холист.

* * *

Дар забон торикиро агарки таъриф аст,
Деви андӯҳ аст, оре, деви андӯҳ аст.
Рӯшанӣ барги гули себ аст байни мӯҳоям,
Торикӣ дар сари шонаҳои ман кӯҳ аст.

Ман ғуломам, агар чун қафаси фӯлодӣ
Зулматам дар бағал бигираду бияфшорад.
Зоғи бадқавл ба чанголҳои сиёҳ
Кафтари сафеди ҷони маро биёзорад.

Ҳар чӣ гӯӣ маро, бигӯй бетаъхир,
Торикиро натонам кушам худ барои худ.
Шумори донаи гӯгирдам, ки баҳри касе
Сӯзаму беҳангома резам ба пои худ.

Кист, то мушт занад ба дари хонаи ман,
То маҷоли афрӯхтан дамад ба дасти ман?
Кист, то ба бӯи ӯ ҳама даргирам,
То шикаста шавад зулмати ношикасти ман?

Аз барои талофӣ ҷаҳон намехоҳам,
Дар фурӯғи лаҳзагист замонаи ман.
Ёри ҷони манӣ ё ки ағёри ҷони манӣ,
Мушт зан, мушт зан ба дари хонаи ман!

* * *

Бӯи ошноӣ мерасадам ба димоғ
Аз канори оромгоҳи ҳазорсола.
Сари ин мазори ҳасрати дерин
Нолаҳо дораму намекунам нола.

Пораи давлати Сомониён хоб аст
Дар ҷаҳони хоби Исмоили Сомонӣ.
Гӯӣ аз панҷаи тороҷ медиҳад эмин
Ӯ ба нақди ҷони азиз замини яздонӣ.

Шаш ҷиҳат бингарӣ, уқёнуси тӯфонҳост,
Пайкари ӯ хоракӯҳи побарҷост.
Мавҷҳо мешикананд пеши зонуяш,
Беасар мераванд асрҳо зи паҳлуяш.

Байни шӯру қиёми маҳшари рӯз
Ман ба наҷво гӯямаш: «Ало хамӯши ман!
Аз ҳамон порахоки зиндаи оғӯши ту
Қавли Ҷӯи Мӯлиён мерасад ба гӯши ман.

Ман чи сонаш кашам ба мулки бедорӣ?
Басанда нест магар хоби гарони тӯлонӣ?»
Аз дарун бонге бупечад ба гунбази нилӣ:
«Худ нахуст тарки хоб кун, агар ҳаметонӣ!»

* * *

Дидаем дар маърази намоиш
Шерҳое, ки паи луқмае лазиз
Рӯбоҳ шудаанд бо ҳайати шерона.

Чун шерафсо ба комашон нуқл андозад,
Хез мезананд аз миёни ҳалқаи дор,
Гӯё ки маймунанд;
Сари як по арғушт мераванд,
Гӯё ки мурғи саққоянд;
Мехазанд аз каронае бар карона,
Гӯё ки сусморанд;

Мебаранд дарзаҳоро ба дӯши худ хомӯш,
Гӯё ки хари Афандианд;
Най мекашанд ба бинии хеш,
Гӯё ки каркадананд.

Чун пораи дигаре ба даст оранд,
Сару рӯи шерафсо мебӯсанд,
Пеши пояш фурӯ меафтанд.

Ва мо аз шодӣ каф ҳамекӯбем,
Ва мо аз фараҳ мезанем фарёд.
Бехабар з-он ки шерҳо сурати моанд,
Ё хешро мешиносему нодида мегирем.
Ҷои он дорад, ки мо гирйем,
Ки шерҳо шерии худро бурдаанд аз ёд.

* * *

Дарахтони сарсахти шаҳри ман
Ҳамнасиби мусофирони раҳдуру ранҷуранд,
Ки бо бару дӯши пурғубор омадаанд,
Хаставу бемадор омадаанд.

Нест ёрои даст ёзидан,
Нест нирӯи тарона ангехтан.
Бо сарупои дудаву соруҷолуда
Нест пои аз ин байғула бигрехтан.

Куҷоед, эй рӯдҳои саршори кӯҳистон,
Ки наме нест дар лаби ин мусофирони ғариб?
Сари онҳо чун сари парешони тоҷик
Сӯзад аз дами офтоби саратон.
Метавон пунбае парвард,
Соядозе метавон сабзонд.

Дар оинаи чашмҳои хираашон
Бозтоби ахтаре ҳувайдо нест.
Фарози ин шаҳр бе ситорааст,
Ва касе наҷӯяд ситораи худро.

Гар ба ҳар мулке
Доғҳоро бишӯяд қатраи борон,
Абрҳо ин ҷо доғ меборанд
Бар дили доғи мову барги доғи дарахтон.

Боди беҳису танбалу шабкӯр,
Ки дар зулмати ҷодаҳо раҳгум аст,

Ногоҳ пешпо хӯрад бар ҷисми беҷони дарахтон
Ва гӯр шавад зери гарди афшони дарахтон.
Куҷоед, эй боргоҳҳои барқ?
Куҷоед, эй варғҳои баланди ҷаҳон?

Моро шукӯҳи номатон кофист
Чун шаҳомати Балху Бухоро
Ва ё афсонаи оли Сомон.

Дилам сӯзад ба ин дарахтони бефардо,
Ки ошноянду ошное намеёбанд.
Решапайванди баҳори Рӯдакиянду Фирдавсӣ,
Вале Саноиву Саъдиву Сайидое намеёбанд.

Дилам сӯзад ба ин дарахтон,
Ки ман низ аз табори онҳоям.

* * *

Мурғакон аз қафаси ҳарос озоданд,
Мезананд худро ба бозори афсурда.
Пур шуда кӯчаҳои шаҳр зи талбанда,
Бимашон набувад зи нозирони бепарда.

Аз салои хастаи қаландари пир,
Медарад зи ҳам шоҳии кабуди сипеҳр.
Духтаре бори малоҳаташ афканда
Ба сари шонаи ҷавоне ба меҳр.

Панҷаи насху настаълиқ бигрифта
Аз гиребони ҳуруфи замони навин.
Ҷои бонги зиндабод меояд
Аз куҷое ба гӯшам таронаи ҳазин.

Раставу тимҳо масири ҳарзаи бод,
Кисвати номусу шараф чӣ кампайдост.
Чун ниёгон умедвор мегӯям:
«Ғам махӯр, ки биҳишти накд дар фардост!»

Он ки бо ман суруди тоза меандохт,
Жож мехояд зи минбарам, чӣ аҷаб аст,
Мон, ки бошам чу беди обии пушта,
Ғайри худ набувад самарам, чӣ аҷаб аст.

Ҳар нигоҳам суол мекунад дар роҳ:
«Аз куҷо, кистӣ, чӣ насаб дорӣ?»
Гӯши ман ё гарон аст, ё ки нопайдост
Ҳамраве, ки бипурсадам: «Чӣ талаб дорӣ?»

Дили худро чу дона ҳифз бояд кард,
Дар кафи хирмане, ки бувад ба роҳи бод,
То алорағми ангораҳои кӯҳнаву нав
Тоза рӯяд зи хоки қобили аҷдод.

Оҳ, эй шаҳри гармошнои дерина!
Бин, чиҳо мекунад сарнавишт хасмона.
Он мабодо, ки бегонаам шавӣ рӯзе,
Он мабодо, ки бошам рӯзе аз ту бегона!

* * *

Ин саҳар мурғакон намехонанд,
Аз гулӯшон, чу аз новардони ҳавои боронӣ,
Фаввора мезанад нола.
Ба чашмҳои ҳамабини гӯши эҳсосам
Нил мекашам бо пунбаи фаромӯшӣ.
Зарра-зарра сиришти ман
Медамад чун ҳубобу метаркад
Ва нола мешавад тавлид.
Ман албонҷ мехӯрам чун дарахти тӯфонӣ,
Бо ҳарос даст медиҳам ба дасти сарди замин.
Ҳамчу пире, ки дигар мадораш нест,
Хок ҳам мисли ман ҳамора меларзад,
Дар дили ӯ низ нола мешавад бедор.
Чашми имдод ба офтоб медӯзам,
Ки баланд асту з-ин ҳама дур аст.

Эй шигифто, офтоб мегиряд
В-аз тори заррини шӯълаҳои ӯ
Нола мерӯяд.
Ногаҳ аз дур
Модаре чу абри сафед мешавад пайдо,
Назди ман мерасад саропо сиришк,
Мушт мезанад ба равзани дидаи ман
Ва медарояд беиҷоза ба хонаи пайкари ман.
Ҳоли ман намепурсад,
Сӯи ман назар намедӯзад,
Мепурсад парешон:
– Писари ман бенишон аст,
Надидаӣ писари ягонаамро?
Лаби сангбастаамро
Маҷоли посух нест.
Ва нолаи модар пайкарамро ба ларза меорад.

Оре, оре,
Суруди миллии ман
Ин саҳар фақат нола-ст!

* * *

Меравад бародарам аз ман ба дуродур,
Дар рухаш зардии офтоби лаби кӯҳ аст.
Ин ғуруби нимрӯз аз тулӯъ, ки маҳрум аст,
Сар ба сар як таронаи пурандӯҳ аст.

Меравад бародарам аз ман ба дуродур,
Тӯшаи роҳи ӯст чордарди пазмонӣ.
Пеши дарвозаи ҷаннат интизори ваянд
Падару модари ман ба сӯзи пинҳонӣ.

Модаро, танг варо дар канор бигир,
К-ин ҷаҳони дурӯзааш ба танг оварда.
Падаро, сила кун сари сафеди варо,
К-аз само қисматаш ҳамора санг оварда.

Лолазоре, ки парварда дар ҷигаргоҳаш,
Чун шафақ вогирад замини баланди биҳишт.
Сабз гардад зи нав, яке меҳргиёҳ шавад,
Баски ҷуз сабзаи меҳр дар ниҳодаш накишт.

Хандазоре, ки дар лабонаш шукуфо буд,
Монд дар боғчаи шукуфарези дилам.
Ҳузни пинҳоне, ки буд ҳусни мардияш,
Мекашад домани шарорахези дилам.

Меравад бародарам аз ман ба дуродур,
Мераванд аз пасаш мисраъҳои мани ҳайрон.
Кош аз он сӯи қуллаҳои лозурӣ
Муждае оваранд аз барои мани пазмон.

* * *

Субҳ медамад дар шақиқаҳои ман,
Дӯст, эй содиқтарин дӯст,
Субҳи рӯи ту козиб нест.
Корвони муроди ҳавасбозон
Раҳгуми биёбони сарди бевафоист.
Дирои зангӯлаи гӯшвори ту беозор
Мебарад қофилаи диламро ба манзили уммед.
Қасди раҳзанҳо ҳама раҳгум,
Тундии бодҳо ҳама саргардон,
Неши ҷонкоҳи хорҳо ҳама ҳайрон,
Меравад қофилаи ман бетардид.
Кафи хокистарам ба раҳгузоре нест,
Ахгарам ҳаст, ҳар куҷое хайма задам,
Ахгарам зи гулхани муқаддаси ману ту,
Ки раҳҷӯи беоташе оташ афрӯзад.
Раҳ ба раҳ Балх буду ҷазбаи лафзи ширинаш,
Ҳам Самарқанду фиреби қанди андомаш,
Раҳ ба раҳ васли ҳаҷромӯзи Бухоро буд,
Ҳам Хуҷанду биҳишти баҳори оғӯшаш,
Лек қофилаи ман аз паи ситорае мерафт,
Ки чашми ту буд,

Лек қофилаи ман сӯи деҳи қудсие мерафт,
Ки пайкари ту буд,
Деҳи зодгоҳи ишқи ман,
Деҳи бартар аз ҳазор шаҳри бузург!
Субҳ медамад дар шақиқаҳои ман,
Дӯст, эй содиқтарин дӯст,
Субҳи рӯи ту козиб нест.

* * *

Ба расми ҳамидаи тоҷик,
Ки марди зӯфунуни солорро
Пеш гузоранду болонишин кунанд ӯро,
Шеъри ман шеъри суханрасои туро
Муқаддам донаду биниҳад дар силки азизон.
Ту фақат аз баландӣ ба ман назора макун,
Ту фақат ришханд мазан,
Ки агар дар пойгаҳ набудам,
Ҷои ту набуд дар пешгоҳ…

## ТУЛӮЪ

Дар ин танги ғуруб
Дили тангам тулӯи ту мехоҳад,
Чун тулӯи моҳ,
Чун тулӯи ситора,
Чун тулӯи шеър аз гулӯгаҳи вожа.

Тулӯи туро чӣ номе ҳаст?
«Ишқ»?
«Ташнагӣ»?
«Бӯса»?
Тулӯи ту чӣ ном дорад?

Ман дар ин танги ғуруб
Метапам, метапам, метапам беист
Чун тулӯи шеър аз гулӯгаҳи вожа.

## ПИРЯХ

Ту, ҳамчунон ки вақт,
Ҷой шав дар ману «Ман»-и ман бош.
Ту ғарибии маро канор афкан,
Бо дилам биншину меҳани ман бош.
Гарди ғамро зудой аз саропоям,
Гӯш кун рубоиҳои дардамро,
Ҳамчунон ки масчоҳӣ
Бо суруди Юсуфи Вафо расад ба подшоҳӣ.

Сар фурӯ кун ба синаи торикам,
Ҳамчу хуршед дар дарраҳои зулмонӣ.
Сабз бардамидани маро тамошо кун,
Бин дар зарраҳои ман сафои яздонӣ.
Об кун бо бӯсаҳои гарми хеш
Пиряхҳои ангораҳои пирамро.
Бин, ки чун оби ҷавони Зар– афшон
Ман чи сон мавҷ мезанаму авҷ мегирам,
То ба пойи Бухорои ту мирам.

Гӯш кун…

## ҲАНӮЗ

Ҳанӯз дур нарафтаӣ,
Баргард,
Ҳанӯз метавон даст ба дасти ҳам бигзошт,
Ҳанӯз метавон аз ҳарири садои қалби хеш
Ливое дуруст карду баланд афрошт:
«Дӯст медорам!»

Ғуруб кард офтобу боз меояд,
То дари субҳ зинда бояд буд.
Гузашт баҳору чаканпӯш боз меояд,
Интизор бояд буд.

Куҷост инчунин фурсат?
Ғанимат аст қирони ахтари дидор,
Ҳанӯз дур нарафтаӣ,
Баргард!

## 8

Даме ки хиттаи муҳаббати моро
Бо хати сарҳади ҷудоӣ
Ҷудо карданд,
Моҳи пурра аз баландӣ тамошо дошт,
Ки ба ҳалқаи дор моно буд.
Ва соати сарсутуни каноран роҳ
8-и бегоҳро ба ҷилва меовард,
Ки ба ҳалқаи дор моно буд.
Муҳаббати моро,
Ба ҷурми он ки муҳаббат буд,
Ба дор овехтанд.

Ва соати 8-и бегаҳи ман
Дигар ба 8-и саҳар нашуд табдил.

## САРДӢ

Танӯри модарам сард аст,
Чаро ки дасти гармаш нест,
Чаро ки шӯълаҳои чашмаш нест,
Чаро ки шарораҳои қалбаш нест.

Танӯри синаи ман низ сард аст,
Чаро ки навои меҳрубони «Бачам!» нест,
Чаро ки мисли ӯ
Касе ҳоли маро намепурсад,
Касе дарди маро намедонад.

Агар ҳазор китоби шеърамро,
Ки зодаи оташи ҷавониҳои ман аст,
Ба танӯри модар андозам,
Ҳамон сон сард хоҳад буд,
Чаро ки оғӯши модарам дигар
Вуҷуди гарми маро намекунад эҳсос.

Танӯри модарам сард аст
Ва оташи танӯраҳои вулқонҳо
Намекунад гармаш,
Чаро ки модарам дар паҳлуи ман нест.

## САНГ

Табибам гуфт:
«Санге мезияд дар гурдаҳои ту».

Худои меҳрубони ман!
Агар санге бувад дар пайкарам, зинҳор,
Макун моно ба санги дасти бадхоҳони бадандеш.
Бидеҳ он гунаам санге, ки медоранд
Ҳамеша сарбадорони Фаластин дар бағал пинҳон,
Барои интиқоми модарони хеш!

## ДАР ИН ҶО

Дар ин ҷо ташнаанд дарёҳо –
Суруди якнавойи бостонӣ
Ба дилашон задааст.
Дар ин ҷо
Фарёдҳо фарёд намекашанд –
Шеър ба гӯши касе намефорад.

Гуфтам: «Эй роҳ! Ба ҷавлон ой.»
Посухе нест.

Гуфтам: «Эй сутунмӯҳра!
Ба бори пирӣ масоз.»
Посухе нест.
Гуфтам: «Эй дил!»
Яке гуфт: «На! Мухотаб на манам!»

Дигар: ТАМОМ!

## ШЕЪР

Магар туро нагуфтанд,
Ки шоирӣ марг аст?
Миёни шоириву марг иттифоқе ҳаст
Ва ихтилофе низ.

Ба ихтилоф корам нест,
Ки гетӣ ҳама аз ихтилофот аст.
Биё, аз иттифоқ сухан гӯем,
Ки марг бударо мекунад нобуда
Ва нобударо мекунад буда.
Магар ин гуна нест шоирӣ?
Бархез!
Бударо бикун ту нобуда,
Нобударо бикун буда
Ва ин шеър аст!

## РАЪЙ

Мардумони чашми ман
Раъй медиҳанд Ҳусни туро якдил,
То вакил бошӣ дар Парлумони зебоӣ.

## ҶУДОӢ

Дар як шикам буданд –
Ҳамоғӯшу ҳамнасибу ҳамхоба.

Чун ба дунё омаданд аз модар,
Ҷудо зи ҳам гаштанд:
Гоҳвора ҷудо,
Бистар ҷудову болинҳо,
Номҳо ҷудо –
Фотимаву Заҳро.
Аммо модару хонаву ҳавову муҳаббат
Буд муштарак барои ҳардушон.

… Марг …

Заҳро ҳамраҳи модар
Биёмад сари гӯри Фотима,
Шакалоте, ки дар даст дошт,
Рӯйи гӯр бинҳод.

Ва коми талхи модар талхтар гардид
Ва торикии оламаш ториктар…

## САЛОМИ БЕҶАВОБ

Саломи ман беҷавоб монд,
Шитоб аз шитоб монд,
Хобам зи хоб монд.

Ҳарфе, ки рози ман мегуфт,
Якбора лолӣ кард,
Мушкиле, ки ба ман осон буд,
Сахтӣ кард, маҳолӣ кард.

Кӯчаҳо ҳама бунбаст,
Чеҳраҳо ҳама санг омад,
Ишқи дунё ҳама афсона,
Пойи ошиқон ланг омад,
Ёди бӯса карданам нанг омад.

Хотирам холӣ аз салом шуд,
Холӣ аз кабӯтар сари бом шуд,
Маҳ наомад, агарчи шом шуд.

Ман чаро салом гуфтам?
Ҷавоб дар лаби ту бимонд,
Саҳарам дар шаби ту бимонд,
Оташам бо таби ту бимонд.

Ман чаро салом гуфтам?

* * *

Дар Зафаробод дидам:
Мурғаке биншаста рӯйи
    симхори
            байни
                    марзи
                            узбаку тоҷик,
Ба роҳат
Мезад тарона.
Ин – ДӮСТӢ – буд.

* * *

Офтоб
    чашм кушуду
            дар ҳазор зарраи барфи навтавлид
Хешро ҳазорон дид.
«Худоё! Ин чӣ эъҷоз аст?!»
Аз жарфнои осмони нилӣ садо омад:
«Танҳо МУҲАББАТ аст,

Ки касро чунин бузург медорад!»
Офтоби хушҳол,
    дарҳол,
            бо нурҳои сабукбол
Фиристод СМС:
«Эй барфҳо!
Ман ҳам шуморо дӯст медорам.»
Ва барфҳо
    О
    Б
    шуданд.

* * *

Зари куҳистонро
Зарафшон ба Бухоро бурд
Ва зар бишуд
            насиби бегона.
Суруди куҳистонро
Зарафшон бурд ба Бухорову
                    «ШАШМАҚОМ» баргашт.
Худоро шукр!

* * *

Дар офтобнишин,
            зери чанори пир,
Духтаре ба лаб табассум дошт,
Табассумаш орзу мекард,
Интизорияш табассум мекошт.
Ҷавоне шитобзада
                    барои ӯ
Дар лабу чашмонаш
                    табассум мебурд,
Рӯйи дастонаш
            як дастагул табассум дошт.
Аз табассум пур замину замон буд.
Бегаҳӣ буд.
            Олам чароғон буд.

* * *

Дирӯз,
          дар тамузи рӯз,
Шишаи тирезаам яке ларзид.
Дидам: кабӯтаре дар либоси субҳ,
Бо пари осебдида
Худро мекашад ба канори айвонам.
Дидам: шишаи тирезаам тарак бардошта.
Дилам бинолиду садо дардод:
«Ин муҳаббати НОШИНОХТАИ туст!»

* * *

Худо маро
Лоиқи ту наофарида –
«Дӯстат медорам!»
Ту ҳазор бор пурсафотарӣ аз ман,
Ту ҳазор бор дарётарӣ аз ман –
«Дӯстат медорам!»
Ту ҳазор бор дӯстам намедорӣ –
«Ман ҳазор бор дӯстат медорам!»

* * *

Дӯсти ман
Ошиқи Мансури Ҳаллоҷ буд.
Қиссаи ӯро
Тоза кардан муродаш буд.
Шабе
Дар хилвати хиёбонҳои шаҳр садо андохт:
«Аналҳақ!»
«Аналҳақ!»
Касеро ба ин девона набуд сари коре
Ва гӯши дорҳо КАР буд.

* * *

Чашми ту мастиам омӯхт,
Лаби ту табъи бӯсаам бахшид.
Мӯ ба мӯйи ту
матлаби ман буд,
Номи ту
Номи мактаби ман буд.
Кай шудам фориғ аз таҳсил?
Кай ҷудо гаштам ман аз устод?
Дарси ман дарси ҳиҷрон буд,
Ҳар китоберо, ки хондам ҳарфоҳарф,
«Бевафоӣ» унвон буд.
Баёзи ҳасби ҳоламро –
Номаи камоламро – чӣ кардӣ?
Акнун
Тирукамони матлабам,
ҷазбаи рӯзу шабам,
Ҳатто –
ному насабам нест.

Дари мактабам бастаст…

* * *

Ба ёлаҳои ғунуда мужда бубар:
«Баҳор меояд!»
Ба гӯши шохаҳои фусурда бигӯ:
«Баҳор меояд!»
Кушо дари мӯрчагони зери хок хуфтаро:
«Баҳор меояд!»
Ба сабзаҳои хушидаи рӯйи гӯри
модарам мехон:
«Баҳор меояд!»

Азизи ман!
Ғами маро фаромӯш макун!

* * *

Васли мо чӣ кӯтоҳ буд,
Ҳаҷри мо чӣ тӯлонист.
Аз қазо чаро нолам?
Ман чаро санг ба шишаи гардун андозам,
Ки таҷоруби гузаштагон гӯяд,
Ки беҳудаст.
Дар диёри муқаддаси мо низ
Баҳор кӯтоҳ аст,
Тирамоҳ тӯлонист…

* * *

Биё,
    тарона занем,
            тарона мемонад,
Даме забона занем,
            забона мемонад,
Раҳи фасона занем,
            фасона мемонад.
Биё,
    ҷавона занем,
            диле ҷавон намемонад,
Дари замона занем,
            замон намемонад,
Фиғони ошқона занем,
            фиғон намемонад,
Насим мевазаду
            нишон намемонад.
Тарона мемонад…
Забона мемонад…
Фасона мемонад…

* * *

Ман дар оғӯши саҳар
Ду пора шабро дидам –
Ин сухан нав нест.

Ман рӯйи табақи шир
Ду қатра рӯғани зағирро дидам –
Ин сухан нав нест.

Ман дар зеҳни саҳифа
Ду ҳарфи қалами наққоши азалро дидам,
Ки ҳама орзуи маро
тачассум мекард –
Ин сухан нав нест.

Ман чашмҳои сиёҳи туро
Васф мекунам
Дар шеъри сафеди хеш.

* * *

Булбули маснӯии хонаи моро
На субҳ лозим асту на шохаи гул.
Ба ҳар гӯшае, ки ҷо биниҳанд
Ва ба таҳрикаш оранд,
Чаҳ-чаҳи нозукаш
чу боди сабо мешавад ҷорӣ.
Ман чунин сарнавишти амриро
Ба булбуле раво намедонам,
Ба таронае сазо намебинам…

* * *

Рӯдакӣ омад,
Бӯалӣ омад,
Рӯҳи Шоҳин паркашон омад,
Айнии ошуфтаҳол омад,
Миллат омад,
Фитрат омад,
Дар Бухоро монд танҳо
ШОҲ ИСМОИЛИ СОМОНӢ,
Ҳамчу девори Бухоро,
Рӯ ба рӯ,
Мардона,
бо бадхоҳу ағёри Бухоро…

* * *

Ба ман гуфтанд:
«Фалонӣ бош!»
Гуфтам:
«Чи сон тавонам фалонӣ буд?»
Гуфтанд:
«Ҷойи пурсиш нест.
Фалонӣ бош!»

Гуфтам:
«Каси дигар буда натвонам,
Ки Гулназарам зоданд!»
Ранҷиданду зи ман рӯй тофтанд.
(Агар рӯяшон бошад.)

* * *

Номи ту ҳамеша дар забонам,
Номи ту ҳамеша дар хаёлам,
Ман номи туро чӣ кор кунам?

Номи ту лол,
Номи ту нобино,
Номи ту гаронгӯш аст,
Байни ману номи ту иртиботе нест.
Ман номи туро чӣ кор кунам?

Аз номи ту кӯчаҳо саршор,
Номи туро гулбуттаҳо медонанд,
Номи туро ҷӯйчаҳо месароянд,
Ман номи туро чӣ кор кунам?

Ман агар ном намедоштам,
Худро меномидам ба номи ту.
Ман номи туро чӣ кор кунам?!

* * *

Баччагии ман
Сер набуд зи ширинӣ:
Ҳанӯз бӯйи талхи чанг меомад,
Ҳанӯз нолаҳои талх буд танинандоз.

Ҳар гаҳ ки модарам мерафт ба меҳмонӣ,
Ё ба базми арӯсӣ,
Ё ба хатнасури пайвандон,
Дар остини худ барои ман
Меовард ду-се дона парварда
Ва ё як пора каллақанди сафед.

Ман интизори бозгашти ӯ будам
Ва бозгашти ӯ чӣ ШИРИН буд!

Агар имрӯз тамоми нуқли дунёро
Ба коми хеш андозам,
Даҳонам ширин нахоҳад шуд.

Модарам ҷавон бигзашт
Ва имрӯз бузургтар зи модари хешам.
Оҳ! Чӣ андоза интизори бозгашти
ширини ӯ ҳастам.

Оҳ! Чӣ қадр мехоҳам,
Ки коми ман зи нав шавад ширин,
Чун дар айёми тифлии ман!

* * *

Ҳамнавои чаҳ-чаҳу қум-қуми гунҷишкон
Садои хиш-хиши ҷорӯб мешавад боло.
Ҳавои шаҳр ғуборолуд,
Растаҳои шаҳр гандида.
Ба пешвози субҳ
Мурғакон ҳаворо дар гулӯи хеш меполоянд,
Ҷорӯбкашон кӯчаҳоро бо нафаси хеш мепардозанд.

Субҳ ояд, чу ойина покиза,
По ниҳад ба рӯйи покиву софӣ.
Баъд … дар умри якрӯза
Аз миёни ғубору дудаву дуд
Гузар мекунаду ба ШОМИ тира
Мешавад табдил.
Боз то дами дамидани тоза
Хешро пок мекунад аз ҳама ғаждӣ,
То зи ШОМӢ раҳо гардаду СУБҲ баргардад.

Одамӣ низ инчунин бошад:
Вай аз шомии худ гузар бикунад,
Ки субҳгоҳон мисоли субҳ бархезад.
Баски дар андаруни хеш
Чаҳ-чаҳу қум-қуми мурғакон дорад,
Хиш-хиши чорӯби чорӯбкашон дорад,
Ки аз лутфу атои Худовандист.

* * *

Ман на тифли бистрӯза,
На ҷавони бистсола,
Ман аз ҳазораи бист меоям,
Хуни ман ҳама оташ,
Мӯйи ман ҳама хокистар,
Нафасам ҳама дудаву дуд,
Саропоям ҳама хароб чу Ҳулбук аст, –
Аз ҳазораи бист меоям.

Ман на қиссагӯйи аҳди қадимам,
На мӯягари мурдарегҳои бостонӣ –
Нолаҳоро корае дигар набувад,
Дардҳоро на ҳимати ҳамдардӣ,
Гӯшҳо каранд модарзод,
Дастҳо кӯтаҳанд меросӣ.

Аз ҳазораи бист меоям
Ва дод мехоҳам:
Тифлиамро боздиҳед бистрӯза
Ва ҷавониамро – ҷавони бистсола!

* * *

Шоирони бузург ҷавон рафтанд
Ва шеърашон ҷавон бозмонд,
На дар он ҷаҳон,
Дар ин ҷаҳон бозмонд.

Шоирони пирро, алҳақ,
Шеърҳо пир аст.
Ай Худо,
Ай Худо!
Ин чӣ тадбир аст?!

* * *

Шаҳри офтобии мо соясор шудааст,
Ҳар гаҳе аз кӯчаҳо гузарам,
Бар сарам сояи чанор не,
Сояи девор аст.

Ман шиква намекунам,
Худо нигаҳ дорад!
Бигзор,
Хонаҳо сар ба болини саҳоб ниҳанд
Ва шишаҳо
Гӯш ба гуфтугӯйи зарҳалии офтоб диҳанд.
Лек ормони ман ин аст,
Ки иёри тилои ҲИММАТИ мо низ
Баланд шавад,
Ҳарорати хуршедии МУҲАББАТИ мо низ
Баланд шавад.
Варна…
Сояи деворҳо сард аст!

* * *

Ту маро бад магӯ,
Ки ман бад нахоҳам шуд.
Агар замоне ба хони ту намак будаам,
Ба зери пойи ҷаҳли ту намад нахоҳам шуд!
Баҳор магар зишт аст,
Агар ғунчаҳошро мушти жола яксон кард?
Магар ситора сияҳрӯяст,
Агараш абри сиёҳ пинҳон кард?

Дӯш аз канори манзили ту мерафтам,
Маро чашми равшани тирезаҳот бишнохтанд, –
На чашми ту,
Маро шохаҳои маҳини маҷнунбед бинвохтанд,
Дар таги дари ту,
На кокулони ту.

Дар ин ҷо шиноси ҳама чизам,
Ки дар сипоси ҳама чизам.

Бипурс,
Бипурс аз ҳарду пойи ман,
Ки чаро роҳи ту мегӯянд?
Зи ҳарфҳои сӯзони лабҳом пурсон шав,
Ки чаро номи ту мегӯянд?
Бипурс аз бадӣ боре,
Ки ман бадам оё барои ту?

Дилу ҷонам фидои ту!

* * *

Ман имрӯз мастаму мастам,
Ба чашмам ҳама маст метобанд.
Ман имрӯз нахоҳам шикаст,
То ҳама маро ношикаст метобанд.

Шикастани мо чист?
Булӯри баланди муҳаббати дилро шикастан.
Маст будани мо чист?
Даме бо ғами дил биншастан!

Сано бод туро, эй дил,
Бо ту будан чӣ мастиҳо дорад!
Ҳар кӣ мақоми туро нашнохт,
Дар баландии хаёли худ чӣ пастиҳо дорад!

Ҷойи гап нест,
Ман дигар лолам,
Бе сухан низ ҳастаму ҳастам.
Шарт набвад, ки шишаҳо сарнагун афтанд,
Ман бо ғами ту, эй дил, мастаму мастам!

* * *

Ту кистӣ, ки меойӣ?
Омаданат наомадан,
Рафтанат нарафтан,
Гуфтанат нагуфтан аст.

Ту кистӣ, ки меойӣ?
Пой мениҳӣ ба булӯри эҳсосам,
Тапонча мезанӣ ба рухсори имонам,
Туф меафканӣ ба оташи дардам,
Ту кистӣ?

Ман номи туро намедонам,
Хуни ман овози туро намешносад,
Нафасам аз нафасат ба танг меояд.

Вақт аст, ки ман ба меъроҷи Ҳаллоҷ расам,
Вақт аст, ки ман ҳам «АНАЛҲАҚ» бизанам.

Ҳазор сол гӯшҳо кар буд,
Ҳазор соли дигар кар бихоҳад монд.
Ман аналҳақ мезанам
Аз баландои дорчӯби дили хеш!

* * *

Дар ин маҳфил
Касе нест, ки бо ман қадаҳ бизанад.
Қутбӣ гуфт:
«Аспи мастам роҳгум зад.»
Мастон гуфт:
«Мастонаму майхонаи мастон напарастам.»
Лоиқ гуфт:
«Тарки соғар кардаму андар хумораш сӯхтам.»

Фарёд задам:
«Ин ҷомро бо кӣ бояд тиҳӣ бикунам?!»

Хайём гуфт,
Гуфт аз ҳазорсолаҳо пештар,
Аз шикасти ҷомҳо пештар,
Аз гузашти ман пештар:
«Соқӣ чу майи муғона бар каф гирад,
Бечора маро ҳам ба дуо ёд кунед!»

Кист, ки бо ман қадаҳ бизанад?!

* * *

Касе дарамро кӯфт
Ва ман дарро накшодам.
Дилам гирифтааст аз дари бикшода
Ва аз дили накшода –
Умед мурдааст аз умеди номурда.

Ман киям?
Ман киям, ки ба суроғам меоянд?
Суроғгарон сурмаи чашми гӯр гаштаанд.
Дар диёри ман баландие набувад
Чун баландии хоки хоксори Лучоб,
Суроғгаре нест
Ҷуз ёди хуфтагони ҳамеша бедори Лучоб!

Агар мардӣ,
Дарро бикушо.
Муҳим он аст, ки ёдкардае
Пушти дари туст!

* * *

Дуруд ба ту, эй Исмоили Сомонӣ!
Он чӣ дар оғӯши хештан дорӣ,
Замини аҷдоди сарбаланди ман аст.
Ҳар кӣ буду ҳар чӣ набувад,
Бахри ман ватани ёди бегазанди ман аст.

Дуруд ба ту,
Ки ғайр аз ту
Дуруди маро гӯше шунуфтанӣ нест,
Гӯшҳо аз ҳарос қулф задаанд.

Дуруд ба ту,
Ки ғайр аз ту
Дигар шеъри маро дарде пазируфтанӣ нест!

Рӯдакӣ раҳ кушод аз дили кӯҳ
То ба оғӯши кушоди бухороии ту.
Ин раҳест, ки кӯр нахоҳад шуд,
Ин раҳест, ки ман бихоҳам рафт
Ва бихоҳам хонд:
«Шеър моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме!»

Ва маро хоҳанд шунуфт
Ва маро хоҳанд пазируфт.

* * *

Дарди худро ба кӣ тавонам гуфт?
Ҳама чун суроҳие аз гил
Саршори бодаи дарданд.

Ту биё,
Ту биё, ки мушкиламро ҳавои ёварӣ ояд,
Пеши пои ман ду ҷаҳони ғуруробод
Баҳри чокарӣ ояд!

Ту агар намеоӣ,
Омадан батар аст аз рафтан
Ва гуфтан аз ногуфтан.

Ту биё, ки «Биё»
Намирад дар вуҷуди ман,
Дар суруди ман,
Дар дуруди ман.

Ту биё, ки «Биё!» бошад,
Дили ман бефано бошад,
Роҳҳо раҳо бошад!

* * *

Касе агар маро намекунад табрик,
Табрикам мекунад ҲАФТОД.
Кист «Ҳафтод»?
Он ки Қутбиаш нашнохт,
Он ки пушти по задаш Мастон,
Он ки Лоиқаш гуфт:
«Дидор дар қиёмат!»

Ассалом, «Ҳафтод»,
Ассалом, «Фарёд»,

Ассалом, эй «Ҳар чӣ бодо-бод!»
Ба табрикам омадӣ, хуш бош,
Мушт бар дарам задӣ, хуш бош.

Омадӣ ҷойи хуфтагони ҷавон,
Омадӣ ҷойи сад баҳори хазон.
Омадӣ ҷойи модарам, хуш бош,
Хоки поят чашмҳои тарам, хуш бош!

Касе агар маро намекунад табрик…

* * *

Ин Душанбе Душанбеи ҷавонии ман нест,
Ишқи наврӯзии гулфишони ман
Гум шуда дар кӯчаҳои навбунёд.
Номи ман аз лабе намекунад уммед,
Ғуссаҳои ман дигар намесӯзад
Дар шарори шоди дидаҳои шод.
Меравам, меравам, чу марди мусофир
Мекунам аз раҳгузоре суол:
– Куҷост кӯчаи он ёр,
Ёри сар то ба по гулзор,
Гули бехор?
Насиме таъми бӯсаи ӯро намеорад,
Накҳати кокулони варо намеорад –
Дар ин шаҳр чизе ба ҷони ман намефорад.
Шаҳри пур аз ҷавонӣ,
Боғи пур аз ҷавона
Шукуфтангоҳи ҷавонии ман нест,
Оташгаҳи сӯзи ниҳонии ман нест.

Падруд, эй ҷавонӣ, эй бехазонӣ,
Падруд, эй шукуфоӣ,
Ки бо мо буд
Ва …
Бе мо ҳаст!

* * *

Маро бигзор, корвон рафта…
Вале бе ту будан, сурудан,
Чу ғунча бишкуфтан чист?
Бе ту
Бархостан – фитоданҳо,
Гирифтан – ниҳоданҳо,
Бастан тафсири кушоданҳост.

Фақат як мафҳуми бикр баҷост:
Бе ту чизе нест.
Ва агар касе тавонад гуфт:
«Ҳаст!»
Бигзор!
Ту инро наметавонӣ гуфт
Ва натвонӣ шӯри синаро бинҳуфт.

Корвонҳоро қарор омӯз
Ва аз дунболи ин қофилаи Лайликаши маҳзун
Яке Маҷнуни худгумкардаи садсолаҳоро
дар мани «Ман» пайдо кун.

Баҳорон рафта…
Ту гулбасар бош,
Яке афсонасози навтарини Гулназар бош!

* * *

Ай Худо,
Ин чӣ сармо буд?
Боғи шодоби пурҷавонаи моро
Бе ҷавонӣ ниҳоду низор афканд?
Зиндагии пурфасонаи моро
Бе Рустами Дастон
Канор афканд?

Ёлаҳо бахри лолаҳо боқист,
Даштҳо бахри сабзаҳо намемиранд.

Нақбҳо занед бар кӯҳҳои сукути хеш,
Раҳ кушоед ба водиҳои муҳаббат.
Дари дил ях задааст,
Бо ҳамнафасӣ
Гарм созеду аз нав кунедаш боз.

Қафасӣ буданатон бигзашт,
Болҳоро бубахшед ҳиммати парвоз.

Дар даҳон забонатон зинда-ст?
Дар дилтон оташи нумӯ боқист?
Сар аз гиребони худ бурун оред,
Ҳамгунаи куллаҳотон сар афрозед
Ва садо раҳо созед:
– Боғи хаста ҳанӯз –
Алорағми сармо –
Пурҷавона – ст
Ва пурҷавонист!

* * *

Фаромӯшам нахоҳӣ кард,
Агар оламе пайафканӣ зи беёдӣ,
Фаромӯшам нахоҳӣ кард.

Табу тоби ҷавониро фаромуш кун,
Тамузи бӯсаҳои аввалро фаромуш кун,
Насаби сӯзу сози хешро фаромӯш кун,
Ки ишқ буд зиндадораш мудом –
Фаромӯшам нахоҳӣ кард.

Гирам, ки номи ман туро бегона-ст,
Гирам, ки шеъри маро намехонӣ.
Лек ҳар рӯз
Гирди лабони баччагони ту

Номи ман медамад чу табхола
Ва шеъри ман дар сукути хонаи ту
Мешавад танинандоз –
Фаромӯшам нахоҳӣ кард.

Ту нафрин бикунӣ бевафоиро,
Қабои надомат бидӯзӣ ҷудоиро,
Ба хоки раҳ занӣ ғурури ҳавоиро –
Фаромӯшам нахоҳӣ кард.

Фаромӯшам нахоҳӣ кард,
Чаро ки мазҳаби ишқро
Фаромӯшӣ фаромӯш аст.

* * *

Хар қадар сухан гӯйӣ,
Завқи гӯшҳоям бо шунидан нест.
Қайчӣ мезанӣ ба шоху бари ман,
Панҷаҳоятро тавони буридан нест.

Ту агар мавҷи пуршӯри дарёӣ,
Ман якеам зи сахраҳои тӯфонгир.
Бе ҳаёҳӯй аз барам бигзар
В-аз лаби доманам ба ҳарза магир.

Ҳар  гаҳе ки ба саломат бубарӣ
Хешро ту зи тундбоди дили ман,
Офарин ба рӯҳи ман хоҳӣ гуфт,
Гуфт хоҳӣ «Зинда бод!»-и дили ман.

Бешаро холӣ гуфтанат хомист,
Беша пур бувад зи шерони майдонгир.
Ва агар хешро надонӣ беҳуда,
Ту маро ҳам ба ҳарзагӣ мапазир…

* * *

Ҳаво хира,
Дилам тира –
Занги ҳаворо кӣ зудояд?
Бахри диламро кӣ кушояд?

Дил бароям чароғаки сари роҳ аст,
Сабз бошад,
Раҳам ҳама боз аст,
Сурх бошад,
        раҳам ҳама банд аст
                ва дили ман ҳамеша ба сурхии хун аст!

Ин чӣ сеҳр аст?
Асрҳо «Дил!» гуфтаву нолиданд,
Асрҳо «Дил!» гуфтаву хазон гаштанд.
Ин саҳар низ ман гуфтам:
– Эй дил! Эй дил!
Дилам зи сина бичаст,
Пеши андӯҳу дарди ман биншаст.
Гуфт:
– То ту ҳастӣ, будан набитвонам,
То ман астам, ту ҳам натонӣ буд,
Омин!

* * *

Ошиқиро ба ошиқӣ додам,
Девонагиро ба девонагӣ нахоҳам дод.

Девонагӣ хуб аст,
Девонагӣ намемирад –
Ҳамчунон Қайси биёбони беқилодаи араб.
Девонагӣ ғайбатеро,
        ҳайбатеро,
                давлатеро намедонад,
Қонуни танзиму масъулиятро намешносад,

Девонагӣ девона-ст,
Девонагӣ озод аст
Ва чӣ зебост!

* * *

Саҳар омаду ман бесаҳарам,
Офтобам нест,
Ҳамчунон ки то дами субҳ
Хобам нест.

Хобро ба хоб биспорам,
Дардро ба дард биспорам,
Ёдро ба ёд,
Додро ба дод биспорам.
Худро…
Худро ба ҳукми ту биспорам,
Эй Ишқ!

Ту Худоӣ?
Ҷодуӣ?
Фиребӣ?
Ту мои бемоӣ?!

Фаслҳои ту ба ҳам омехта,
Солҳои ту ба ҳам ҳамсон:
Дар баҳори ту поиз аст,
Дар ҷавонии ту умри пирона.

Эй ишқ!
Ту манӣ бо ҳазор афсона,
Ман туам бо ҳазор маънии бегона…

# МЕҲРНОМАИ ДУШАНБЕ

Чу дарёи Душанбе ношикебо
Равон астӣ пур аз нуру зиё ту.
Агар бар дӯши ҳар мавҷе баҳор аст,
Ба Фардо мебарӣ халқи маро ту.

Дар он даврони пурэҳсосу эъҷоз,
Ки ҳар як зарра шодоби ҳаёт аст,
Маро авлоди шоён дил кушояд
Ба он шеъре, ки чун оби ҳаёт аст.

Зи пургӯёни камбин нестам ман,
Ки ҷуз дунёи худ дунё набинам,
Вале бе лаҳҷаи ширини тоҷик
Куҷо ман тоҷике фарзона бинам!

Ба лаҳну сози «Ушшоқи Самарқанд»
Чу «Ушшоқи Душанбе»[1] мешавад ҷӯр,
Карахши тоза мебандад ба ҳикмат
Даруни синаи ман захми носур.

«Фалак» то меравад бар осмонҳо,
Фалак бо қисмати ту меҳрубон аст.
Ҳама мозӣ, ҳама ояндаи ту
Ба набзи пур зи туғёнат ниҳон аст.

---

[1] Шеъри устод Лоиқ дар назар аст.

Зи ҳар ҷӯйе, ки бо ту қисса гӯяд,
Биёяд бӯйи Ҷӯйи Мӯлиёнам,
Агар садсолаҳо бигзашту тай шуд,
Нашуд бӯйи ватан аз устухонам.

Фаротар меравӣ ҳар рӯзу соат,
Ки паҳлу мезанӣ паҳлуи гардун.
Ба тифлонат на вақти хокбозист,
Ки бо истора мебозанд акнун.

Базебу дилфиребу нозанинӣ,
Ки ҳастӣ орзуҳои муҷассам.
Туро армоншикан гӯям, ки бишкаст
Зи ту армони меросии халқам.

Зи марказҳо ҷудо шуд мардуми ман,
Ки дарёбад туро чун маркази хеш.
Зи ҷабри бекасӣ нолиду бигрист,
Ки бишносад туро ҳамчун каси хеш.

Туро парварда хуни нофи тоҷик,
Бувад обу гилат обу гили ӯ,
Гулафшону зарафшон по ниҳодӣ
Ба рӯи хоки аҷдод аз дили ӯ.

Биёмад Рӯдакӣ бо чашми оҷиз,
Ки чашми ту шавад дар роҳи Фардо.
Бияфшондӣ зи домони қабояш
Ғубори ғурбату савдои дунё.

Нишондияш ба тахти ифтихоре,
Ки дорад ҳамсарӣ бо тахти Сомон.
Аз он нуре, ки мерезад зи рӯяш,
Бувад ҳар зарраи хокат чароғон.

Бихондӣ Буалиро аз сафарҳо,
Ки бо ту ҳамсафар бошад сазовор.
Пас аз садсолаҳо осуда гардад
Дар оғӯши Ватан аз ранҷу озор.

Агарчи домани ӯ пора-пораст
Зи гирудори ҳар қавме гирифтор,
Вале чун ҳамдилу ҳамхуни тоҷик
Бувад ҳамсӯҳбати халқи вафодор.

Саҳаргаҳ шонаи пурдарди Айнӣ
Чу хуршеди ту бинвозад ба эҳсон,
Хаёлам, шонаи халқам шавад рост,
Хаёлам, мушкили ман гардад осон.

Чу аз Дониш сухан гӯянд мардум,
Чароғи дониш афрӯзад дили ман.
Ба ёди оқилони ҷумла ноком
Мисоли машъале сӯзад дили ман.

Даме ки шеъри Шоҳин мезанад пар
Чу шоҳин дар фазои осмонат,
Ба худ гӯям, ки ҳоло беҳисобанд
Хирадмандони беному нишонат.

Бале, чун Рӯдакимон кӯр карданд,
Шумори Буалӣ маҳҷур карданд,
Чу Айнӣ шонаи моро шикастанд,
Дари моро ба рӯи мо бубастанд.

Агар такрор гуфтам, бад накардам,
Ки таърихи диёри ман чунин буд.
Ба хок афтода буд, ҳарчанд фазлаш
Фаротар аз фари чархи барин буд.

Насими ҷонфазо омад ба ҳангом
Зи парчамҳои сурхи инқилобӣ,
Дари пӯшидаи мо шуд кушода,
Ба ҳар хона даромад офтобе.

Зи ахтарҳои тобони кулаҳҳо
Чунон шуд пурситора осмонҳо,
Ки пайдо кард наҷми бахти худро
Ҳама бечораи давру замонҳо.

Аз ин ҷо роҳи Истиқлол сар шуд,
Аз ин ҷо Парчами мо бол бикшод.
Умеду орзуи миллати ман,
Раҳи озодиву иқбол бикшод…

Чу Исмоили Сомонӣ назар кард
Ба хуршеди сабоҳи беғуборат,
Бигуфто: «Эй Душанбе, шодмон зӣ,
Ки дорӣ сад Бухоро дар канорат!»

Душанбе! Пойтахти бас ҷавонӣ
Барои мардуми деринаи ман.
Ғами гумкардаҳои мо нагунҷад
Чу дарди миллате дар синаи ман.

Ба ҳар ҷо тоҷике ҳасту сурудаш,
Вале ту пойтахти ҷони моӣ.
Агар оғози мо Балху Бухорост,
Дигар ҳамроҳи мо беинтиҳоӣ!

Душанбе ибтидои ҳафтаю лек
Ту ҳастӣ ибтидои бахти тоҷик.
Қадимему вале аз ту шавад сар
Ҳисоби ҷовидони вақти тоҷик.

Гунаҳ кардам, ки хондам навҷавонат,
Агарчанде ҷавони гулнисорӣ.
Ба зери пуштаҳоят бенишон аст
Чу умри ту манореву ҳисоре.

Зи фалсу сиккае, ки мисли ахгар
Фурӯзон аст дар домони хокат,
Яқин донам, ки равшан буду пуртоб
Замоне ҳамчу гулхан номи покат.

Ниҳон гаштӣ магар ту аз Сикандар,
Ки бархезӣ кунун чун тахти тоҷик?
Дар оташгоҳи ту аз кини аъроб
Намурда оташе чун бахти тоҷик.

Зи Чингиз рӯ панаҳ кардӣ, ки имрӯз
Ба рӯйи мо кушоӣ рӯйи худро?
Зи манғит доманатро содда кардӣ,
Ки пур аз ёр бинӣ кӯйи худро.[1]

Чунон ки мардумат аз хашми душман
Амонӣ ҷуст дар оғӯши кӯҳсор,
Мисоли реша тақдират ниҳон кард,
Ки рӯзе сар кашӣ сарсабзу пурбор.

Туро даврони нав чун боғбоне
Навозиш карду парварду нумӯ дод.
Туро оби ҷабини аҳли заҳмат
Шукӯҳу эътибору обрӯ дод.

Барои ҳастии ту Шоҳтемур
Гузашт аз ҷону номатро набигзошт.
Ба Нусрат Махсумат бошам санохон,
Ки дар домони ту тухми вафо кошт.

---

[1] Аз роҳи Ҳисор фирор кардани Амир Олимхон дар назар аст.

Ба ҷон Айниву Лоҳутии шоир
Қаламро шаҳпули оянда карданд.
Зи меҳри оташини синаи хеш
Суханро машъали оянда карданд.

Ту чун оҳанрабо будӣ, Душанбе,
Барои тоҷикони оҳанинҷон.
Ба ҷазби безаволи ту расиданд
Зи тангиву зи паҳнои кӯҳистон.

Сади раҳ буд обу сангу варта,
Гузаштанду шикастанду париданд.
Мисоли кӯдаки муштоқи модар
Саропойи туро оғӯш диданд.

Садои шеъри Турсунзода бархост
Ҳамоҳанги садои Шарқи озод:
– Ба гардунҳо сари худро барафроз,
Ки завлона зи гарданҳо биафтод!

Биёмад Миршакар бо килку дафтар,
Ки аз Боми Ҷаҳон гӯят саломат:
– Ту боми хонаи ҳар тоҷик астӣ,
Муборак бод ин ному мақомат!

Шарифи Ҷӯра омад бо дутораш,
Дубайтӣ то сарояд дар ҳузурат:
– Ҳамеша гарм боду пурнаво бод
Дили бо набзи ҳар тоҷик ҷӯрат!

Чу Бобоҷон Ғафур омад ба гуфтор,
Ба гап омад ҳама фарҳанги миллат.
Бубин ту ҳайкали пурифтихораш,
Ки бошад ҳамрадифи нанги миллат!

Қатори хиштрезу сангкорон
Маро омад падар чун раҳкушое,
Гузашт аз обу аз кӯҳсори Анзоб,
Кашида аз пасаш роҳи вафое.

Аз ин раҳ ман гузар кардам замоне,
Ки дар оғӯши ту ёбам замонро,
Барои донаи андешаи хеш
Маҷозӣ пай занам сад каҳкашонро…

Нагӯям, к-аз Ҳисору Вахшу Кӯлоб
Ҳазорон баҳри таъмират расиданд,
Зи ҳар мулку диёре ҳамчу ёре
Пайи тадбири тақдират расиданд.

Агар ҳастӣ мисоли қасри пурнур,
Сутунат мӯҳраи мардони кишвар.
Агар ту достони безаволӣ,
Зи ҳар лафзе нишон дорӣ муқаррар.

Миёни кӯҳсорон ноаёнӣ,
Вале дунё туро бинад шаборӯз,
Ту меболӣ, ки бозат ҳаст фардо,
Ту менозӣ, ки бозат буд дирӯз.

Агар ҷамъу парешонӣ, чӣ бок аст,
Ки набвад ному шони ту парешон.
Ҳамеша нангу номуси ту буда
Ба ҳар ҷо тӯшаи роҳи азизон.

Аз он роҳе, ки сӯят раҳ кашиданд,
Басо рафтанд дар гармии майдон,
Ба хоки ғайр мадфун дидаам ман
Писарҳои далери Тоҷикистон.

Агар дуранд, гулҳои ту доранд
Ҳама бӯйи ҷавониҳои ёрон.
Бимирад ғуссаи ҳиҷрони онҳо
Шаби тӯйи висоли дӯстдорон.

Аз он роҳе, ки сӯят раҳ кашиданд,
Расанд аз саҳнаи меҳнат ҳазорон,
Мунаввар мекунад кӯйи ту гӯё
Нишони ифтихори номдорон.

Ту, ки якдонаӣ мисли Авасто,
Туро ёрони якрӯ бешуморанд.
Агар зиштанд, аз ту рӯсиёҳанд,
Агар неканд, бо ту бахтёранд!

Туӣ шаҳри вафову дӯстдорӣ,
Ту шаҳри сулҳ, шаҳри ваҳдати дил.
Зи дасти чарх озоре набинӣ,
Ки ҳастӣ пойтахти давлати дил.

Ба сар то Парчами мо парфишон аст,
Парафшон аст мурғи бахти тоҷик.
Ва Истиқлол чун марди забардаст
Нишаста ҷовидон бар тахти тоҷик.

* * *

Чу дарёи Душанбе ношикебо
Равон астӣ пур аз нуру зиё ту.
Агар бар дӯши ҳар мавҷе баҳор аст,
Ба Фардо мебарӣ халқи маро ту.

# АЗ САФАРҲО, АЗ НАЗАРҲО

## 1. БУРҶИ ЭЙФЕЛ

На сарв асту на шамшод аст,
Вале аз қомати гавҳарфишони дилбаре ёд аст,
Ки ӯ бо домани гулрези худ доманкашон
сӯи саҳар роҳист
Ва ҳамроҳаш ба ҷуз наззораи чашмони ҳайрон нест.

*(Порис)*

## 2. ДАР БОҒИ ҲУКУМАТӢ

Дар растае, ки дастниҳоли бузургон
Сарсабзу хуррам аст,
Дидам дарахти хушбари Раҳмон Набиро.
Гуфтам: ниҳоли мо ба хоки ғайр қад кашад,
Дар хоки мо нишондаи мо бар намедиҳад.

*(Исломобод)*

## 3. КОБУЛ

Кобул ба мисоли қолии садпора-ст,
Кобул ба мисоли қолии чиркин аст.
Афшондану тоза кардану васла задан –
Гар ҳаст туро кори савобе-ин аст!

## 4. ДАР САРИ ГӮРИ АҲМАД ЗОҲИР

*Ки ҳазор лола пӯшад пас аз ин мазори моро.*

Хабари хазони мо бар,
Ту фароғи ёри моро,
Ки фаромашӣ гуноҳ аст
Тарафи мазори моро.

На ҳазор лола ҷӯшид,
На ҳазор лола пӯшид,
Зи хароби хоки мо чин
Ду ҳазор хори моро…

*(Кобул)*

## 5. БОРИ ДИГАР ДАР САРИ ГӮРИ АМИР ОЛИМХОН

Ганҷ бурдиву набурдӣ
Ганҷи моро, ганҷи моро,
Нақди моро «ҳамнишин» бурд –
Бебаҳоро, бебаҳоро.
Аз сари мо он чӣ бигзашт,
Бемуросо он чӣ бигзашт,
Мекашад дар доми ҳайрат
Ҳам худиро, ҳам Худоро.
Хуш ба ҳолат, хуш ба ҳолат,
Вой бар ман, вой бар ман,
Ту бимурдӣ, ман намурдам
Бе Бухоро, бе Бухоро…

*(Кобул)*

## 6. УҚЁНУСИ АТЛАНТИКА

Уқёнуси Атлантика
Модари паҳновари густурда-ст.
Марзу буми гунагунаро гирифта ба канор
Мисли тифлони ширхораи хеш.

Лек меҳри варо на инсоф аст,
Нест лутфаш ба ҳаммагон яксон:
Мениҳад бар яке зи зар сафи дандон,
Дигареро пайи луқма меканад дандон.

*(Дакар)*

## 7. ДАР БОҒИ ШОҲӢ

Боғи шоҳии Алҷазоир
Аз навои мasти булбулон саршор,
Ҳамчунон ки равзаи шеъри Ҳофизи Шероз,
Ҳамчунон ки фазои Хуҷанду Ҳисор.
Булбулон дар ҳама боғу роғи сайёра
Ҳамзабону ҳамнавою ҳамгуна-нд.
Ин фақат одамӣ дусад забон дорад,
Ин фақат одамӣ намефаҳмад
Олами одами канорашро.

*(Алҷазоир)*

## 8. БАЙТИ ТАРҶУМОН

То равон будем сӯи ошёни Шаҳриёр,
Мечакид ашки ҳазини осмони Шаҳриёр.
Нолаҳо мерехт аз шохи хазони тирамоҳ,
Ғусса пар мезад чу мурғи ломакони Шаҳриёр.
Медавид аз ҷодае бар ҷодае боди гузар,
Бо алам мехонд гӯё достони Шаҳриёр.
Хира буд бар обирон чашмони равзанҳои танг,
Рӯ ба рӯ меҷуст бо ҳиммат нишони Шаҳриёр.
Гуфтам: «Эй ғам! Куштанат хоҳам
ба шодӣ!» Гуфт: «Ҳон!
Остони дарду ғам буд остони Шаҳриёр!»
Шаҳр шоир буду шоир шаҳр, гӯё мегирист
Дар дили Табрез байти тарҷумони Шаҳриёр.
Рафтам аз ин обу хоку то кунун гул мекунад
Дар канорам лолаҳои ормони Шаҳриёр.

*(Табрез)*

## 9. ДАР ПОЙИ ҲАЙКАЛИ УМАРИ ХАЙЁМ

Дар паҳлуи ту ҷом надорам, чӣ кунам?
Бо худ дили ором надорам, чӣ кунам?
Гуфтам, ки фалакро зи миён бардорам,
Ман қудрати Хайём надорам, чӣ кунам?
То дар бағалам зи ту китоб аст маро,
Бар нозу ниёзи дил ҷавоб аст маро.
Хомӯшии сангини ту бе ҳарфе нест,
Як байти ту сад хумби шароб аст маро!

*(Теҳрон)*

## 10. НАВҲАИ ХУРӮС

Аз миёни ҷангали торики бетонӣ,
Лобалои оҳану соруҷу мавҷи дуд
Мерасад бонги хурӯсе изтироболуд.

Мисли ман ин мурғаки бечора бетоб аст,
Мисли ман дилтангу бехоб аст,
Интизори субҳи дар пушти ситеғи дур ноёб аст.

Боғ мехоҳад сарандози арӯсӣ аз ҳарири субҳ,
Ҷӯй мехоҳад навои симгун аз рӯдбори субҳ,
Роҳ мехоҳад дили бикшода аз бикшодагиҳои
ҷабини субҳ,
Хона мехоҳад таҷаллӣ аз сафои беғубори субҳ.

Субҳ мехоҳад дили ман дар дили зулмат,
Субҳ мехоҳад хурӯсе бо ҳазорон заҳмату меҳнат.

Эй хурӯси қаҳрамони субҳхоҳон!
Дидаам хуни гулӯятро
Дар раги гарми шафаққо
Субҳгоҳон.

*(Теҳрон)*

## 11. ТАРОНА

Кӯчаи сабзи Анҳори[1] ту
Пургул аз умри гулбори ту,
Гар ҳазорон бувад ёри ту,
Нест чун ман харидори ту,
Ёсуман, Ёсуман,
Мен сени севаман!

Кокулони дарози батоб
Метапад мисли чил ҷӯя об.
Ташнагӣ мекунад инқилоб,
Мераҳад аз лабам ин хитоб:
Ёсуман, Ёсуман,
Мен сени севаман!

Ноз кун, нози ширин туրост,
Доруи ҳачри дерин туրост,
Дилбарӣ баски ойин туրост,
Баҳри дил лутфи чандин туրост,
Ёсуман, Ёсуман,
Мен сени севаман!

Бо ҷавонӣ аз ин раҳ гузар,
Пур кун аз мастиам сар ба сар,
То зи розам шавӣ бохабар,
Бо ту гӯяд маро шеъри тар:
Ёсуман, Ёсуман,
Мен сени севаман!

*(Тошканд)*

[1] Маҳаллаи зебоест дар Тошканд.

## 12. ҶАШНИ ШАРОБ

Базми ангур чӣ хуш,
Ҷилваи нур чӣ хуш,
Авҷи Мансур чӣ хуш,
Эй Хайём!

Раста сармасти шароб,
Кӯча пайвасти шароб,
Ҷумла ҳамдасти шароб,
Эй Хайём!

Ишқ масту шаби ман,
Ишва масту таби ман,
Бӯса масту лаби ман,
Эй Хайём!

Ҷоми масту ғами ман,
Ком масту ками ман,
Ром масту рами ман,
Эй Хайём!

Шӯри ту пираҳанам,
Сукри ту анҷуманам,
Ҳарфи ту дар даҳанам,
Эй Хайём!

Соғарат хуршед аст,
Бодаат уммед аст,
Бо ту ҳар ҷо ид аст,
Эй Хайём!

Соқии ҳар ду ҷаҳон,
Ғолиби дарду ғамон,
Мондаӣ, боз бимон,
Эй Хайём! *(Кишинёв)*

## Ф Е Ҳ Р И С Т


Бо забони нозҳо ........................................ 3
Се баллада ........................................ 11
Дар қафаси боронҳо ........................................ 99
Лолаҳо дар ёлаҳо ........................................ 106
Бо дӯстон ........................................ 202
Тарҷумаҳои нав ........................................ 215
Аз “Дафтари хусравонӣ” ........................................ 227
Меҳрномаи Душанбе ........................................ 306
Аз сафарҳо, аз назарҳо ........................................ 314



**ГУЛНАЗАР**

**ДАР ЧОДАРИ САФЕДИ МАҲТОБӢ**
*(Гулчини ашъор)*

**Ҷилди 1**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 02.12.2015 супорида шуд. Чопаш 04.12.2015
ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 20.0. Андоза 60x84 1/16
Адади нашр 500 нусха.

Муассисаи нашриявии “Адиб”-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар чопхонаи “Илм” нашр шудааст.